194096



# ФОЛЬКЛОРИ ВОДИИ ҚАРОТЕГИН



# ФОЛЬКЛОРИ ВОДИИ ҚАРОТЕГИН



ДУШАНБЕ
НАШРИЕТИ «МАОРИФ»
1986

Ф-82
Тоҷик [6]

Государственная
респ. библ. Тад. ССР
им. А. Фирдоуси
194096
Тоҷик ф

Ф-82 Фольклори водии Қаротегин. (Барои бачаҳои синни калони мактабӣ). Душанбе, «Маориф», 1986. 192 саҳ.

Асарҳое, ки дар ин маҷмӯа гирд омадаанд, ҷиҳатҳои гуногуни зиндагии душвори халқи моро дар гузашта акс мекунанд. Дар онҳо нозуктарин лаҳзаҳои ҳаёти мардум, савдоёни ишқ, ғарибон, кулфатзадагон ва орзумандони ҳаёти озодонаву осуда, ҷаҳонбинӣ ва ҳаётдӯстии халқ, таҷрибаи рӯзгор ва мушоҳидаҳои борики мардум инъикос гардидааст.

Тоҷик [6]

ФОЛЬКЛОР ДОЛИНЫ КАРОТЕГИНА

*Гирдоваранда ва муаллифи сарсухан*
*ГУЛРУХСОР САФИЕВА*

Ф $\frac{4803010000-678}{504(13)-86}$ 133—86

© Нашриёти «Маориф», 1986.

1986

Сӣ-чил сол пеш, вақте ки дар республикаи мо ҳанӯз олимон хеле кам буданду шӯъбаи махсуси фольклоршиносӣ вуҷуд надошт, ҷамъ кардани дурдонаҳои маънавии халқро нависандагони тоҷик ба ӯҳда гирифта буданд. Нависандаи бомаҳорати тоҷик Ҳаким Карим аввалин шуда, зарбулмасалҳои халқиро гирд оварда, нахустин маҷмӯаи ин жанрро ба хонандагон пешкаш кард. Бо кӯшиши ӯ чанд афсонаи машҳури халқӣ низ нашр гардид.

Баъд маҷмӯаи «Латифаҳои тоҷикӣ» мураттаб шуд, ки то имрӯз ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ чандин бор нашр гардид. Тартибдиҳандаи ин маҷмӯа нависанда, олим ва шоири маъруфи тоҷик Абдусалом Деҳотӣ буд.

Дертар бо номи «Намунаи фольклори тоҷик» ду маҷмӯаи сурудҳо, рубоиёт, ғазал ва таронаҳои халқӣ аз чоп баромад, ки маҷмӯаи дуюмро шоири барӯманд Мирзо Турсунзода тартиб додааст.

Нависандагон Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил чанд афсонаи халқиро ба чоп ҳозир карданд. Таҳрир ва нашри аввалини афсонаи машҳури «Бузаки ҷингилапо» ба қалами Ҷалол Икромӣ тааллуқ дорад. Шоирон Мирсаид Миршакар ва Боқӣ Раҳимзода аз забони достонсарои машҳур Қурбон Ҷалил як силсила достонҳои қаҳрамонии халқи тоҷик «Гӯрӯғлӣ»-ро навишта гирифта, ду маҷмӯаи ин достонҳоро солҳои 1941—1942 дастраси хонандагон ва аҳли илм гардониданд.

Дар солҳои баъдина, агар мо маҷмӯаи афсонаҳои халқии тоҷикро, ки аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон К. Улугзода бо таҳрири адабӣ ба чоп ҳозир намуд (маҷмӯаи «Афсонаҳои халқии тоҷик» дар

## ТӮШАИ РОҲ

### (*Чанд сухан дар ҳошияи китоби мазкур*)

Кӣ гуфта метавонад, ки гули аввалинро кадом баҳор аз кадом гулзор чидааст? Кӣ ёд дорад, ки бори аввал кадом таронаро суруда, афсонаеро, ки ҳамеша дар хотираш мондааст, бори аввал аз кӣ шунидааст? Майдони хотираи одам фароху беканор буда, хирмани он донаҳои зиёде дорад, аммо аз ҳам ҷудо кардани ин донаҳо кори осон нест. Ёд надорам рубоии аввалинро аз кӣ, дар куҷо шунида, бори аввал ба дафтари шогирдонаи худ кӯчондаам. Аммо аз гоҳе ки худро мешиносам, ин дафтар, ки баъдан ба китоб табдил ёфт, ҳамеша ҳамроҳи ман буд. Аз рӯзе, ки ин дафтар чун тӯшаи роҳ бо ман аст, оламу одамон, ҳастӣ ва рӯзгор хеле тағьир ёфтаанд, аммо дарду шодии зиндагӣ ҳамчунонанд, ки буданд. Сад сол пеш ҳам аз шунидани байти хунновар чашмҳо пуроб мешуданд, имрӯз ҳам ҳамчунон аст. Ҳамеша душмани зиндагӣ — марг, душмани шодӣ — ғам, душмани вафо — хиёнат ва ғайраву ғайраҳо, ки боиси таркиши дилҳову сарҳо мешуданд, имрӯз низ ҳамчунонанд.

Дили сангину беҳис бояд дошт, ки аз шунидани ин фоҷиаи инсонӣ дил наларзаду чашм пуроб нашавад:

Тарки сараме мисоли чӯби тар сӯхт,
Нисфи ҷигарам барои як модар сӯхт.
Оҳи дилама дар қади он сар додам,
Сангои қади ҷӯйбор сар то сар сӯхт!

Ин рубоӣ ба ман ҳар бор ҳар хел таъсир мекунад. Ҳар гоҳе онро шунавам, аз алами гӯянда тамоми узвҳоям ба дард омада, аз оҳи дили гӯянда оташ гирифтани «сангои қади ҷӯйбор»-ро бо чашмони худ мебинам.

Табиатан шоир будани халқи тоҷикро эҷодиёти ғаниву гаронбаҳои ӯ исбот мекунад. Байту тарона ҳамеша ғизои маънавии халқи ман буд ва ҳамчунон хоҳад монд. Шароити табиии тоҷикзамин халқро ҳамеша барои худсозӣ ва эҷодкорӣ илқо мекарду мекунад. Ҳамеша дар як гӯшаи Тоҷикистон рубоӣ, дар гӯшаи дигараш байт, дар ҷои дигар шоҳномахонӣ, гурӯғлигӯӣ, ҳофизхонӣ мекарданд. Дар сари гаҳвораи тифлон гузоштани китобҳои Ҳофизу Саъдиву Бедил аз анъана ва маънавияти худи халқ сар задаанд. Аз даме ки худро мешиносам, дилбастагиям ба савту каломи мавзуни халқ рӯз аз рӯз зиёда мешавад. Ба ман қисмат дар гӯшае зиндагӣ ато кардааст, ки сарвари ҳамаи базмҳо ва ҳатто мотамҳо рубоӣ буд. Мардуми Қаротегин хурду калон рубоидону рубоихонанд. Ҳар кадом вобаста ба завқу ҳунари худ рубоӣ мегӯяд ва онро чун моли халқ ба дастархони базми умум мегузорад. Аз рубоиҳо қисмати халқ, зисту зиндагонӣ ва шуғли рӯзгор, ғаму шодӣ, сохти ҷамъиятро дидаву дарк кардан мумкин аст. Солҳои панҷоҳум барои ободонӣ ва обёрии замин-

ҳои нав бисьёр кӯҳистониён ба водӣ муҳоҷир шуданд. Як қисми яхчиён, ки ба водии Ҳисор муҳоҷир шуда буданд, ҳанӯз ҳам дар деҳаи Испечаки водии Ҳисор зиндагӣ мекунанд. Ин рубоиро яке аз ҳамон муҳоҷирон гуфтааст, ки ман шахсан мешинохтам:

Торони туруш хурдаму оби Бедак,
Мусофир шудам дар кӯчаҳои Испечак.
Ин кӯчаи Испечак дилгирам кард,
Афтода ба пои худ занҷирам кард.

Рубоиёти халқ таърихи зиндагӣ, балки ҳақиқати зиндагии халқ аст. Беҳуда нест, ки баъди шунидани қиссаҳои фантастикии «Амирҳамза», афсонаҳои некиву бадӣ, ривоятҳои росту дурӯғ, таронаҳои шӯху ҳазич, мардум боз ба сӯи ҳақиқати талху ширини зиндагии худ баргашта, онро бо шеваи гӯё ва ширини рубоӣ изҳор медоштанд:

Дар рӯи раҳат мисоли гард афтодам,
Хӯрда ғами ту ба ранги зард афтодам.
Ғамҳои тура хурдам ман пинҳонӣ,
Баъд аз сари ман, ёр, худат медонӣ...

Рубоӣ мушкилтарин ва писандидатарин эҷоди халқ аст. Баъди рубоиҳои мӯъҷизаноки Умари Хайём дар адабиёти мо рубоиро он шоире ба дараҷаи завқу қабули халқ гуфта метавонад, ки дар дигар жанрҳои адабӣ ва дар худи зиндагӣ ба дараҷаи устодӣ расида бошад. Чун сухан аз рубоиёти халқ равад, ҳақиқати суханони боло равшантар мегардад. Рубоии халқ моли халқ аст. Яъне рубоии халқро на як тану ду тан, балки садҳо одамон ҳамроҳ дар тӯли асрҳо бо дарду шодӣ ва комьёбиву бурду бохтҳои ҳастӣ мувофиқ эҷод мекунанд.

Фольклор зодаи асрҳост, ки онро садсолаҳо таҳриру такмил медиҳанд. Ин эҷод ҳашарҳои умумихалқиро ёдрас мекунад. Аз ин рӯ ҷои ҳайрат нест, ки як рубоӣ дар чанд маҳал бо чанд вариантащ дучор меояд. Одамон рубоиҳоро на танҳо ба завқу орзуву омол ва дарду шодии худ, балки бо маҳал, табиат, фасли сол, машғулият, хулоса бо сохти зиндагии худ мувофиқ мегӯянд. Ҳар рубоӣ қисмате, рӯзгоре, дардеву шодиеро инъикос мекунад:

Аз дур нигоҳ мекунӣ, нашносӣ,
Бо рангаки зарду куртаи карбосӣ.
Очама бугу куртаи албонум куна,
Танма хурдай ин куртаи карбосӣ...

Аз ин рубоӣ манзараи ҳузноваре пеши назар меояд, ки дилро ба сӯзиш меорад. Духтараки дилдодаву нозукбадане ба истиқболи ёри аз сафаромадааш баромадааст. Аз сафари дуру дароз омадани ёрашро «ранги зард»-и духтар ва саволи «мешносӣ» мефаҳмонад. Духтар дар назди ёраш, ки шояд сурхрӯву хушлибос аст, аз муфлисии худ шарм медорад. Оқибат ғурури духтар боло мегирад, ӯ бевосита ба ёр не, балки ба воситаи ёр (ҳарчанд ёри ӯро аз рубоӣ надида, балки буданашро эҳсос мекунем) ба модар, ба шахси наздиктарин ва ҳолдони худ дарди дил мекунад. «Очама бугу куртаи албонум куна»... Аз ин муроҷиат алами нодориву бечорагӣ эҳсос мешавад. Духтарак беҳуда аз модараш куртаи албон талаб намекунад. Албон, ки ранги хушӣ, рӯсурхӣ ва ҷавонист, рамзи сурхидиҳандаи чеҳраи зарди духтар, рамзи нафисиву нозукии тани гӯянда аст. Дар чор мисраи дар диди аввал содда, ҳаяҷони ниҳо-

## ТӮШАИ РОҲ

### (*Чанд сухан дар ҳошияи китоби мазкур*)

Кӣ гуфта метавонад, ки гули аввалинро кадом баҳор аз кадом гулзор чидааст? Кӣ ёд дорад, ки бори аввал кадом таронаро суруда, афсонаеро, ки ҳамеша дар хотираш мондааст, бори аввал аз кӣ шунидааст? Майдони хотираи одам фароху беканор буда, хирмани он донаҳои зиёде дорад, аммо аз ҳам ҷудо кардани ин донаҳо кори осон нест. Ёд надорам рубоии аввалинро аз кӣ, дар куҷо шунида, бори аввал ба дафтари шогирдонаи худ кӯчондаам. Аммо аз гоҳе ки худро мешиносам, ин дафтар, ки баъдан ба китоб табдил ёфт, ҳамеша ҳамроҳи ман буд. Аз рӯзе, ки ин дафтар чун тӯшаи роҳ бо ман аст, оламу одамон, ҳастӣ ва рӯзгор хеле тағьир ёфтаанд, аммо дарду шодии зиндагӣ ҳамчунонанд, ки буданд. Сад сол пеш ҳам аз шунидани байти ҳузновар чашмҳо пуроб мешуданд, имрӯз ҳам ҳамчунон аст. Ҳамеша душмани зиндагӣ — марг, душмани шодӣ — ғам, душмани вафо — хиёнат ва ғайраву ғайраҳо, ки боиси таркиши дилҳову сарҳо мешуданд, имрӯз низ ҳамчунонанд.

Дили сангину беҳис бояд дошт, ки аз шунидани ин фоҷиаи инсонӣ дил надарзаду чашм пуроб нашавад:

Тарки сараме мисоли чӯби тар сӯхт,
Нисфи ҷигарам барои як модар сӯхт.
Охи дилама дар қади ов сар додам,
Сангои қади ҷӯйбор сар то сар сӯхт!

Ин рубоӣ ба ман ҳар бор ҳар хел таъсир мекунад. Ҳар гоҳе онро шунавам, аз алами гӯянда тамоми узвҳоям ба дард омада, аз охи дили гӯянда оташ гирифтани «сангои қади ҷӯйбор»-ро бо чашмони худ мебинам.

Табиатан шоир будани халқи тоҷикро эҷодиёти ғаниву гаронбаҳои ӯ исбот мекунад. Байту тарона ҳамеша ғизои маънавии халқи ман буд ва ҳамчунон хоҳад монд. Шароити табиии тоҷикзамин халқро ҳамеша барои худсозӣ ва эҷодкорӣ илҳом мекарду мекунад. Ҳамеша дар як гӯшаи Тоҷикистон рубоӣ, дар гӯшаи дигараш байт, дар ҷои дигар шоҳномахонӣ, гурӯғлигӯӣ, ҳофизхонӣ мекарданд. Дар сари гаҳвораи тифлон гузоштани китобҳои Ҳофизу Саъдиву Бедил аз анъана ва маънавияти худи халқ сар задаанд. Аз даме ки худро мешиносам, дилбастагиам ба савту каломи мавзуни халқ рӯз аз рӯз зиёда мешавад. Ба ман қисмат дар гӯшае зиндагӣ ато кардааст, ки сарвари ҳамаи базмҳо ва ҳатто мотамҳо рубоӣ буд. Мардуми Қаротегин хурду калон рубоидону рубоихонанд. Ҳар кадом вобаста ба завқу ҳунари худ рубоӣ мегӯяд ва онро чун моли халқ ба дастархони базми умум мегузорад. Аз рубоиҳо қисмати халқ, зисту зиндагонӣ ва шуғли рӯзгор, ғаму шодӣ, сохти ҷамъиятро дидану дарк кардан мумкин аст. Солҳои панҷоҳум барои ободонӣ ва обьёрии замин-

ҳои нав бисьёр кӯҳистониён ба водӣ муҳоҷир шуданд. Як қисми яхчиён, ки ба водии Ҳисор муҳоҷир шуда буданд, ҳанӯз ҳам дар деҳаи Испечаки водии Ҳисор зиндагӣ мекунанд. Ин рубоиро яке аз ҳамон муҳоҷирон гуфтааст, ки ман шахсан мешинохтам:

Торони туруш хурдаму ови Бедак,
Мусофир шудам дар кӯчаҳои Испечак.
Ин кӯчаи Испечак дилгирам кард,
Афтода ба пои худ занҷирам кард.

Рубоиёти халқ таърихи зиндагӣ, балки ҳақиқати зиндагии халқ аст. Беҳуда нест, ки баъди шунидани қиссаҳои фантастикии «Амирҳамза», афсонаҳои некиву бадӣ, ривоятҳои росту дурӯғ, таронаҳои шӯху ҳазич, мардум боз ба сӯи ҳақиқати талху ширини зиндагии худ баргашта, онро бо шеваи гӯё ва ширини рубоӣ изҳор медоштанд:

Дар рӯи раҳат мисоли гард афтодам,
Хӯрда ғами ту ба ранги зард афтодам.
Ғамҳои тура хурдам ман пинҳонӣ,
Баъд аз сари ман, ёр, худат медонӣ...

Рубоӣ мушкилтарин ва писандидатарин эҷоди халқ аст. Баъди рубоиҳои мӯъҷизаноки Умари Хайём дар адабиёти мо рубоиро он шоире ба дараҷаи завқу қабули халқ гуфта метавонад, ки дар дигар жанрҳои адабӣ ва дар худи зиндагӣ ба дараҷаи устодӣ расида бошад. Чун сухан аз рубоиёти халқ равад, ҳақиқати суханони боло равшантар мегардад. Рубоии халқ моли халқ аст. Яъне рубоии халқро на як тану ду тан, балки садҳо одамон ҳамроҳ дар тӯли асрҳо бо дарду шодӣ ва комьёбиву бурду бохтҳои ҳастӣ мувофиқ эҷод мекунанд.

Фольклор зодаи асрҳост, ки онро садсолаҳо таҳриру такмил медиҳанд. Ин эҷод ҳашарҳои умумихалқиро ёдрас мекунад. Аз ин рӯ ҷои ҳайрат нест, ки як рубоӣ дар чанд маҳал бо чанд вариантҳаш дучор меояд. Одамон рубоиҳоро на танҳо ба завқу орзуву омол ва дарду шодии худ, балки бо маҳал, табиат, фасли сол, машғулият, хулоса бо сохти зиндагии худ мувофиқ мегӯянд. Ҳар рубоӣ қисмате, рӯзгоре, дардеву шодиеро инъикос мекунад:

Аз дур нигоҳ мекунӣ, нашносӣ,
Бо рангаки зарду куртаи карбосӣ.
Очама бугу куртаи алвонум куна,
Танма хурдай ин куртаи карбосӣ...

Аз ин рубоӣ манзараи ҳузноваре пеши назар меояд, ки дилро ба сӯзиш меорад. Духтараки дилдодаву нозукбадане ба истиқболи ёри аз-сафаромадааш баромадааст. Аз сафари дуру дароз омадани ёрашро «ранги зард»-и духтар ва саволи «мешносӣ» мефаҳмонад. Духтар дар назди ёраш, ки шояд сурхрӯву хушлибос аст, аз муфлисии худ шарм медорад. Оқибат ғурури духтар боло мегирад, ӯ бевосита ба ёр не, балки ба воситаи ёр (ҳарчанд ёри ӯро аз рубоӣ надида, балки буданашро эҳсос мекунем) ба модар, ба шахси наздиктарин ва ҳолдони худ дарди дил мекунад. «Очама бугу куртаи алвонум куна»... Аз ин муроҷиат аломи нодориву бечорагӣ эҳсос мешавад. Духтарак беҳуда аз модараш куртаи алвон талаб намекунад. Алвон, ки ранги хушӣ, рӯсурхӣ ва ҷавонист, рамзи сурхидиҳандаи чеҳраи зарди духтар, рамзи нафисиву нозукии тани гӯнида аст. Дар чор мисраи дар диди аввал содда, ҳаяҷони ниҳо-

нии ниҳод, чеҳраи зард, рӯзгори муфлисона, дили ҳассос, матои дағали карбосиро, ки онро ҳам на ҳама доштанд, пеши назар меояд. Аз ин рубоӣ мо (ӯ ҳарчанд намоён нест) аз дур бегамона худро ба нодонӣ зада, ба духтар нигаристани ёри бепарвои аз сафар омадаро, ки шояд маъшуқаи собиқашро аз ёд баровардааст ва ҳатто ӯро намешиносад, хулоса як олам тазодҳои зиндагиро дарк мекунем.

Албатта, вақтҳое ки гӯшу хуш шуда ба овози маҳину нуралами ҳамдеҳаҳоям — Аминаву Гулузор гӯш медодам, аз сад тарафи ҳар як рубоӣ бехабар будам:

Долони баланд дорум, миёнуш чуқурӣ,
Як карсон фатир бастам, аловаш чуқурӣ.
Як карсон фатир бастам, нимаш мондай,
Бачам рафтай, нумоли дасташ мондай...

Ин ду зани ҳасратии гамзада, ки гумон доштанд аз деҳаи Яхч берун дигар дунъё нест, шабҳои сарду торики зимистонро барои занони деҳа гарму равшан мекарданд. Ин ду зани маҳзун, ки якеро писараш гумноми ҷанг, дигареро зиндагиаш талх буд, сари овози якдигарро гирифта чунон мехонданду мехонданд, ки «дили санг об мешуд». Аҷаби чашми давраи занонро боз худи онҳо бо рубоии шӯхе пок иза мекарданд:

Боми ҳама бому боми мо дар пастӣ,
Ёри ҳама ёру ёри мо албастӣ.
Мардумо мегап, ба албастӣ дил бастӣ? —
Айби бачагӣ буду гурури мастӣ...

Ман, ки тахминан маънии албастиро мефаҳмидаму «пастӣ»-ро не, баробари ҳама завқ мекардам. Бисьёр мехостам, зудтар калон шавам, чун ин ду зани маҳфилоро мардумро хурсанд кунам. Ҳар чизе, ки аз забони онҳо мешунидам, зуд аз ёд мешуд. Устоди аввалини ҳамаи эҷодкорон халқ аст. Устодони аввалини ман — ин ду зани бесавод низ намояндаи халқ буданд. Он вақт ба ҷуз чашмони пуробу гоҳе хандони ин ду зан, ки аз зарби мушти зиндагӣ дар дилу ҷонашон як ҷои сиҳат набуд, чизеро намедидам, аммо бо фаҳмиши кӯдакона аз суханони онҳо чизи муҳимеро барои худ дарк мекардам. Ҳамеша сӯҳбати ин ду занро меҷустам. Онҳо аз дили худу дигарон намояндагӣ доштанд:

Боло меравӣ, илло ба боло нарасӣ,
Ту зан мегирӣ, илло ба савдо нарасӣ.
Шодӣ мекунӣ, шодита гам гардона,
Нумолчаи тӯйита кафан гардона...

Ин рубоӣ алами дили занонро ифода мекунад. Маҳз зан, зани фиребхӯрдаву дардманд ва ноумед бо чунин алам сухан мегӯяд. Таъсири сухани намирандаи халқ бо мурури замон бештар мешавад. Дар воқеъ, мушоҳидаҳои чандсола ва таҳлили андешаҳоям маро бовар кунонданд, ки қисми бештари рубоиву афсонаҳоро занону духтарон гуфтаанд. Ин сабабҳои гуногун дорад. Занҳои дар гузашта аз тамоми ҳуқуқҳо маҳрум побанди чор девори хона буда табиист, ки дарди дили худро бо шеъру суруд дармон мекарданд:

Ин раҳаки баробара пай мебинум,
Ин бачаи рафтагира кай мебинум?

Мебинум намебинум дар мегирум,
Сангои хунука дар ҷигар мегирум...

Меҳри рубой, байту тарона маро якумр ошиқи гулу сабза ва майсаҳои баҳор кард. Ба гули зардаки синаи барфро чоккарда нигариста, дарҳол рубоие ба ёдам меомад. Аввалин гули сиёҳгӯшро ба деҳа меовардаму роҳ ба роҳ рубой мехондам. Пабло Неруда дар хотираҳояш мегӯяд: «Шеъре навишта будам, аммо паррандаву гамбускҳоро, тухми кабкҳоро, ки чун алоча хатдору ҷилодор буданд, дӯст медоштам. Гулпаракҳоро сур мекардам, ҳамроҳашон пойгаҳ мемондам. Дар даҳсолагӣ як мисраъ шеър нанавишта, шоир шуда будам». Меҳри шеърро дар дили ман занҳои Яхч, меҳри зиндагиро талу теппаҳо ва чашмаҳои деҳаам аз кӯдакӣ ҷой кардаанд. Дар шеърҳоям пайваста ба деҳа муроҷиат карданам табиист. Дар деҳаи ман пештар ҳама дутор менавохтанд. Вале ҳозир дар деҳа ҳамагӣ чанд дутор ҳаст, ки гоҳе мӯйсафедон онҳоро ба даст мегиранду халос. Афсӯс мехӯрам, зеро дутор ифшокунандаи эҷодиёти мардуми ин маҳал ва ҳамҷӯри рубоиҳост. Бо гум шудани дутор рубоиҳо ҳам аз ёдҳо фаромӯш мешаванд, чун афсонаҳои нодири Холи яхакӣ...

Баъди воқеае, ки ҳатто нақл карданаш бароям гаронӣ мекунад, ман ҷиддан ба ҷамъ кардани эҷодиёти даҳанакии халқ машғул шудам. Мешунидам, ки дар деҳаи Яхак Хол ном мӯйсафеди қиссаву афсонагӯ зиндагӣ мекунад. Қисса, афсона ва ривоятҳое, ки ӯ медонад, ба тарзе, ки ӯ нақл мекунад, ҳамто надоранд. Зимистонҳо барои шунидани қиссаҳои ӯ, ки баъзан як афсонаро ду-се рӯз нақл мекардааст, мардум гурӯҳ-гурӯҳ шуда ба Яхак мерафтанд, ё агар ризо шавад, мӯйсафедро ба деҳаҳои худ таклиф мекарданд. Ба масҷиди деҳаи мо ҳам ӯро меоварданд. Падарам аз масҷид омада, ба тариқи худ афсонаҳои бобои Холро ба мо нақл мекарду ҳар бор мегуфт: «Бе муҳобот кони сухан аст ин мардак». Овозаи бобои Холро бисьёр шунида будам, худашро диданву афсонаҳояшро шунидан мехостам. Рӯзе дар роҳи Яхчу Яхак бо ӯ дучор омадам. Мӯйсафеде буд қоматхамидаву асобадаст, синнаш аз ҳаштод гузашта. Ӯ барои яхчиён чанд шабу рӯз афсона гуфта, акнун оҳиставу батамкин ба сӯи манзилаш роҳ мепаймуд. Чун дар деҳот аз рӯи одоб хурдон дар ҳузури калонсолон аввалин шуда гап намекушоянд, ман дер гоҳ аз пушти мӯйсафед хомӯшу бо ҳасрат нигоҳ кардам. Чанд моҳ гузашту шунидам, ки бобои Хол оламро тарк гуфтааст. Одамон аз марги мӯйсафед афсӯс мехӯрданд. Афсӯс мехӯрданд, ки ин гӯяндаи соҳибсухан шояд охирин одами бесавод, аммо кони панду насиҳату афсонаву ривоят буд, ки бо худ тамоми ганҷи ниҳони каломашро ба хоки сиёҳ бурд. Ҳамон вақт ҳақиқати талхеро ҳис кардам. Одамони босавод, ки бо ин мӯйсафеди дарьёдил шинос буданд, чи хатои нобахшидание содир кардаанд. Касе ягон афсона ё ривояти ин пирамардро навишта нагирифтааст. Ӯ ганҷинаи бебаҳои истеъдоди худ — тамоми қиссаву афсонаҳои худро, ки шояд мероси чанд наслҳову асрҳо буданд, бо худ абадан бурд.

Аз он дам солҳои зиёд гузаштаанд. Дафтарҳои зиёди назмиву насриеро, ки бо илтимосу илтиҷо ва номаҳои бешумори худ аз донандагон ва мухлисони эҷодиёти даҳанакии халқ гирд овардаам, бешуморанд. Бисьёриҳо чизе ки шунидаанд, рӯйбардор карда фиристодаанд. Бисьёр байту рубоиҳо, афсонаву ривоятҳо, таронаҳо вайрону каммазмунанд. Маҳз ҳамин чизҳо маро маҳзун карданд, ба ташвиш оварданд, зеро бо мурури вақт на танҳо гӯяндагони мумтоз, балки шунавандагони хушзавқ ҳам кам мешаванд. Хушбахтона, бисьёр дафтарҳо маро хурсанд карданд. Қариб аз ҳар дафтар як байт, як рубоии хуб, як масал ё ду-

байтии қолибе пайдо кардам. Китоби мазкурро ман танҳо гирд наовардаам. Ба қавли шоир «Як гули мақсуд дар ин бӯстон, чида нашуд бе мадади дӯстон». Дар ҷамъоварии ин китоб бисьёр касон ширкат доштанд. Ҷуғрофияи ҷустуҷӯи мо аз Файзобод то Ҷиргатолро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин бо боварӣ гуфта наметавонам, ки ҳама ганҷинаи қиматбаҳои ин маҳалҳоро мо гирд овардаем. Ин номумкин аст. Зеро чи гуна метавон дарьёро дар косае овард. Ҳангоми оростани ин китоб бо хайрхоҳони зиёди каломи халқ шинос шудам, ки бе ёрии онҳо арзи вуҷуд кардани ин китоб номумкин буд. Тавассути ин рафиқон дар мактабҳо маҳфилҳои «Ҷӯяндагони ҷавон»-ро ташкил кардем. Маҳсули ҷустуҷӯи ҷӯяндагон ба шӯъбаи фольклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ РСС Тоҷикистон супорида мешуданд. Бисьёр хайрхоҳон вақту қувваи худро дареғ надошта, ҳамроҳи муаллифи ин сатрҳо ба маҳалҳо мерафтанд. Ҳар чи ки мешуниданд, ба рӯи дафтар меоварданд, аммо баъзе шӯҳратхоҳонро ҳам дучор омадем, ки агар ду рубоӣ ҷамъ карда бошанд, даъво мекарданд, ки номашонро дар саҳифаи аввали китоб бояд сабт бикунем. Дар чунин ҳолатҳо ҳиммати муаллифони гумноми эҷодиёти халқ бароям бештар меафзуд.

Ҳангоми муқоисаи рубоиҳо, махсусан бо китобҳои дигари аз ин пеш чопшуда мо вариантҳои гуногуни як рубоиро дучор меомадем, ки ин ҳам табиист. Рафтуомад, муносибатҳо, вохуриҳои мардуми маҳалҳои гуногун, ки бе байту тарона намегузашт, сабаби аз маҳал ба маҳали дигар «кӯчидан»-и рубоиҳову таронаву байтҳо шудаанд. Дар баъзе рубоиву дубайтиҳо қофияҳо ва ҳатто байтҳо вайрон шудаанд. Хубтар дидем, ин вайронкунӣ ҳам сабаб доштааст. Агар рубоие қофияи вайрон дошта бошад, ин ба ҳолати рӯҳ ва мақсади гӯяндаи он мувофиқ шудааст. Яъне шахсе, ки аз ӯ рубоии мазкур навишта гирифта шудааст, ин корро бо мақсаде кардааст. Ҳарчанд ин амал шоистаи таърифу дастгирӣ нест ва аниқ аст, ки дар варианти асосиаш ин рубоӣ мукаммал ва хуб аст. Масалан:

Имшаб чӣ шабай, алови дар месузум,
Ба мирбачара ҷомаи нав медузум.
Сӯзанум шикаст, ба хору хас медузум,
Риштам камӣ кард, ба мӯи сар медузум...

Аз рӯи талаби қофияҳои сонӣ ва мартабаи мирбача бояд ҷомаи нав не, ҷомаи зар бошад, азбаски ин «мирбача» сонӣ домоди нав ё домодшаванда аст, мирбачаи аслӣ бесту зару зевар надорад, ҷомаи зарро гӯянда ба мақсади худ мувофиқ карда, ҷомаи нав кардааст...

Эҷодиёти даҳанакии халқ таърихи гӯёи мардум аст. Гирд овардан, омӯхтан, аз ёд кардан, қадр кардани таърихи ниёгон вазифаи шарафноки ҳар яки мо мебошад.

Ҳангоми кор дар болои ин китоб ман чанде аз хазинаи шӯъбаи Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон баҳра бурдам. Бо вуҷуди хизматҳои шоиста ва чандинсолаи ин шӯъба бо сардории академик Раҷаб Амонов, ҳанӯз ганҷинаи бешумори гаронбаҳое дар байни мардум чошу пареш аст. Гирд овардан, дастраси илму омма кардани ин ганҷинаҳо вазифаи на танҳо олимон ва адибон, балки вазифаи ҳар як фард аст. Дар бораи таъсири ин меҳнати чандинсола ба эҷодиёти ман, ба меҳнатпарастӣ ва мардумшиносиам ҷои сухан нест. Аз ин сабақи бебаҳо ман барои худ ва шояд барои дигарон ҳам, чанд мушоҳидаи равшан ва аниқро пеши назар овардам, ки пештар бароям номаълум буданд:

1. Қариб аз нисф зиёди рубоиёти халқро занону духтарон гуфтаанд. Ин ақидаро бори дуввум барои он қайд мекунам, ки шояд дар оян-

да олиме ба таҳлили ин ақида шурӯъ намояд ва дурустии ин ақидаро бо далелҳо барои мо маълум кунад.

2. Дар давоми кор дар оростани ин китоб ягон бор ба калимаи «чодар ё фаранҷӣ» во нахӯрдам. Ҳарчанд чакидаҳои ин китоб зиндагии тӯлонии мардуми кӯҳистони тоҷикро дар бар мегирад. Пас маълум мешавад, «фаранҷӣ» хоси занони тоҷик набуда, дар рӯзгори онҳо ҳеҷ гуна нақше надоштааст. (Ба мо аз рӯзгори дигар қавмҳо гузаштааст).

3. Маълум мешавад, ки дар давраҳои қадим дар ҳаму теппаҳои кӯҳистон пахтаи лалмӣ кишт мекарданд. («Борони баҳору ғӯзаҳои лошӣ...» ва ғайра). Чӣ тавре, ки пештар мегуфтаанд «пунба» дар ин ноҳия зироати қадимӣ будааст. (Комсомолободи ҳозира «Пунбачӣ» ном дошт).

4. Дубайтӣ гуфтан хоси мардуми кӯҳистони тоҷик набудааст. Дар давоми ин солҳо чанд дубайтие, ки ба даст овардем ё дубайтиҳои маъмулро ба ёд меоранд ё дар дигар маҳалҳо ҳам маълуманд.

5. Занону духтарон, гӯяндагони асосии рубоиҳои дарднок, бештар бо умеду орзуи зиндагӣ такья карда, аз ноумедӣ мегурезанд. Барои бахти худ мубориза мебаранд. Онҳо ниҳоят орзупарвар, мағрур ва ниқорталабанд.

6. Дар рубоиҳо асосан духтаракони дилдода, модарону хоҳарони зиндаҷудо, занони бокчундори (палонч) аз рашк печида, арӯсони нокомро дучор меоем, ки худашон бо забони ҳол қиссаи бахти сиёҳу рӯзи бадашонро ҳикоя мекунанд. Образи модар, модари аскарону мардикорон, модари фарзандони дурафтодаву ҷавонмарг, модари ҳасратолуд дар рубоиҳо ниҳоят барҷастаанд.

7. Образи модари ҷавонеро, ки аз тифли аввалини худ хушнуд бошад, ба фарзанди худаш меҳрубонӣ кунад, пайдо карда натавонистам. Ин сабаби иҷтимоӣ дорад. Духтаракони ҳанӯз ба балоғат нарасидаро маҷбуран ба шахси ношиносу дилнохоҳ ба шавҳар медоданд. Табиист, ки духтаракони ҳанӯз худашон дар ҳукми тифлӣ буда ба фарзандони аввалини худ меҳр надоштанд. Ягон мисоли меҳру муҳаббат ва меҳрубонии модарони ҷавонро нисбат ба тифлони ширхорашон пайдо накардам. Аз чӣ бошад, ки дар даври пеш ба сари даст гирифтан, навозишу меҳрубонӣ кардани фарзанди аввалин аз тарафи модари ҷавон аз одоб берун ҳисоб мешуд. Ҳанӯз ҳам ин қонуни нонавиштаро дар деҳот навхонаҳо риоя мекунанд.

8. Тасвири табиат, манзара, ҳолати рӯҳ, сару либос, синну сол, иҷтимоиёт, фаслҳои сол, хоки диёру сангу теппаҳоиш дар эҷодиёти халқ бисьёр зинда аст. Рубоиҳое ҳастанд, ки аз рӯи онҳо рассоми мумтоз метавонад расмҳои нотакрор бикашад.

9. Ба хотири мазмун хароб кардани шакли шеърӣ, махсусан рубоиҳо дар эҷоди халқ бисьёр дучор меоянд. Дар баъзе чакидаҳо ин кор чунон устодона шудааст, ки кас дар назари аввал вайронии онро пай намебарад. Дар дигар ҳолатҳо вайронии қофия ва ҳатто вазн бисьёр назаррас аст. Дар ҳар ду ҳолат ҳам то нусхаи аслии рубоиро пайдо накунем, худсарона ба таҳрири ин ё он рубоӣ мо ҳақдор нестем. Ин кори хайрро, муқоисаи вариантҳоро шӯъбаи фольклори Институти забон ва адабиёт ба ӯҳда гирифтааст.

Ин чанд ақидаро ки изҳор доштам, моли хаёл, дид, дил ва кори оиндаи худ меҳисобам.

Шеъру суруд, тарона, байт, ки овозу фарьёди диланд, дарди баланд ё шодии баланд тавлид мекунанд. Падару модари шеър дарду шодӣ аст. Он чакидаҳоеро, ки аз оби дидаи дард ба забон омадаанд, он чакидаҳоеро, ки аз чашмаи шодии одамӣ сар зада моли халқ ном гирифтаанд, чун тӯшаи роҳи зиндагӣ ва эҷодӣ ҳамеша бо худ хоҳам дошт.

Ин китобро ба хонандагони арҷманд пешниҳод карда, умедворам хотири эшонро болида мебинам.

Маҷмӯаи мазкур аввалин кори ҷиддиву калонҳаҷм ва мустақилонаи банда аст, ки шояд аз камбудиҳо холӣ набошад. Шояд бисёр чизҳои дигари пеш аз ин дар дигар маҷмӯаҳо чопшуда дар он ҷо дода шудаанд.

Таҳлил, таҳрир ва ислоҳу имлои ин китобро ба худи хонандагон ҳавола мекунам. Фикру мулоҳиза ва андешаҳои хайрхоҳонаи шумо оид ба ин маҷмӯа, ба ҷӯяндагони оянда ва муаллифи ин сатрҳо, ки чун шумо хонандаи мухлис аст, ёрии бебаҳо хоҳад расонд.

* * *

Ба дӯстони меҳрубон академик Р. Амонов, ба кормандони шуъбаи фольклори АФ Тоҷикистон ва омӯзгорон Қ. Наимов, Ш. Исмоилов, С. Муллоҷаев, шоир М. Ҳотам, махсусан ба А. Комилов барои ёрии беғаразона ва дӯстонаашон арзи миннатдорӣ мекунам.

**Гулрухсор Сафиева.**



## РУБОИҲО

Ту бачаву ман духтар ишқ овардем,
Сесад гули сурха аз Димишқ овардем.
Ман дастаи гул шаваму ту дастаи хас,
Ман сӯзаму ту сӯзӣ, надонад ҳеҷ кас.

* * *

Боло меравӣ, ҷӯра, ки ёдут мекунум,
Ҳарҷое равӣ, ҷӯра, сурогут мекунум.
Ҳар ҷое равӣ, кӯтоҳ шавад роҳаки ту,
Сарма бибуран ҷудо намешам аз ту.

* * *

Қадакма бубин, ки қадут ҳастум ё не?
Рангакма бубин, ки рангут ҳастум ё не?
Худ гуфта будӣ: «Дар як болин сар монем»,
Оё ки муносиби ту ҳастум ё не?

* * *

Сабзинаҷувони пурхумори бангӣ,
Дар бобати ошиқӣ чаро бенангӣ?!
Чандин ҷавон дидем, хушдор нашидем,
Гандабачае хуш мутбалои ту шидем!

* * *

Дар руваки сандалӣ қалам метрошӣ,
Ёрат манаму ёри дигар мешносӣ,
Ба рӯи дилум: «Ака саломат бошӣ»,
Ба тахти дилум: «Ҷурай қиёмат бошӣ».

* * *

Ай бари боло умаданота садқа,
Остини ба қад подуманота садқа,
Остини ба қад дидем, хушдор шидем,
Бо маломатои мардум гирифтор шидем.

* * *

Боло меравӣ, иллоҳ ба боло нарасӣ,
Ту зан мегирӣ, иллоҳ ба савдо нарасӣ.
Шодӣ мекунӣ, шодита ғам гардона,
Нумолаки туита кафан гардона.

* * *

Ин хонаи чорпула ба мо хона шидаст,
Ғам дар дилакум анори пурдона шидаст.
Мардум меган, ғамора беҳуда нахӯр,
Чун ғам нахурум, ки ёрум бегона шидаст?!

* * *

Эй тоқичустӣ, куҷо мерай? Фарғона?
Ошиқат шудам дар дари мактабхона.
Ошиқат манум, ҷӯраҳот медона,
Ҳар кас, ки ҷудот куна, ба ғам дармона.

* * *

Ман дуст медорум қадаки болора,
Хамбидани пешору, лаби дарьёра.
Ҳарчан гуфтем, туро надодан мора,
Худо бикуша душманакои мора.

* * *

Район меравӣ, мана хабар дода бирав.
Дастнумол тиям, рута пок карда бирав.
Ҳар вақте арақ кунӣ, рӯ пок кунӣ,
Ба буҳнаи дастнумол маро ёд кунӣ.

* * *

Дар гушаи бом будам, ҷангум кардӣ,
Навдаҳаки тут будум, бандум кардӣ
Навдаҳаки тут будум ҳамам ғура,
Эй бачаи бевафо, фандум кардӣ!

* * *

Пудинаи лаби об шудай меваи тар,
Ру ҷониби мо кардӣ, дил ҷои дигар.
Худакта намефорид ай сари маҳал,
Ин ҷигари сухтама чаро додӣ хабар?

* * *

Пудинаи лаби об шудаст меваи тар,
Ру ҷониби мо дорию дил ҷои дигар
Ношукрӣ накун аз мани гулгунчаи тар,
Овора шавӣ аз паи зебои дигар.

* * *

Ин ёраки ҷон мерава сар-сарӣ боз,
Холҳои сиёҳ дораю қошони дароз.
Роҳ мерава, гап мезана бо рафиқош,
Мана куштаст рубобзаниҳои баноз.

* * *

Бача мегирум, бачаи бологира,
Дар сар медозум нумоли эронира.
Ин нумоли эронӣ даридан гира,
Ин бачаи бологӣ харидан гира.

* * *

Олуча ката кардум ба сад меҳру гиё,
Дастакма гирифта гуфт: «Аз хона баро!»
Тагдири худум будаст, ризогии худо,
Ҳарчанд кунӣ, аз ту намешам ҷудо.

* * *

Акаи худум ай бари боло шиштай,
Муи сарша ба оби тило шиштай.
Муи сарша ҳалқа кунум дар гушум,
Бозор барум, савдо кунум, нафрушум.

* * *

Чормагзаки чорқушаи лави гандум,
Бачамардак, қошон сиёҳта гардум!
Тарси падарум набоша, шарми мардум,
Било ба худо, гирди сарут мегардум.

* * *

Ман садқа шавум кутали рубОлора,
Аскарои бурдаги лаби дарьёра.
Курчак бигирум, бод кунум барфора,
Сармо набара поҳои аскарора.

* * *

Дулонаи дуқушаву қушмайдунум,
Эй акаи рафтагӣ риштаи ҷунум.
Рӯзе биёяд шава акам меҳмунум,
Сар дар пеши пош мунум, бароя ҷунум.

* * *

Як апаву як хоҳару як ришта будем,
Мо ғаллаи сабза дар замин кишта будем.
Мо гуфта будем, ҷона ба ҷон медунем,
Чӣ медунем миюни раҳ мемунем?

* * *

Эй очаи ҷун, дафтара афтар накунӣ,
Ҳар роҳгузара хаёли духтар накунӣ,
Мо медонем, дар пешут духтар дорӣ,
Духтарта дидӣ, хаёли дигар накунӣ.

* * *

Дар руи раҳат мисоли гард афтодам,
Ғамҳои туро хурда ба дард афтодам.
Ғамҳои туро хурдам ман пинҳонӣ,
Баъд аз сари ман, ёр, худат медонӣ.

* * *

Санҷит соя, таҳаки санҷит соя,
Дара ҳуй кунед куртакабуд будроя.
Дастша бигирен руи декун буроя,
Сӯҳбат бикунем, дуди дилмун буброя.

* * *

Пудинаи боғи мо чӣ буе дора,
Сабзинаҷувон чӣ гуфтугуе дора.
Сабзинаҷувон, қадут ҳамели писта,
Дар миғаи сад ҷувон худут гулдаста.

* * *

Оҳ бачаву оҳ бачаву оҳ рафтанакот!
Дар гушаи кати духтаро шиштанакот!
Гуфтам, ки равум гирум аз кашталакот,
Оҳ зораву оҳ ҷигиву оҳ қасамакот!

* * *

Хушбӯй бунафша дар ҷаҳон афтодай,
Ҷон дар паи ёри меҳрубон афтодай.
Дил мехоҳад, ки ҳар замонаш бинам,
Ин оби калон дар миён афтодай.

* * *

Чайлоби баланд ру ба ҷунбиш дорад,
Сабзинадухтар дилуш ғурумбиш дорад.
Гуфтам биравум буса гирум аз лаби у,
Бевай очаш сагора киш-киш дорад.

* * *

Дар қади ниҳоли навниҳолут ҷонум!
Дар гардиши чашмони хуморут ҷонум!
На дусти азиз дорум, на ёри ба дил,
Дар гардани каҷи интизорут ҷонум!

* * *

Борони шибитноку мо дар нигасем,
Мардум, ки падар меган, мо дар ҳавасем.
Падардора либоси нав пушонанд,
Мо бепадарем, хока ба сар мепошем.

* * *

Ман садқаву ман садқаву ман садқаи ту,
Ман садқа ба абрувони пайвастаи ту.
Аз ёрам ҷудо шудам аз бахшаки ту,
Ношукрӣ ба ошиқии серузаи ту.

* * *

Очат туро лат мекард, ман медидум,
Дар таҳаки долуни ту меларзидум.
Гуфтум, биравум химча гирум аз дастуш,
Аз очаи бадҷаҳли ту метарсидум.

194096

* * *

Эй ҷураи ҷон, лаб-лаби дарьё шавӣ чӣ?
Монандаки моҳи нав пайдо шавӣ чӣ?
Монандаки моҳи нав бубинум рута,
Шамолаки куҳистон биёра бута.

* * *

Духтар духтаре, алвидои ту шудам,
Суфию халифа аз барои ту шудам.
Хубони ҷаҳон омад ёраш нашудам,
Ганда духтаре хуш мубталои ту шудам.

* * *

Дар раҳаки рупоюн дидум пайёта,
Дутор мезадӣ, нашнидум гапҳота.
Корпешбар надорӣ, пеш бара корҳота,
Бо гур мебарум, ҷура, аламҳота.

* * *

Дар лабаки бунг шину чилим барпо кун,
Ту дону худо, як назаре бар мо кун.
Ту дону худо дорӣ дашти арасот,
Аз гӯшаи ошиқӣ гапе пайдо кун.

* * *

Ҳаргиз ба сари хоро бирешум натанӣ,
Ёре, ки ба дил набоша, ҷонуш наканӣ.
Ёре, ки ба дил набоша, нобудануш беҳ,
Себе, ки туруш боша, нохурдануш беҳ.

* * *

Ман садқа шавум ай ар-аро болора,
Ин куртасафед болои мактабора.
Қобил нестӣ, ба сар барӣ корора,
Ин ғамҳои беҳудат куштай мора.

* * *

Ай бари боло миёй, ҷонум қурбонут,
Тай костуми шерс, даснумол дар миёнут.
Як гап назадӣ бо лабакой хандонут,
Ҷаврора ба мо кардӣ, бисуза ҷонут!

* * *

Биё-да бурем аз ин вилояти ғаме,
Оби дидама на дуст бина, на душмане.
Оби дидаме ҷадал-ҷадал мерезад,
Аз миҷа хато хурда бағал мерезад.

* * *

Ғашнич кабуд, гулаки ғашнич кабуд,
Ин ёри мана маҳали зангириш набуд.
Ин ёри мана душмано зан додан,
Дар ҷигари ман оташак сар додан.

* * *

Э духтари ҳамсоя, мара ёр бигир,
Савғоти мара аз сари девор бигир.
Имшаб, ки мара ҷои дигар металабан,
То омаданам худакта бедор бигир.

* * *

Дар лаваки бом шинум, дар пешам ҷой,
Дардакум зурай беҳуда мегирьям вой!
Аз рӯзи аввал намешудум хушдорут,
Моро куштано чашмони пурхуморут.

* * *

Имрӯз дилум намекушояд бе ту,
Сад шаҳд хӯрам, заҳр намояд бе ту.
Дар ҳолати ташнагӣ лаби оби ширин,
Сад оби ширин талх намояд бе ту.

* * *

Оллоҳи ҳамон вақтҳо, ки дар боғ будум,
Гунҷишки паранда ба ҳар шох будум.
Шохам бишикаст, сарнагун зор шидум,
Оё бо дуои кӣ гирифтор шидум?

* * *

Як даста гулам, ки дар Яман месӯза,
Ҳайфи баданам, ки дар кафан месӯза.
Ерон азиз, мара эродум нагирен,
Нисфи ҷигарум барой ватан месӯза.

* * *

Аз ёр ҷудо нашав, ки бе ёр шавӣ,
Бар хандаи ёри мардумо зор шавӣ.
Бар хонаи дусти худ бисьёр нарав,
Ҳарчанд азизӣ, оқибат хор шавӣ.

* * *

Дарьёра бубин, гузар намета акама,
Сарбоза бубин, рухсат намета акама.
Сарбоз — сарбозе, хонумонат сузад,
Аз акам ҷудо шудам, дилум месузад.

* * *

Дарьёра бубин, ҳазор мола мекуна,
Ғам дар дилакум ҳазор нола мекуна.
Мегум биравум, акама бинум, биёюм,
Ин роҳи дароз ҷигарма пора мекуна.

* * *

Офтоб задай дар сари кӯҳи шодӣ,
Ака гули сурх, хоҳар гули бағдодӣ
Эй акаи ҷон, хуб ҷон беҷо додӣ,
Дуруза умри ширинма барбод додӣ.

* * *

Гунҷишк будум, дар тагов афтодум,
Гулғунча будум, дар азов афтодум.
Гулғунча минаи роҳ намонад ҳаргиз,
Монанди ҳақиғ дар алов афтодум.

* * *

Дар боғ будум, боша надоштум сари даст,
Дар фикр будум, боша чап доду гузашт.
Эй бошаи маст, биё бишин дар сари даст,
Як накле бикун, хубии умрум бигузашт.

* * *

Чашмум парид, чашми чапам руи рост,
Дил васваса мекунад, ёрум ба куҷост.
Ёрони ҳама шиштанд ҳам дар чапу рост
Ин ёраки нозанинум имсол да куҷост?

* * *

Эй ёраки ҷон, чӣ пурҳавас мегардӣ,
Дар минаи рафиқот батарс мегардӣ.
Битарсию натарсӣ, овоза шидай,
Монандаи кавги дар қафас мегардӣ.

* * *

Ин беди баланд ру ба руи хона,
Шохо ба замин гузаргаҳи ҷонона.
Ё бори худо, ёрум биёя хона,
Чанд гилаю озор кунам, ҷонона.

* * *

Боло меравӣ, дуо бигу болора,
Ин бачаи сабзинаи бепарвора.
Бепарвора ба сар бара корора,
Ғамакои беҳудаша ната мора.

* * *

Эй ҷураи ҷон, хардумон дар назарем,
Ту болои бом шиштай мо назди дарем.
Ҳар лаҳза ай пеши якдигар мегузарем,
Халқо медонан мо ошиқи якдигарем.

* * *

Дар сар медозум нумоли ғаҷумдора,
Худум мегирум маълими мӯйсардора.
Маълима буген ба сар бара корора,
Дар минаи душмано напартоя мора!

* * *

Ин обаки Душанбе руяш пулай,
Дӯстой ширин, роҳаки акам дурай.
Дурай-дурай, бо хизматош машғулай,
Дустой ширин, зиндаҷудой зурай.

* * *

Ман шишта будам аз уру овоз омад,
Ҳайдагири акаҷун ба як тоз омад.
Эй хешу табор, хезен пешвоз бурем,
Ин давлати рафтагии мо боз омад.

* * *

Аз хона баромадем, гуфтем видоъ,
Аз ёри азизи худ шудем зиндаҷудо.
Дустони азиз, шумо ҳама хуш бошед,
Кардам сафаре, ки омадан нест маро.

* * *

Дар сари ёрум тоқии сурхи ҷигарӣ,
Поиска омад намози шоми дигарӣ.
Гуфтум, биравум, раиса пурсум саҳарӣ,
Раис мега, ки ёрта бурдан аскарӣ.

* * *

Ин роҳаки Оби Гарм маро шум шидай,
Ин ҷувони хушкардаи ман гум шидай.
Мардумо мегап, ғам нахур, меоя,
Кай меоя, ҷон дигар рум шидай.

* * *

Ман садқа шавум пудинай лавовира,
Ман садқа шавум ҷурай куловира.
Дар саруш монум тоқии шоҳира,
Ай мо накана домани безорира.

* * *

Дар боғи падар ниҳоли пасмонда манум,
Дар хунай падар сайди ҷигарсухта манум.
Бо бахти сафеди худ ҳама шодӣ кунанд,
Бо бахти сиёҳ миёни раҳмонда манум.

* * *

Бача, бачае, дар ғамакот сухтум,
Нумолаки фидой ба номут духтум.
Нумолаки фидой тан долунда,
Ту зиндаву ман ҷон дигар чашм духтум.

* * *

Як ёр доруме сарҳади боло ватануш,
Ай барфи зимистона сафедай гардануш.
Гуфтум, ки равум сайл кунум дар чамануш,
Гулғунча шавум зеб шавум дар гардануш.

* * *

Офтоби паси ағба паноҳ кард маро,
Оҳи дили ӯ ҷура хароб кард маро,
Оҳи дили ӯ ҷура ба ҷое нарасид,
Тағдири худум аз ёр ҷудо кард маро.

* * *

Шибитаку шибитаку шибиткорум,
Ин бачаи диёрӣ шудай хушдорум.
Ин бачаи диёрира руи хунукуш,
Дар хок бурава куртай нилони тунукуш.

* * *

Аз нусқаи тоқит тос мегирум ман,
Оина ба дасти рост мегирум ман.
Аз туҳмати ҳамсоя наметарсум ман,
Хушкардама руи рост мегирум ман.

* * *

Себут метиюм аз тори болохона,
Ишқи мову ту дар кучаҳо мемона,
Ҳар кас, ки мара аз ту ҷудо гардона,
Сесад ғами талха дар саруш гардона.

* * *

Як ёраки майдаҳаки маҳваш дорум,
Аз сузиши дил сина ба оташ дорум.
Хешома буген ёракма зан натиян,
То рӯзи қиёмата кашокаш дорум.

* * *

Ай дари хонай ёрум гузаштум сад бор,
Ёрум ховай, очаи золуш бедор.
Ба таи дилум гуфтум, худои ҷаббор,
Ҷони ёрма мон, ҷони очаша бардор.

* * *

Сар то сари ёлаҳо анорай, ҷура,
Карашма накун коро кашолай, ҷура.
Карашма накун, ҷони сармонит нест,
Ошиқ шудай, ҷои пушаймонит нест.

* * *

Ба бачаи токисурх ишқ аст маро,
Кач мондани тоқиаш куштаст маро,
Ба качмондани тоқиш худо мегуфтум,
Дар ишқаки у мисли кабоб месухтум.

* * *

Се моҳи дарозай, ки ёрум рафтаст,
Гул аз гулзор, ёр аз канорум рафтаст.
Ин хона, агар биҳишти нав ҳосил куна,
Безорум аз ин хона, ки ёрум рафтаст.

* * *

Дар сари акам тоқияки гулдӯзй,
Дар пои акам маҳсии симиндузй.
Ормуи дорум, акам бия нимрӯзй,
Як чони ширин дорум, менум наврӯзй.

* * *

Ин чароғи даргирёнма поён бурдан,
Ин ёраки майдаҳакма район бурдан.
Бурдан, бурдан, чоя кабутуш додан,
Поискаи аскарй росчутуш додан.

* * *

Аз тори ҳаво нусқаи зар мегирум,
Аз ёраки рафтагим хабар мегирум.
Мехезаму мешинум дар мегирум,
Сангои хунука дар чигар мегирум.

* * *

Пудина ба барги гул печон мани ту,
Дар бовати ошиқй нодон мани ту.
Мардум ҳама чамъ шудан дар туҳмати мо,
Аз туҳмати нокасон ҳайрон мани ту.

* * *

Як даста гулум дар лаби новардунай,
Як апаи хуб дорум дар поюнай.
Дар поюнае, чигараком бирьюнай,
Ови ду дидам мисоли новардунай.

* * *

Дар поёни ришқаҳо замини овӣ,
Чилим мекашум ай ругани мурговӣ.
Ин ругани мурговира буюш талхай,
Ёрум раҳи дур, умри ширинум талхай.

* * *

Дар таҳаки долуни ту долун дорум,
Як лаҳза ба шиштанот ормун дорум.
Як лаҳзаву як замон, як сараки сол,
Ба дил нагирӣ, дар хонам меҳмун дорум.

* * *

Идора баланд, тилфон ҷирингаст мекуна,
Ду чашми ёрум духтарора маст мекуна.
Ёрум му мондаст, намебинум чашмоша,
Об дар миёна, намефаҳмум гапоша.

* * *

Ситорай дари мактабта соат кардум,
Ноҷо ба гапои ту қаноат кардум.
Гар медонистум бевафоии тура,
Ошиқии серузата бас мекардум.

* * *

Ман шишта будум кулухчаборон омад,
Сабзиначувон бар лабаки бом омад.
Сабзиначувон, кулухчаборон накунӣ,
Ман ёр дорум, худакта бадном накунӣ.

* * *

Имшаб чӣ шабай, ман ба хоби мастум?
Як дастагуле қапид банди дастум.
Эй субҳ, надам, ки вақти хобаст ҳанӯз,
То субҳ дамид, гул парид аз дастум.

* * *

Шинум-шинуме, ошаки нимрузай кунум,
Барои апам остини гулдузай кунум.
Ормун доруме апам биёва бача,
Сари даст куна бароя қади куча.

* * *

Кабгак ба сари санг кунад қақра ба ноз,
Ерум сари раворав, ҷонум ба гудоз.
Е бори худо, дар ҳаво абр бидоз,
Ин ёраки раҳакии ман манъ бисоз.

* * *

Ин шонаи шамшоди мани парканда,
Як акаву як хоҳари раҳдур ганда.
Ман хат нависум ба дасти хӯбу ганда,
Дастум, ки намераса, умедум канда.

* * *

Духтар-духтаре, ҳазор силсил дорӣ,
Дар пеши барут тумори мушкил дорӣ.
Мо чору панҷем, дар қафот мегардем,
Росташа бигу, кадома дар дил дорӣ?

* * *

Ин дашти дароз рафтани ёр хуш аст,
Шабҳои дароз дидаи бедор хуш аст.
Мардумо меган тоқӣ ба дастор хуш аст,
Чӣ фикри ғалат, ёри вафодор хуш аст.

* * *

Як даста гулам дар сари новардунай,
Пучала шидай дар ҳасрати борунай.
Мардум меган, аври сиёҳ борунай,
Ошиқию ҷурагии мо даврунай.

* * *

Аз дур нигоҳ мекунум болора,
Долони баланд, духтарой танҳора.
Духтар-духтаре, сурма назан қошора,
Бе усмаву бе сурма куштай мора.

* * *

Эй беди баланд, нугакут қубаи нур,
Ман ба тура чӣ рой кунум, акаи дур?
На аспи даван дорум, на хотири зур,
Оҳ аз дили садпора, ҷавр аз раҳи дур!

* * *

Нумолқамарут, нумол муборак бошад,
Дар пушти лабут холҳо қаторак бошад.
Худ гуфта будӣ: бачаи хушкарда гирум,
Ин бачаи нокирот муборак бошад!

* * *

— Ин шав чӣ шавай, санҷаи дар мепоюм,
Аз ҳаври замин сухтай ҳар ду поюм.
— Қурбони поҳот мешам, ман ведорум,
Сар аз бағали золим чӣ хел вардорум?!

* * *

Бо куча гузар накун, ки мо дар домем,
Беҳуда сухан нагӯ, ки мо бадномем.
Ҳар вақте сухан кунӣ, пушт гардонем,
Дар дил нагирӣ, ки сухтаву бирьёнем.

* * *

Нумоли сарут ҳазор дол овардай,
Ишқи ту маро ба ин диёр овардай.
Ман ишқи туро ҷо кунум дар ин камбағалӣ,
Ин меҳру муҳаббата худо овардай.

* * *

Духтар, духтаре, зулфоро чап тофтай ту,
Тоқита миёни абрувон мондай ту!
— Эй ҷураи ҷун, ки дастакут медоштум,
Маро ба забони халқ андохтай ту.

* * *

Бача ба даруни боғ сар паст мекард,
Оташ ба даруни дил ҳилингас мекард.
Оташ бо даруни дил ҳилингас чӣ куна,
Кач мондани тоқиаш маро мас мекард.

* * *

Ё бори худо, кавгум кунӣ ё боша,
Парида бирам, ки ҷои ёрум боша.
Ёрум бошае соқу саломат боша,
Ба гардани каҷи мо бадавлат боша.

* * *

Ман хоб будум дар тахаки деворут,
Бедор шудум дар нағмаҳои дуторут.
Нағмаҳои дуторут алохунум кард,
Раҳгаштанакои ту ҷигархунум кард.

* * *

Эй духтари сабзинаи муи холӣ,
Худ гуфта будӣ ба об меой ҳолӣ.
Рафтам сари сарчашмара дидам холӣ,
Эй навданиҳол, ту ҳам ҷазое дорӣ!

* * *

Аз хона баромадум оҳе кардум,
Сини хонаи падар нигоҳе кардум.
Сини хонаи падар шукуфтай лола,
Лола ба даруни дил сиёҳӣ дора.

* * *

Дунъё ба мисоли тири партофтанист,
Одам ба мисоли чизи ноёфтанист.
Ҳар чизе бихоҳӣ, ту биёвӣ ба ҷаҳон,
Фарзанди падар меваи ноёфтанист.

* * *

Мо булбулему ру ба гулистон дорем,
Кай парвои барфои зимистон дорем?
Мардум ҳамагӣ ғами зимистон бихуранд,
Мо дастбадаст ру ба куҳистон дорем.

* * *

Оча ба Қаротегин, духтар ба Ҳисор,
Оча гули арғавон, духтар гули хор.
Амр аз ҳақ шава, бушкана қулфи ҳисор,
Як очаву як духтар бубинем дидор.

* * *

Айвони баланд пешакаш шерозӣ,
Баҳри чӣ ба ман қулоч меандозӣ?
Дастата гирам барам ба пеши қозӣ,
Сад дура хурӣ барои ошиқбозӣ.

* * *

Ду қоши сиёҳ дорӣ, муҳои дароз,
Дар мактаби Душанбе мехонӣ ба ноз.
Қурбони ду чашмони сиёҳи ту шавам,
Пеши мани зор кай ту меёй боз?

* * *

Дар лаваки буғ шинум такрор кунум,
Ин чураи хоболудма бедор кунум.
Бедор кунум, гилаи бисьёр кунум,
Ман гила ба ёраки вафодор кунум.

* * *

Абре, ки ба руи ағба меоя, манум,
Кабоба ба руи лахча мевоя, манум.
Кабобе ба руи лахча месӯза чӣ суд,
Ошиқ ба сороғи маъшуқ мероя, манум.

* * *

Аз хона баромадум рангум гули хор,
Нумолакма кач бандум, сузад дили ёр.
Сӯзад дили ёр, такья куна ба девор,
Девор ғалта, бачаи бесабру қарор!

* * *

Сар то сари ёлаҳо бенам набувад,
Асло дили ошиқон бе ғам набувад.
Беғам дили кӣ бошаду пурғам дили кӣ? —
Беғам дили он касе, ки ошиқ набувад.

* * *

Сар то сари ёлаҳо малмечунай,
Ишқи бачаи мардум балои чунай.
Мардум меган, ки ошиқӣ осунай,
Хок осунай, оташи даргирьюнай.

* * *

Дар руи суфа шиштай ёмбош ёрум,
Тоқии чустӣ қаламтарошай ёрум.
Духтарон шиштагӣ ба гуштун гире,
Бачаҳои диёрира ҳаргиз нагире.

* * *

Аз хона баромадум, дидум Гарма,
Пояни Қаротегин — Оби Гарма.
Гуфтум, биравум, хабар бигирум ёрма.
Ку дустой ширин хабар тики модарма?!

* * *

Пудинаи лаби об ниҳолут кардум,
Бо дасти хешот ёр паймут кардум.
Бо дасти хешот ёр таъинум нарасид,
Ту қаҳрӣ будӣ, оштӣ ҳайлут кардум.

* * *

Хонаи ёрум болои дарьё боша,
Як гапи ёрум баҳои дунъё боша.
Дар мини ёрум румолаки гулдузӣ,
Ман ёри туям, ту дар куҷо месӯзӣ?

* * *

Эй чураи ҷон, дар барат деҳқонӣ кунум,
Дар бригати ту рафта ҷуфтронӣ кунум.
Ҳар гоҳе тура дар сари корат бинум,
Ай дидани рӯи ту ғазалхонӣ кунум.

* * *

Кошке, ки намешуд хонатон дар гузарум,
Кошке, ки намедидум, намесухт ҷигарум.
Ҳар вақте ба қошони сиёҳат нигарум,
Оби ду дида мереза, хуи ай ҷигарум.

* * *

Эй акаи дурийи дур ай назарум,
Эй акаи зиндаҷудои лахти ҷигарум.
Ҳар вақте ба дурийи ту менигарум,
Об аз ду дида мереза, хуи ай ҷигарум.

* * *

Як даста гули сафеди бебӯ дорум,
Як ёраки кадбаланди хушрӯ дорум.
Ормуи дорум ёракма қингола кунум,
Як даста гула дар саракуш соя кунум.

* * *

Ҳавора бубин аври борон кардай,
Ери мана бин сафари поён кардай.
Эй ёраки ҷон, сафар муборак боша,
Партофтани як ҷура чи корак боша?

* * *

Ман садқа шавум бунавшаи куҳира,
Ман садқа шавум ҷураи раҳдурира.
Ҳамиҷа будем ҷангу ҷадал мекардем,
Ҳоли мекашем ҷафои раҳдурира.

* * *

Аз хона баромадум намоюн мерам,
Дар мошин савор шудам, поюн мерам.
Дар мошин савор шудам, рубой мегум,
Ин байта барои зиндаҷудой мегум.

* * *

Эй ёраки ҷон, зиндазорум кардӣ,
Аз хоби ширин хуше нофорум кардӣ.
Ҳар сол и вақт, чӣ вақти хуше доштем,
Ду сол мешава ғамбеморум кардӣ.

* * *

Дар миняи гандумо малмеҷонай,
Дар миняи бачаҳо духтарҷонай.
Ҷонай, ҷонае, пушти лавуш марҷонай,
Холҳон сиё дора, балои ҷонай.

* * *

Идораи баланд, ҷойнишинай ёрум.
Тай куртаи сон, нозанинай ёрум.
Гуфтум, биравум, ҷаҳти хонаш бикунум,
Қасам ба гапои қади роҳаш бикунум.

* * *

Ин себаки рангкарда ба ҳукми лола,
Хоҳар бимура дар акаи якторa.
Як торагияш чигарма кардай пора,
Гар сангум куна, дига надорум чора.

* * *

Ай боги боло навданиҳолма бурдан,
Ай тори сарум, ҷӯра, нумолма бурдан.
Ай дари масҷид кашги ҳилолма бурдан,
Дар ҳалқаи мекаро ёрма бурдан.

* * *

Эй ҷураи ҷон, биё ҷурагим кун,
Афтов ба сарам биёя, соягим кун.
Афтов ба сарум омадай, месузум,
Дар кучаи ғарибӣ ҳамсоягим кун.

* * *

Гандумаки худруй дарав мекардум,
Ин нова ба хунаи падар мекардум.
Ин нова ба хунаи падар карда нашуд,
Андешара аз рӯзи азал мекардум.

* * *

Ман хоб будум, ба таги тиреза гузашт,
Маълимбачаи сафеди погиза гузашт.
Гуфтум: маълим нигоҳ бикун бар сини мо,
Журнал сари даст, қалам тарошида гузашт.

* * *

Аз хона баромадӣ, ина ҳолум,
Уболи дили шикастаи афгорум.
Эй ҷураи ҷон, тоқати ғам надорум!
Дар касали ту задам, ғамбеморум.

* * *

Даричаву муричаро гулкорӣ кунед,
Ин ёраки майдаҳакма бозорӣ кунед.
Бозор бирава чалаи нукра биёра,
Созе биёра, душмана ночорӣ кунед.

* * *

Аз ҷундору паранда пар мегирум,
Аз даҳони пушида хат мегирум.
Хат мегируме, хати сафед мегирум,
Ай қоғази беовоз гап мегирум.

* * *

Ин ҳотаи майдаҳаки мо гулкорӣ,
Ин акаи майдаҳаки мо бозорӣ.
Бозор нара, гардаки роҳут мезана,
Шамоли хунук ба рӯи моҳут мезана.

* * *

Офтоб задай дар таҳаки долонум,
Корора кӣ кардай-падари нодонум.
Он ҷое дилам будак сарпаст кардай,
Он ҷое дилум набуд, барқас кардай.

* * *

Аз хона баромаданакот беҳуда,
Моро бо ту мегану вале н-осуда.
Мову ту ҷамоли якдигар нодида,
Бадномзада мо, даҳони халқ олуда.

* * *

Тарки саруме мисоли чӯби тар сухт,
Нисфи ҷигарум барои як додар сухт.
Оҳи диламо ба қади ов сар додум,
Сангои қади ҷувор сар то сар сухт.

* * *

Ин бар беду он бар бед, минаш садабед,
Ошиқ шудаам ба бачаи куртасафед.
Э куртасафед, куртаякат баргаки бед,
Ман дил ба ту додаам, ҳастам баумед.

* * *

Духтар, духтаре, холи лабонат бошум,
Дар миёни тоқи абрӯвонат бошум.
Ту боғ шавӣ, ман боғбонат бошум,
Боғат гули сурх, ман посбонат бошум.

* * *

Эй ёраки ҷон, илоҳо садсола шавӣ,
Дар ҳавлии мо афтиву ҳамсоя шавӣ.
Ҳамсоя шавӣ, ба сари мо соя шавӣ,
Шояд ки насиби мани бечора шавӣ.

* * *

Апам ба дара, худам ба болои дара,
Худум себи сурх, куртам анори дубара.
Ҳар касе мана ба пеши апам бубара,
Савготаш битум, аз умр фоида бара.

* * *

Ҷои хоби ёр курпаи сангин боша,
Гузаргоҳи ёр кучаи тангин боша.
Мардумо меган ёрат кадомин боша,
Сабзинаҷувони болои зин боша.

* * *

Кабгак ба саропушта танобум кардай,
Имсол ғами як апа харобум кардай.
Як сӯ ғами мурдаай ҳазор сӯ ғами ту,
Мурдаи ҳақаю ғами ту обум кардай.

* * *

Пештоқи баланд дорию пешаш якатут,
Гоҳ зоғе бишинад, гоҳе ғулбаи кабуд.
Ҳар кас, ки маро за ту ҷудой фармуд,
Гуруш пури оташу кафануш пури дуд.

* * *

Сад вою дареғ, ки дар ҷавоий мемурем,
Дар ҳасрати рӯи зиндагонӣ мемурем,
То вақте будем, корвонӣ кардем,
Дар чанги аҷал, дар ғарибӣ мемурем.

* * *

Моҳи оламе, баланд барои чӣ шавад?!
Эй акли ҷон, аз дар дарой чӣ шавад?!
Аз дар дарой, хона пурнур шавад,
Дусто ҳама шоду душмано кур шавад.

* * *

Идора сафед, пуштаки идора сафед,
Дар даруни идора як куртасафед.
Эй куртасафед, баргаки бедум кардй,
Тармаргут куна, ки ноумедум кардй.

* * *

Духтар ба даруни боғ сар паст мекард,
Кач бастани румолаш маро маст мекард.
Кач бастани румолашу кач тофтани муш,
Оташ ба даруни дил валангаст мекард.

* * *

Сандуқчаи сими заргаронай модар,
Ҳар шому саҳар хабаргиронай модар.
На холаю на амаву на хешу табор,
Садташ нарасад ба хоки пои модар.

* * *

Ин кутали руболора болош дамгир,
Эй ёраки майдаяк, биё, дастам гир.
Аз бахшаки дидори ту ман хурдам тир,
Хунолу шудам, канори бедардам гир.

* * *

Ман хоб будам, дусто, маро мор газид,
Фарьёд ба гуши модари зор расид.
Мардум меган, мусофира мор газид,
Ношукр будам, сарам ба девор расид.

* * *

Ин ова бубин: ки мерава шалфакунон,
Ин духтара бин, ки мерава ғамзакунон.
Ай поён савор омад, ин акаи чун,
Роҳ гаштани нахчирун, гурумбасти камун.

* * *

Ин моҳа бубин дар осмон як саду бист,
Мо азми сафар кардем, модар бигирист.
Эй модари ҷон, маънии гирьяи ту чист?
Мардум сари сол рафтан, мо рузаки бист.

* * *

Дар тори ҳаво борони зил-зил духтар,
Дар руи замин ситора сил-сил духтар.
Ҳарчанд ки қалинги ту гаронай, духтар,
Мирбача ба пеши ту ғуломай, духтар.

* * *

Дулохаи дукушаку кушмайдумум,
Ай бахти сиёҳи худма саргардумум.
Як хонам надодӣ бишкаля ормукум,
То рузи қиёмат ай бовом нокукум.

* * *

Эй очаи ҷон, зибишии долукут манум,
Ливота туруш нагӣ, ки меҳмукут манум.
Имсол мерам соли дигар меоям,
То соли дигар умеду ормукут манум.

* * *

Дарьё чола, мийни дарьё чола,
Бишкаст почи чинори панҷоҳсола.
Бишкаст почи чинор афгор шудам,
Ой бо дуои кӣ гирифтор шудам?

* * *

Дар гушаи бом шиштай, эй ҳилагарӣ,
Руҳсорара зард кардай, ба мо менигарӣ.
Руҳсорара зард накун, бар мо нанигар,
Бо ёри худат нигар, ки боюши нигарӣ.

* * *

Эй очаи ҷун, зибишии долуи манум,
Дар хонаи бовом бозори гардуи манум.
Рузе, ки сафорум кардаи дар аспи кабуд,
Гаштум, ки нигоҳ кардум, хона бенамуд.

* * *

Ман садқа шавум самалутой тори ҷаво,
Хабар мебри ай дустон кандаҷудо,
Эй дустой кандаҷудо, намоҳтум ба худо,
Мо хат рои кардем, бобея пеши мо.

* * *

Қади ёрума ниҳоли маҷнун вори,
Зулфи ёрума мурвати гардун вори.
Вай, бишнавем Лайлиму Маҷнуи вори,
Душман бигуяд хобоби дигдуи вори.

* * *

Дар сардараҳо ду мори печон дидум,
Дар гардани ёр ҳақиқу марҷон дидум.
Гуфтум, ки равум ҳақиқу марҷонша гирум,
Аз феъли бадум ёрма гурезон дидум.

* * *

Э ови калон, куҷо мерай шалфакунон?
Акаи худум мерава Кофарниҳон.
Як даст ба камон дораву як даст ба лаҷом,
Раҳгардии хуб дораву фарьёди камон.

* * *

Офтоб, ту баромадай, маҳтоби ту ку?
Ҷура ту, ки омадай, савғоти ту ку?
Дар кисаи ту баҳон як сузан нест,
Бархезу бирав, ки ҷони истодан нест.

* * *

Дар гушаи бом шишта ба мо менигарӣ,
Шодо, ки дили раҳгузарера бибарӣ.
Эй куртакабӯд, ай дузди дуздон батарӣ,
Дузд мола бара, ту ҷони мора мебарӣ.

* * *

Ду куша гулам дар Яман месуза,
Гул дар сари хор дар чаман месуза.
Бечора касе, ки дар ғарибӣ боша,
Мусофир мудом бе ватан месуза.

* * *

Эй зоғи сиёҳ, куҷо мерай гушот кар?
Пайғоми мана ба модари зорум бар.
Бо модарам гу, ки духтарат беморай,
Ҷон дар кафи даст маҳтали дидорай.

* * *

Дар шаҳри мусофирӣ алам дорам ман,
Ҳар кас ба ватан равад, таъин дорам ман.
Ҳар кас ба ватан равад, таъинам бисьёр,
Ман хат нависам ба ёр, гунаҳгорам ман.

* * *

Кабк дар камарай, нишасти кабк дар камарай,
Ман мемураму модари ман бехабарай.
Модарма бугеи, ҷомаи ғам пора куна,
Шаб дар таги сар мона, руз нола куна.

* * *

Аз хона баромадум канда-канда,
На фараи гап дорум, на ханда.
Акама бигу локиша маҳкам банда,
Дар миная душмано нашам шарманда.

* * *

Эй ҷураи ҷон, хуше ғарибум кардӣ,
Аз холи лабат бенасибум кардӣ.
Аз холи лабат ташна ба дарьё рафтам,
Аз сухтани дил саҳро тамошо рафтам.

* * *

Сар то сари ёлаҳо гузар мекардум,
Як қавза гули торуна бағал мекардум.
Як қавза гули торуна бағал карда нашид,
Аз ёраки бадгуҳар ҳазар мекардум.

* * *

Бошӣ — ғамам нест, ҳаргиз набошӣ — ғамам нест,
Гунҷишки парандаюм, дарахтам кам нест.
Ҳар шохи гуле бар сари ман соя куна,
Сарам, ки ҳаёт бошад, ёрам кам нест.

* * *

Э очаи ҷун, дам ба дам месузум,
Монандаи чӯби тар ба нам месузум.
Фарьёд кунум, гирди вилоят гардум,
Шояд, ки ба гуши ту расад овозум.

* * *

Ё мухраи зарду қаҳрабоюм, оча,
Болини баланд меҳрубонум, оча.
Болини баланд монда нолиш кунум,
Ба ҳар сари нолишои зорум, оча.

* * *

Ин руи дара гулай, уруш лола,
Лола ба даруни худ сиёҳӣ дора.
Беақл будум, пухта накардум кора,
Оқубати ману ту ҷудой дора.

* * *

Ман шишта будум, ёрум ба дарвоза гузашт,
Сабзинаҷувон худакша ҷунбонда гузашт.
Ҷое набудак розои дилма гуям,
Ба руи дилум алова ғалтонда гузашт.

* * *

Ҳаргиз нагира почи сафедор ангур,
Ҳаргиз нарава меҳри ту ай дилум дур.
Мо тири фалаҳмонем, афтодем дур,
Ту дастаи гул шидай дар ҳуҷраи нур,

* * *

Эй куйнаксафед, ки мегзарӣ бо хирман,
Хуни ҷигарут биреза дар барфи Яман.
Яман-Ямане, ту дил нadодай бо ман,
Сад каса ба ту гуфтан, бадномзада ман.

* * *

Ин Қалъаи Лаби Оба пуштуш ҳарамай,
Решаш дуру марворид, баргаш карамай,
Туро ғами мо набоша моро чӣ ғамай,
Сармун, ки ҳаёт боша, дилбар на камай.

* * *

Қади ёрма аз пасаки дар дидум,
Дар пеши бараш ду тугмаи зар дидум.
Гуфтум биравум тугмаи заршя бигирум,
Ҳусни ҳамаро ба у муяссар дидум.

* * *

Дар дари хонаи ёрум тути бедона,
Мешава дилут, маро куни бегона?
Ҳар касе туро аз мо ҷудо гардона,
Сесад ғами талха дар саруш гардона.

* * *

Ёри кудуми куртаи чак-чак дора,
Дар пеши бараш нишони Ленин дора.
У фахри ҷамоат асту зеби маҳфил,
Гар нақл кунад, забони ширин дора.

* * *

Ман хоб будум таги чинори обӣ,
Бедор намуд шакарлаби мурғобӣ,
Мурғон дар ҳавою мо миёни дарьё,
Мо дар ватану ака ғарибу танҳо.

* * *

Чалинаки дасти нохунум дармондай,
Мора ғами ҷонсӯз ғами фарзандай.
Мардум мегия, чӣ корут ояд фарзанд,
Ин лаззати умри одамӣ фарзандай.

* * *

Куртаи сиёҳи чилча дорум, оча,
Қошои сиёҳи химча дорум, оча.
Пайда шиним ронои дила гап занум,
Бедаволат сарум бача надорум, оча.

* * *

Кулоб ғариб, сарҳади Кулоб ғариб,
Бемор шудам дар сар надорам табиб.
Ку падару ку модару ку хеши қариб? —
Бегона чӣ дона дар кучо мурд ғариб?

* * *

Ин моҳа бубин дар осмон ранг занад,
Чил кушаи марворид сари банд занад.
Ҳар кас, ки ба ёри мардумо чанг занад,
Чой дар қадаҳу пиёла дар санг занад.

* * *

Домани баланд дорӣ пешаш боғай,
Кӯшони сиёҳ дорӣ, дилум доғай.
Мева мехурӣ, мевай ширин дар боғай,
Ҳайфи ёрумо дар таги чанги зоғай.

* * *

Ин садаи Душанбера баргуш майда,
Бача пои рав дораву дилум ганда.
Тоқиш бидузум ба сараш зебанда,
Аз духтари Душанбе умедуш канда.

* * *

Ман месузуме, оча, насузен мана,
Ман гум шидуме, оча, наковен мана.
Ин одами гумшуда шер асту паланг,
Дар тори сараш хо ҷола реза, хо санг.

* * *

Дар гушаи бунг шиштай монандаки моҳ,
Мегум, ки чӣ ном дорӣ? Мега: Ширмоҳ.
Эй Ширмоҳи ҷун, рута бигардон сини мо,
То дур шава дуди сиёҳ ай дили мо.

1986

* * *

Дар гушаи бунг шиштай сайди ярадор,
Дил месуза, ҷигар кабоб аз бари ёр.
Мардумо мегаи: хешу таборат бисьёр,
Сад хешу табора мекунум садқаи ёр.

* * *

Нумолаки дастони туро банда шавум,
Шакарлабу дандони туро садқа шавум.
Дар дилам набуд ман ба ту ҷура шавум,
Коре накунӣ, дубора шарманда шавум.

* * *

Боло меравӣ, дуо бигу устора,
Мо рой кунем наъл зана кавшора.
Мо чӣ медонем, усто бандаи мардумай,
Ид омадааст, рой кунад кавшора.

* * *

Ситораи осмонӣ будум, канда шудум,
Ман духтари бепадар будум, ганда шудум.
Ин духтари бепадар рӯи шумуш,
Намозаки шом каловаи саргумуш.

* * *

Як даста гула ай руи майдон канди,
Холи лави дилбара ба дандон канди.
Холи лави дилбара ба дандон нашуд,
Ай барои як дилбар чӣ ҷонҳо канди.

* * *

Ҷонона гули заранг дора бача,
Қошони сиёҳи чанг дора бача.
Гуфтам, биравам, сари роҳи бача,
Норафта димоғи ҷанг дора бача.

* * *

Ин риштаи умри худа чап тофтем мо,
Гули минай қолина чап бофтем мо.
Мардум мегаи ҳаму ҷавон ёри шумо,
Ношугрӣ кардем, ҷазои ҳақ ёфтем мо.

* * *

Дар гушаи бом ёрма сартарошун карданд,
Дар рӯи дилум нахута бирьюн карданд.
Як лаҳза шиштум, аруса намоюн карданд,
Ду чашми мана торикистун карданд.

* * *

Як даста гулум сараки деворунда,
Ин ғунчаи сурх даҳони кучкорунда.
Як амре шава, бева, заний ғорунда,
Бо ёр монум канораки боғунда.

* * *

Ай куртаи даридагӣ урьён беҳай,
Ай ёраки шарикида ҳичрон беҳай.
Ин ёраки шарикира саруш дар тахта,
Ин ёраки танҳой даруни пахта.

* * *

Болохонара аловуш мил-мил мекуна,
Овози чилим нағмаи булбул мекуна.
Чилима накаш, миёнта борик мекуна,
Чашмота хумору дилта торик мекуна.

* * *

Маҳтов мерава, ситора ҳайрун мона,
Ака мерава, хоҳаруш гирьюн мона.
Хоҳар-хоҳаре, гирьяи ту бахраки чист?
Ҳама сари сол бестанд, мо рӯзаки бист.

* * *

Додар-додаре, таҳаки майдун додар,
Шорогза сиях, бахмалгиревун додар.
Дар маъракаҳо номи калунум додар,
Мон, ки бимурум, ҷунозахунум додар.

* * *

Эй акаи ҷун, Куқанд рафтӣ ё Ҳоит,
У чита гулай панҷа задаст дар токит?
У гула мана бутеда парварда кунум,
Дар сар бизанум, душмана шарманда кунум.

* * *

Нумозаки шум сараки дар ҷанҷолум,
Ай бахти бадум танаи ярадорум.
Ай бахти бадум як рузи беҳа надидум,
Мана мекушан, хунум пиҳили ёрум.

* * *

Як даста гулум дар Балҷувонай, оча,
Махсуди дилум ҳамун ҷувонай, оча.
Махсуди дилум ё бушава ё нашава,
Хушкарда ҷувони паҳлавонай, оча.

* * *

Як даста гулум дар Балҷувонай, оча,
Махсуди дилум ҳаму ҷувонай, оча.
Очам мега, ки гандаҷувонай бача,
Ганда ҳам боша, ширинзабонай, оча.

* * *

Гул дар кузаву гули калун дар куза,
Хуш мегузара ҷавони борикмуза.
Борикмузае, банди қафо медуза,
Ҳушуш ба манай, ғалат-ғалат медуза.

* * *

Ёдат кардум, ки дар суроғут бошум,
Гумат кардум, ки дар хуморут бошум.
Гумат кардум, кадом куча тай бизанум?
Зардоби дилум ҷамъ шидай, ҷар бизанум.

* * *

Руи дилакум алам-алам пураламай,
Руи ҷигарум лахчаву дилам қаламай?
Мардум меган, дар дили ту чӣ аламай?
Раҳдуриву ғарибӣ дарьёи ғамай.

* * *

Руи дили ман ай заҳри қотил батарай,
Чашми тари ман ҳамеша бар суи дарай.
Ёрум боша ай ҳоли ман бохабарай,
Ёрум дурай, рузум намози дигарай.

* * *

Шавҳо ба хаёли ту кунум хирмана бод,
Коҳам ба замин рехтаву донум барбод.
Э бод, бугард, ки хирманум бод шавад,
Э ёр, биё, ки хотирум шод шавад.

* * *

Шомут бинум, намози шомут бинум,
Дар аспи сиёҳи сустлаҷомат бинум,
Наздум бошӣ, ки ҳар замонут бинум,
Хондан рафтӣ, ҳар сари солут бинум.

* * *

Ин роҳи сари пуштара ангушт накун,
Ёрам, меравӣ, маро фаромуш накун.
Ман медонум, ки дар хона зан дорӣ,
Заната дидӣ, маро фаромуш накун.

* * *

Эй гунҷишкаки паррандаи тори ҳаво,
Қадди ту баландасту баланди ба ҳаво.
Хубру ки будум дусон пурум медоштӣ,
Бадру ки шудам, дигар надорӣ парво.

* * *

Боло меравй, ҳам моҳу ҳам парвинай,
Поён меравй, ёракат ғамгинай.
— Ғамгин набош, ёраки дурафтода,
Ин зиндаҷудой бар сари чандинай.

* * *

Ай мактаб барояму ёди ту кунам,
Пайғому хабар ай дили шоди ту кунам.
Ман хат нависам, мегӯй: — Девона шудаст,
Агар нанависум, мегӯй: — Бегона шудаст.

* * *

Қалами дастум афтида зангор гирифт,
Ин духтари диёрй маро ёр гирифт.
Ин духтари диёрй маро ёрй накард,
Ду моҳ нагузашт, ҷудогиро пеша гирифт.

* * *

Эй ёри азиз, ту чиҳо гуфта будй?
Ай ҷигари сухтаам ту пай бурда будй?
Бе меҳру вафо будай, фандум кардй,
Дар кӯчаи ошиқй бандум кардй.

* * *

Э ҷураи ҷун, аъба гузаштум, дидй?
Хуни ҷигарма ба ов шиштум, дидй?
Хуни ҷигаракма ов покиза накард,
Ғамҳои дилма ба ту навиштум, дидй?

* * *

Сири дили худма ба кй огоҳ кунум?
Чилим бикашум ба дудаш ҳамроҳ кунум.
Сирои дили ман ёракум медона,
Ёрум нестай ки ба ӯ огоҳ кунум.

* * *

Барфак ба сари пушта мебора, манум,
Хоҳар ба суроғи апа мероя, манум.
Хоҳар ба суроғи апа лоиқ бошад,
Кавове ба руи лахча месуза, манум.

* * *

Фарьёд ай манай, дубора фарьёд ай манай,
На вақти хушу на хотири шод ай манай.
На вақти хушу на хотири шоде нест,
Дустом раҳи дуру умри барбод ай манай.

* * *

Эй акаи ҷун, ман тура ёд кунум,
Ай сараки баландӣ фарьёд кунум.
Ай сараки баландӣ овозум нараса,
Ай бахшаки ту умрма барбод кунум.

* * *

Дар болой дари мактаби ту қуббаи нур,
Ман ба тура чӣ рой кунум, акаи дур?
На аспи даванд доруму на хотири зур,
Оҳ ай дили садпораву ҷавр эй раҳи дур.

* * *

Эй яктасафед, ба раҳи ман мегузарӣ,
Хуш мегузарӣ, ай дили ман бехабарӣ.
Амлок хубай, ки гову молма мебара,
Ту омадай ҷони ширинма мебарӣ.

* * *

Э ҷумаҳакӣ, ҷумай анорут гардум!
Ай панҷаҳаки тори дуторут гардум!
Ҳар ним-ними шав ай раҳи мо мегузарӣ,
Ай дилаки зори беқарорут гардум.

* * *

Эй бачаи савзина, ру тофтай, ту!
Токӣ ба миёни абру партофтай, ту.
Ман медонум, ёри дигар ёфтай ту,
Моро ба забони халқ андохтай ту.

* * *

Ҷонона гузашту мо надидем руша,
Нумолша кашид ба хами абруша.
Як дардаки одатӣ бигира шуша,
Бо бухнай хавэргирӣ бубинем руша.

* * *

Ин ҳавои абру дилаки дармандум,
Нумолаки додагита дар миёнум бандум.
Нумоли тура ба хуни дил ранг кунум,
Гапакои задагита дар дилам маъи кунум.

* * *

Ай тарафи кӯҳистон бод миёя,
Куртам дар танам танам ба фарьёд миёя,
Сар то қадамум ба доду фарьёд миёя,
Ҳар вақте сияҳбахтим ба ёд миёя.

* * *

Ҳайфи умрам, бадаву нобуда гузашт,
Ҳайфи умрам, салоти беҳуда гузашт.
Умри худма як хунбаҳо медунум,
Носуда сарум, ки ба ғам олуда гузашт.

* * *

Булбул, ба чаман нолакунон омад маст,
Омад ба сари дарахти заррин биништаст.
Омад ба забони ҳол ду булбули ҷуфт:
Ту бехабариву бевафо тарки ту гуфт.

* * *

Як апаву як хоҳари ҷонӣ будем,
Дар ҳасрати руи зиндагонӣ будем.
Як апаву як хоҳар, биё, бархезем,
Ғелбол гирем, хоки ғарибӣ безем.

* * *

Қади ту ниҳолаю рухат чун лола,
Як лаҳза ҷудогият ба ман сад солай.
Қасам мехурам, агар ту бовар накунӣ,
Ин чеҳраи зарди ман гувоҳи ҳолай.

* * *

Ҷонона дар ин диёр чаро бехабарӣ,
Шабҳои дароз дар талаби молу зарӣ.
Насибаи мо ай ин ҷаҳон як кафанай,
Он ҳам ба гумоне, ки барӣ ё набарӣ.

* * *

Ҳай духтари хушрўяки қаламқошӣ,
Ай мулки Ҳисор, ай кадом қишлоқӣ?
Ҳарчанд кардам, тура надодан мора,
Охир ту насибаи кадом қашшоқӣ?

* * *

Гаштӣ-гаштӣ ба ин раҳи дарвоза,
Ишқи ту маро ба дарди дил мендоза.
Дар пешаки ҳар одам нагир номи мана,
Агар бигирӣ, сирум шава овоза.

* * *

Рафтӣ-рафтӣ, чўрай диловарма бигу,
Ин чўраи бераҳми шиноварма бигу.
Ҳар вақте наванд каша ба рўи дарьё,
Бигуш, ки гузар куна ба роҳи боло.

* * *

Маҳтобшавает, бо шакар шируш кунум,
Умрам бидиҳа бо духтаро пируш кунум.
Пируш кунуму духтара мируш кунум,
Ба рўзи сиёҳи худма дастгируш кунум.

* * *

Ай дур нигоҳ мекунум болора,
Ин ғармаши сурхи сари девлохора.
Ғармаш-ғармаше, гул куну ғурра нагир,
Пас ай сари мо ту ёри бегона нагир.

* * *

Додар-додаре, бисьёр ёдат кардам,
Рухсорама дар ғами ту зардов кардам.
Рухсораи зарди ман ҳеҷ суде не,
Дар ҳасрати ту нисфи ҷигар ов кардам.

* * *

Як дил дорум ҳамеша пурдард ай ту,
Ҳарчанд кунам намешава сард ай ту.
Як гап нагуфтӣ, хотирам ҷамъ шава,
То канда шава пои ман ай хонаи ту.

* * *

Эй ҷураи ҷун ҳаво-ҳаво мегардӣ,
Монанди гули қиматбаҳо мегардӣ.
Падар надорӣ тура насиҳат бикуна,
Ҳайвонсифате дар кучаҳо мегардӣ.

* * *

Эй куйнаксафед, зеби сари декунум,
Ту тоқира кач мондаю ман дилхунум.
Ту шамъи дигар шидай чароғи рузум,
Беҳуда манам, ки дар ғамат месузум.

* * *

Қадди ту ниҳол асту ниҳол асту ниҳол,
Ишқи ту маҳол асту маҳол асту маҳол.
Ман дар ғами ту шав то саҳар менолам,
Як бор нагӯй, ки убол асту убол.

* * *

Хуш мегузарӣ ба ин раҳи руфтаи мо,
Корде мекашӣ ба ҷигари сухтаи мо.
Ту кавгаки шар будию ромат кардам,
Сайёд шудем, намехурӣ донаи мо.

* * *

Ин раҳаки баробар харобам кардаст,
Ин навданиҳол ҷигаркабобам кардаст.
Як су ғами мурдану ҳазор су ғами ту,
Мурдан ҳаку ғамҳои ту обам кардаст.

* * *

Дар боғ будум, буи ту ай боғ омад,
Гулро дидум, раҳгаштанот ёд омад.
Як гул канда ба ёди ту бу кардам,
Ҷигараки садпорам ба фарьёд омад.

* * *

Дар сари раҳат ба мисли гард афтодам,
Хурда ғами ту, ба ранги зард афтодам.
Мардум меган, ки ғами беҳуда нахур,
Чун ғам нахурам, бача, ба фанд афтодам.

* * *

Пудина ба барги бед печон ману ту,
Дар бобати ошиқӣ нодон ману ту.
Мардумо шиштан ҳама ба гапи мову ту,
Ай туҳмати одамон ҳайрон ману ту.

* * *

Ситора залилу заъфаронай дар ғамут,
Дар фасли баҳор ман хазунум дар ғамут.
Монанди тамоку дар чилим месузум,
Монанди бунафша сарнагунум дар ғамут.

* * *

Дар дараки мактаб тасма мебастӣ худат,
Ҳам дар назарум ҷавони гулдаста худат.
Хушруи ҷаҳону нозукои оламӣ,—
Маълимбачае дар зеҳнакум шишта худат.

* * *

Ҷонакма фидоят мекунам куртадароз,
Гоҳе ба карашма меравӣ, гоҳе ба ноз.
Дар минаи ду синат маро ҷаҳт бисоз,
Ман донаму лабҳои ту шабҳои дароз.

* * *

Эй ҷураи майдаҳаки қоғазбозум,
Эй ҷураи локибанди карандозум.
Кар мендозӣ, ба ранги зард мендозӣ,
Месузаму месузам, чӣ кар мендозӣ?

* * *

Ин беди баланд ба дари корхуна,
Ширин ёрум шиштай, китоб мехуна.
Бача шиштай, руша намегардуна,
Мо меравему руш ба замин мемуна.

* * *

Эй шиндилсиёҳ, остинут чарб шидай,
Чӣ шунидай, ки ай ман дилат сард шидай?
Дилсардии ту барои зангиритай,
Як суҳбати мо баҳои зангиритай.

* * *

Ерум ту будӣ, дар канорум ту будӣ,
Шавҳои дароз дар хаёлум ту будӣ.
Мардум гули сурха дар баҳор мебинан,
Ин гулаки сурхи панҷадорум ту будӣ.

* * *

Дар хирмани гул гулрухе нест маро,
Коҳам ба ҳавову доне нест маро,
Ерам мерава баҳонае нест маро,
Сад вою дарег чорае нест маро.

* * *

Ин шонаи шамшодӣ, мани парканда,
Як апаву як хоҳар раҳи дуранда.
Ман хату таин кардум ба дастат нарасид,
Хатти ман расид ба дасти марди ганда.

* * *

Дар ҳавлии мо як буттаи кундамурут,
Ошиқ шудаам ба бачаи пинҷаккабуд.
Эй пинҷаккабуд, дар дилакат чӣ гапе буд?
Ман садқаи он гапе, ки мавридаш набуд.

* * *

Садбарги сафед, ай ту надорум озор,
Дар гушаи қошони ту кардум бозор,
Чанд бор чудо шидему боз гаштем ёр,
Ай қонаки ширинум ту кардӣ безор.

* * *

Ерам-ёрам, дар ғамакот беморам,
Чун кабки дарӣ ба ҳар сари деворам.
Кабгон ҳама қуша-қуша дар фарьёданд,
Ман кабгаки тоқаяги камфарьёдам.

* * *

Ман месузам дигар насузед мана,
Ман гум шавам, дигар начуед мана.
Ман гум шавам қад-қади дарьё мерам,
Гуспанд чарад сабзаи навруи мана.

* * *

Гунчишк будам, дар тагов афтодам,
Гулғунча будам, ки дар алов афтодам,
Садбарг будам, ҳар саҳар мешкуфтам,
Монанди кабк дар танов афтодам.

* * *

Ҳаргиз дили ғампарвари ман шод нашид,
Шинондам ниҳол дар замин, боғ нашид.
Шинондам ниҳол, парваридам ба умед,
У фикру хаёле карда будам, боз нашид.

* * *

Эй чураи рез-марез, гулрез биё,
Эй куйнаксафед, ба сад ангез биё.
Дар шаҳри шумо сад кор баҳона мешава,
Як кора баҳона карда бархез биё.

* * *

Ситораи рушан баромадай ай лави куҳ,
Ман сухтаву хокистар шудам дар ғами ту.
Хокистари ман гард шудай дар рои ту,
Ин чеҳраи ман зард шудай барои ту.

* * *

Ҳавлии калун дорию шиғ дар мина,
Чурам шиштай, руша намегардуна.
Гуфтум, чура, рута бугардун, бинум,
Фардо меравум дидаву рут мемуна.

* * *

Дар ҳавлинакум бутта-бутта кундаи ток,
Ман дар ҳаққи ту сухтам, эй хунаҳалок.
Эй ҳунаҳалок, чогаҳи ту дар таги ток,
Ман дар бағалут бошум занут дар таги хок.

* * *

Афтоваи чуяни мо сар то сар гул,
Ай гуливу гумроҳӣ ба ту бастам дил.
Ман гуфта будум, бача ба ман ёр шавӣ,
Ай гуливу гумроҳим хабардор шавӣ.

* * *

Дарьё нил-нил, обаки дарьё нил-нил,
Чӣ рузаки бесоат ба ту бастам дил.
Дил додаму дил бастаму парканда шудам,
Ба ёраки хушкардам шарманда шудам.

* * *

Афтов кароқ, сиёҳ шудам, ҳайфи худам,
Бо ганда гирифтор шудам, ҳайфи худам.
Эй ҳаҷрати хок ту гандара медонӣ,
Дилхоҳи худма миянсарум гардонӣ!

* * *

Чайлови баланд ру ба ҷунбиш дора,
Ҷурама дидум, дилум ғурунбиш дора.
Мегум, биравум, ҷурам ҷонма бинум,
Душмана бубин сагора «киш-киш!» дора.

* * *

Кабутари сафедаки ман бол дора,
Ман шунидаам, ки бевафо ёр дора.
Ёрам дораву ай мо панаҳ медора,
Ҳам суҳбати гарми мора дуст медора.

* * *

Чашмам бипариду абрувом бозӣ кард,
Хешум бигиристу душманом шодӣ кард.
Эй душмани ман, шодӣ накун ай ғами ман,
На хеши ту мемонаву на душмани ман.

* * *

Зардолуи зарду ҷигарой бирьёнум,
Як лаҳза ба шиштанот ормон дорум.
Ормон доруме як ҳафтаву як сари сол,
Бо дил нагирӣ, дар хона меҳмон дорум.

* * *

Зардолуи зарди ғуррангай ёрум,
Номардбачаи ҳавсалатангай ёрум.
Номарда бубин, худакша мард мегира,
Коруш, ки бигуй, зори ба панҷ мегирья.

* * *

Кабгак ба сари санг мекуна қақра ба ноз,
Ерум сари раҳ, ҷони ман ин ҷо ба гудоз.
Якбора бишав ҳавои соф абри сиёҳ;
Ин ҷураи раҳакима раҳбанд бидоз.

* * *

Долони баланду соҳиби долон ку?
Шамсу қамару Сикандари даврон ку?
Дар таҳаки ин долон ба ҳам шишта будем,
У долону дустону ҳамон даврон ку?

* * *

Дар гушаи бом шишта чилим барпо кун,
Ай баҳри вафо як назаре бар мо кун.
Ай руи вафо назар кунӣ ё накунӣ,
Дар бобати ошиқӣ гапе пайдо кун.

* * *

Ай дур нигоҳ мекунум поюна,
Ин куртасафеди сари новардуна.
Гуфтум, биравум, ҷаҳтуш кунум меҳмуна,
Мунуш бурава бачаи гапгардуна.

* * *

Ин моҳа бубин, ки мерава лаб-лаби ҷар,
Аз равшанияш пора шудай руи ҷигар.
Мардум меган: ҷигари садпората дуз,
Ман медузаму пора шава ҷои дигар.

* * *

Имруз баромадем мо ай марғзор,
Ёрону бародарон дуои бисьёр.
Ҷанги аҷалум задай, надорум чора,
Насибаи хоки мо будай мулки Ҳисор.

* * *

Баҷаро бубин, мерава ба кучаи рост,
На ақли салом дора, ҳушаш ба куҷост?!
Мардумо меган, ҳамун ҷавон ёри шумост,
Шояд, ки дуруғи мардумо гардад рост.

* * *

Чашмони ёрум оҳуи Бағдод охир,
Маро мекушад ҷураи бедод охир.
Эй ҷураи ҷон, гоҳ-гоҳакут медидум,
Ин дидани гоҳ-гоҳ пас афтод охир.

* * *

Чашмам ба раҳай ба сар хаёле дорум,
У навданиҳоли рафтагӣ буд ёрум.
Як ҳарф нагуфт бахши дили зорум,
То рузи қиёмат ай у гила дорум.

* * *

Эй ҷураи ҷон, чӣ булҳавас мегардӣ,
Дар кучаи ошиқӣ батарс мегардӣ.
Битарсиву натарсӣ овоза шудаст,
Монандаи кавг дар қафас мегардӣ.

* * *

Як ёр дорум ай ови Сурхов у ру,
Ҳарчанд кардам ай ов наёмад и ру.
Як даста гула чида равонуш бикунум,
Шояд, ки ба буи гул биёя и ру.

* * *

Мерай-мерай, худо диҳад ҷазота,
Дил додану по кашидани ноҷота.
Шавҳои дароз мехурам ғамҳота,
Ови ду дидам кур мекуна чашмота.

* * *

Мо булбули боғ будем, ай боғ мондем,
Кардем сафари Ҳисор, ай Рог мондем.
Гуфтем, ки Ҳисор равем, бегам гардем,
Дар синаи худ хазору як доғ мондем.

* * *

Ин раҳаки боғчаҳоро гулкорӣ кунам,
Бачазанакора ба каланд рой кунам.
Бачазанакора ба каланд рой нашид,
Мегум, ки бурам аҳли чудой бикунам.

* * *

Бача-бачае, ки дил ба тангум кардӣ,
Ай сӯзиши дил бечорарангум кардӣ.
Ба ҳаққи ҳаму намак, ки дар хонаи туст,
Дар соли баҳор девонарангум кардӣ.

* * *

Эй ҷураи ҷун, мо тура ёд кунем,
Монандаи кабки тоқа фарьёд кунем,
Монандаи кабки тоқа фарьёд нашид,
Ову мулки ғарибира барбод кунем.

* * *

Кабгак сари шоху нолааш дар бустон,
Ғариб сари мо, ҷудо ай ёру дустон.
Ҳам фасли баҳор бошаву ҳам тобистон,
Ду булбули паршикаста дар ҷулистон.

* * *

Ёрум рафтай, дигар наёмад хабаруш,
Як нусқаи гулдузӣ дар пеши баруш.
Гуфтум, биравум, гул бикорум дар гузаруш,
Мурғоби шавум, чарх занум дар бағалуш.

* * *

Ин севака сурх кардум ба ҳукми лола,
Худо бигирам дар додари яктора.
Оҳ яктора, ҷигарма кардай пора,
Ай ҷигари сухтагим хун мебора.

* * *

Ай хуна баромадӣ як села қатӣ,
Бо ҷумаи тахтилло, ру нукра қатӣ.
Салаи калон дорӣ ҳалқа воре,
Чашмои сиёҳ дориву абру ғалатӣ.

* * *

Эй ҷураи найниҳоли найовозум,
Эй ҷураи қадбаланди дастандозум.
Аз сӯзиши дил байду рубой созум,
Сухтай ҷигарум, намероя овозум.

* * *

Рафтаст умрам, умри дигар нест маро,
Рафтаст ҷавонию хабар нест маро.
Хостум ба сари баландӣ парвоз кунум,
Болум рехтаст, болу пар нест маро.

* * *

— Ҷумат шоҳӣ, бандаки ҷумат шоҳӣ,
Тамоку накаш ба руғани мурғовӣ.
— Тамоку намекашум, ки дудуш талхай,
Моро ҳаваси духтари шоҳи Балхай.

* * *

Болини баланду ҷогаҳи беёрум,
Ай аввали шаб то субҳидам бедорум.
Ай аввали шав то субҳ хобум набара,
Дустон ширин, ай и ҷогаҳ безорум.

* * *

Ларзон-ларзон барги наистон дилакум,
Озурда шидай ай и куҳистон дилакум.
Худ гуфта будум сарум бигирум буравум,
Побанд шудай ба номусулмон дилакум.

* * *

Дар лаваки ҷу дамида садбарги қатор,
Омад ба лави бомаки мо фасли баҳор.
Се моҳи зимистонаю се моҳи баҳор,
Гул дар ғами боронаю мо дар ғами ёр.

* * *

Пушидаи давлатӣ ба як дав миёя,
Ай даруни пушида ду хат мероя.
Мардумо мегаи, ки хати аскар умад,
Дустон ширин, соҳиби хат кай миёя?

* * *

Борони баҳору дидаи намнокум,
Борон ту бубор, сабза дамад дар хокум.
Ку дусти ширин сабзаро сероб кунад,
Сад сол бигардум, оқибат дар хокум.

* * *

Бача-бачае, дар талошут бошум,
Дар моҳи шариф сабзаи ошут бошум.
Дар моҳи шариф сабзаи ош бисьёрай,
Ду даста гули болои қошут бошум.

* * *

Мо булбулему ҳелчаи мо дар камарай,
Мо касалему очаи мо бехаварай.
Очама бугу куртаи ғам пора куна,
Шаб дар таги сар монаву руз нола куна.

* * *

Ин беди баланд соя ба девор куна,
Нодида маро садқаи дидор куна.
Нодида маро ба ту маломат кардан,
Маломатгара ба ғам гирифтор куна.

* * *

Эй куртасафед, кабги хиромон ой,
Ман ҳилла кунам ба гушаи бом ой.
Ман ҳилла кунам, дона бичошам ба раҳат,
Шояд ба умеди дона бар дом ой.

* * *

Боло рафтӣ, салом бигу гулҳора,
Ин ёраки тоқисурхи бепарвора.
Коре бикуна ба сар бара корҳора,
Ин ғамҳои беҳудаш куштай мора.

* * *

Ошиқ набудам, ту ошиқонум кардӣ,
Ман лола будам, ту заъфаронум кардӣ.
Садбарг будум, ҳар саҳар мешкуфтум,
Монанди бунафша сарнагунум кардӣ.

* * *

Ошиқӣ накун, ки ошиқон бадбахтанд,
Ошиқ ба мисоли ҷомаи наврахтай,
Ошиқ, ки шудӣ мегӯӣ дунъё ай манай,
Гоҳе бинӣ, гоҳе набинӣ, сахтай.

* * *

Дар сардараҳо ду мори печон дидум,
Дар гардани ёр ақиғу марҷон дидум.
Гуфтум биравум, ақиғу марҷонша гирум,
Ай хов хеста худакма гирьён дидум.

* * *

Боми ҳама бому боми мо дар соя,
Ёри ҳама дуру ёри мо ҳамсоя.
Ҳаргиз-ҳаргиз ёри ҳамсоя нагир,
Ай пушти даруш очаш раҳ мепоя.

* * *

Ин раҳаки баровара пай мебинум,
Ин дустой зиндаҷудо кай мебинум?
Мебинум, намебинум дармегирум,
Сангон хунука дар ҷигар мегирум.

* * *

Кутал қушай, миёни кутал қушай,
Дар минай кутал ҷуфт гули сияҳгушай.
Ҳайфи модарум дар хуҷрай рупушай,
Ай боду ҳаво замин гирифтай руша.

* * *

Қоғаз бо қалам, қалама дар тоқ мунем,
Ин модари сиёҳпичара дар хок мунем.
Қоғаз бо қалам, қалама ай тоқ бигирем,
Ин модари ормонира ай хок бигирем.

* * *

Ай сояи бед, сояи девор хуш аст,
Афтоваи ов дар дасти дилдор хуш аст.
Мардумо меган, ки гул ба дастор хуш аст,
Дуруғ меган, ёри вафодор хуш аст.

* * *

Рафтӣ, рафтӣ ҷурай диловарма бигу,
У ҷураи беаҳди шиноварма бигу.
Ҳар дафъа, ки дам кашад наҳанги дарьё,
Дидем, надидем паноҳаш ба худо!

* * *

Э бачаи ҳамсоя, маломатрузӣ,
Нумоли миён панҷараи гулдузӣ.
Чашмота ба сини дигаре медузӣ,
Кофир ту мана ба сад алам месӯзӣ.

* * *

Шинум, шинум ба ёди гул нола кунум,
Дар кунҷи лаҳад ёди ту ҷонона кунум.
Ҳар гаҳ биёй аз сари хокум гузарӣ,
Буи ту расад, кафана сад пора кунум.

* * *

Апама буген, ки хоҳарут беморай,
Рангуш зардай, ба такьяи деворай.
Апама буген, ки эсту бесте накуна,
Ҷон дар талабай, дар ҳасрати дидорай.

* * *

Эй ҳуш, дар куҷо будӣ, ки ёр омаду рафт,
Садбарги сафед, ошиқи зор омаду рафт.
Ай дастаи душманора як лаҳза нашишт,
Авре, ки ба руи сабзазор омаду рафт.

* * *

Ман руи туро бинаму навруз кунам,
Шавма ба сари санги сиёҳ руз кунам.
Шавум дар сари санги сиёҳ руз нашуд,
Ҷонакма фидои ёри дилсуз кунам.

* * *

Рафтӣ, рафтӣ мара хабардор бикун,
Севат медиҳам, ки тушаи рот бикун.
Чанде рафтӣ футата ҳуй бикун,
Сева газидӣ, ҷура, маро ёд бикун.

* * *

Чойникаку чойникаку дари магазин,
Дар сари акам тоқии сурхи нозанин.
Акам мега, сарта бардор ай замин,
Тақдирут ҳамин будай, пешонита бин.

* * *

Дар таги чинор анорфуруш омадааст,
Дар гирди лабат арақ ба ҷуш омадааст.
Гуфтум биравум аракта погиза кунум,
Хушдомани золут ай ақиб омадааст.

* * *

Севи-шакарӣ, ишвагарӣ, ҷавси парӣ,
Шаҳду шакару наботу қанду асалӣ.
Қавлу қасамат буд, ки ман ёри туям,
Қавлу қасамат дуруғу ҷои дигарӣ.

* * *

Пас долуни ту бошаву пеш долуни мо,
Пас долуни уи беваву шиштай ёри мо.
Мардумо меган, ки у ҷавои ёри шумо,
Ёри у бева, бадномгариш дар сари мо.

* * *

Ситораи рузи рушанум дар лави куҳ,
Ман сухтаву хокистар шудам дар ғами ту.
Дар хунаи худ сараки ҷамъ шишта будем,
Ай хуна дилам сард шудай барои ту.

* * *

Дар гушаи бом шиштай сайди ярадор,
Дил месузаву ҷигар кабоб ай баҳри ёр.
Мардумо меган, духтари бесабру қарор,
Бесабрира мо кардему беаҳдира ёр.

* * *

Дар гушаи бом шиштай, эй беҳуда,
Моро, ки ба ту меган, ой носуда.
Мову ту канори ҳамдигар нодида,
Олам пури гап, забони халқ олуда.

* * *

Ман садқа шавум ай раъёно болора,
Ин кӯйнаксафед, миёни коргарора.
Коре бикунӣ ба сар барӣ корора,
Ин ғамой беҳудат куштай мора.

* * *

Долуии калон дорем, ки гушаш ҳам,
Нумоли калон доруму дилум пури ғам.
Акаи ширин, калосум куи ай и ғам,
Туморут кунум, ҷилут кунум дар гардан.

* * *

Дар ҳавлиии акаҷон санг ҳам набудай,
Дар гардани акаҷон наиг ҳам набудай.
Мо гуфта будем, акаи баланг дорем,
Дар дили акам инсофу раҳмам набудай.

* * *

Ай дур нигоҳ мекунум, ҳавлита,
Эй куртасафед, маҳкам бубанд локита.
Ман шунидаам хавари зангирита,
Худо бикуша аруси ализгита.

* * *

Дар лаваки ов шиштай най метроший,
Ҳай ҷувони қадбаланди қаламқоший.
Ун вақте набуд ошиқи зоруш боший,
Кур шудай, ҳолй, мара намешиносй?

* * *

Рафтй, рафтй ай ин вилоят рафтй,
Бирешими хоми беҳимоят рафтй.
Гуфтум, ки бурам куча суроғут бикунум,
Ҳайрон мондам кадом вилоят рафтй.

* * *

Булбул, ки ту нола кун, танам беморай,
Шавҳои дароз ду дидаам бедорай.
Шавҳои дароз ду дидаам хова надид,
Ҷонум, ки ба лаб омад, лав ова надид.

* * *

Куталаки уруида пухтай ангур,
Богум пухтай, хуроки зогу занбур.
Бевара бугу ёрма зуд ровун бикуна,
Рониш накуна, нафси калонуш дар гур.

* * *

Додар чӣ хушай, номаки додар чӣ хушай,
Тобути апа ба китфи додар чӣ хушай.
Дар сайза бимон, ҷаноза хонум, додар,
Дар хок бимон, фотиҳа хонум додар.

* * *

Себе ба даруни чорбоғай имсол,
Сандуқи дилум пур ай фироқай имсол.
Гуфтум биравум себа канум сараки сол,
Ин соҳиби себ дар зери хокай имсол.

* * *

Дугонаи ҷон, биё ҳар ду нола кунем,
Ай оби дида пиёлара мола кунем.
Ай оби дида пиёлаҳо мола нашид,
Ин куртаи ғарибиро сад пора кунем.

* * *

Дугонаи ҷон, биё, ки ҳар ду хезем,
Ғадбол гирем, хоки ғарибӣ безем.
Безем, безем то субҳи дигар безем,
То дустон хабар шаванд, месузем.

* * *

Эй ҷураи ҷун, биё лаби ов равем,
Курпачаи нумолӣ гирем, хов равем.
Курпачаи нумолӣ ба мо хов нашид,
Е дасти ба даст гирем Сурхов равем?

* * *

Бахтам, ки бидод, агар ки бахтам, ки бидод,
Бахтам, ки бидод, душмано рузам надод.
Гуфтум биравум пеши худованди карим,
Як даста гулам бидод, тарсӯзам бидод.

* * *

Санҷит соя таҳаки санҷит соя,
Чилим бикашум, ғубори дил буброя.
Не бо чилим мешававу на бо соя,
Ҷурам биёя, ғубори дил меброя.

* * *

Чилчашма қатор, сараки чилчашма қатор,
Об хӯрда наметонам ай ҳайбати мор.
Агар бийи чӯраи ҷунум ай шикор,
Оҳура ба дил гираву ёра ба канор.

* * *

Ин беди баланд нугаш қалам овардаст,
Дӯстони ширин, дилам алам овардаст.
Ай бовати хуроки дорем каму беш,
Ин кӯи мусофирӣ ба танг овардаст.

* * *

Ин ҷуваки зелолира ов овардаст,
Духтар ба ғамой оча тов овардаст.
Ин ҷуваки зелоливу овора шавӣ,
Духтар ба ғамои оча бечора шавад.

* * *

Чун муҳраи зарди каҳрабоюм, модар.
Афтода ба дарду мубталоюм, модар.
Болишти баланд мунда нолиш дорам,
Оҳ ай сари нолишон зорум, модар!

* * *

Ай хуна баромадай ба сад дарду алам,
Як даст ба китоби сабзу як даст ба қалам.
Агар, ки китоби сабза хонум ба алам,
Ов ай ду дида мереза, хун ай ҷигарам.

* * *

Ман оҳ кашидаму ба ман оҳ намонд,
Дар хирмани бахти ман пари коҳ намонд.
Ай буду набудани пари коҳ чӣ суд?
Каҳам ба замин, донам сари оҳ намонд.

* * *

Ошиқаки серузаи нозукбаданум,
Эй ҷӯраи хушадои ширинсуханум.
Мурҳо мехурам меҳри туро ай дилакум,
Ҳар гоҳ ки ба хоки кунук афтад баданум.

* * *

Се руз шудаст ҳаво пур аз авру ғубор,
Се руз шудаст дилум намегира қарор.
Сабза ба лави теппача зардй мекуна,
Гул дар ҳақи боронаю ман дар ҳақи ёр.

* * *

Салаи сарат ҳазор дол овардаст,
Ишқи ту маро ба ин диёр овардаст.
Ишқи тура чй кунам дар ин камбағалй?
Ин меҳру муҳаббата худо овардаст.

* * *

Ту бачаву ман духтар ишқ овардем,
Сесад гули сурха ай Димишқ овардем.
Сесад гули сурху як гули райҳонй,
Ошиқ будани маро худат медонй.

* * *

Се моҳ мешава дар Бухоро ҷангай,
Се моҳ мешава ёракум дар ҷангай.
Ҷангай, ҷангай, ҳоли мардум тангай,
Ай дастаи бегандумй ҳолмун тангай.

* * *

Эй ҷураи ҷун, ба ту гулу хор як аст,
Дар назари ту саҳату бемор як аст.
Ту чй медонй қадри ёри сарара?
Ба ту хари лангу аспи раҳдор як аст.

* * *

Биё, ки бурем ай ин вилоят ману ту,
Ту дасти маро бигиру ман домани ту.
Ҷое биравем, ки ҳар ду бемор шавем,
Ту дар ғами ман биполу ман дар ғами ту.

* * *

Эй ҷураи ҷун, ягун-ягун ёдум кун,
Ай кӯҳи баланд барову фарьёдум кун.
Ай кӯҳи баланд оҳу садоят нарасад,
Монандаи хоки куча барбодум кун.

* * *

Наълат ба касе, ки бебародар боша,
Дар руи замин чу мурги бепар боша!
Домаи пури зар кунаму додар бихарум,
Ин додари зархарид чӣ додар боша?

* * *

Дарьё, ки калон шавад, шиноиш кӣ кунад?
Ду дил, ки яке шавад, ҷудоиш кӣ кунад?
Ду дил, ки яке шавад, ҷудоӣ мушкил,
Ҷоне, ки ба лаб расид, давоиш кӣ кунад?

* * *

Эй ҷурэи ҷун, бе ту ҷаҳонро чӣ кунам,
Бе ту гули сурхи арғувонро чӣ кунам?
Бе ту гули сурхи арғувон бисьёрай,
Дил майли ту дорад, дигареро чӣ кунам?

* * *

Як села кабутарем, кардем парвоз,
Нимон ба Қаротегину нимон Дарвоз.
Ё ҳазрати хақ, кабутари сабзам соз,
То чарх занам шохи чанори Дарвоз.

* * *

Дар сардараҳо ягон-ягон ғул дидум,
Дар шохи чинор ду ҷура булбул дидум.
Гуфтум, биравум, булбули хушхонша гирум,
Булбул бипарид, худакма танҳо дидум.

* * *

Ай хуна баромадам, самандар мерам,
Ман духтари беруай кадом дар мерам?
Ман духтари беруаиву бахти сияҳум,
Ай сузиши дил ба санҷаи дар мерам.

* * *

— Ай хона бийӣ дар кисаҳот зар дорӣ,
Пешум вабиё, ҷураи ҷуи зан дорӣ.
— Зан дорум, парвои занум кай дорум?
Агар бигирум, болой мижат бардорум.

* * *

Ай бари боло биёй, байтут монум,
Оҳи дилама дар сари роҳут монум.
Оҳи дилакум ҳақ бигира чашмота,
Рузе бушава, ки бигирум хушдорта.

* * *

Ман садқа шавум дастаки дар дуторут,
Ҳар ҷо буравӣ, меравум ай дунболут.
Ҳар ҷо буравӣ, маро бубар ҳамроҳут.
Рафторут ҳамин боша, намешам ёрут.

* * *

Ай боғи паси пушта ба мо хуша расид,
Дар миёни сад ҷавон ба мо куса расид.
Ҳам кусаву ҳам буса, ҳам сурхи палид,
Лавуш ба лавум расиду ховум бипарид.

* * *

Як ёр дораме ба гулузораш додам,
Бо гуфтугузор ба ғам қароруш додам:
Ҳар бехабаре вафои гул металаба,
Эй бехабаро, гула ба хоруш додам.

* * *

Нумоли сари дасти туро банда шавум,
Нағзак лаби дандони туро садқа шавум!
Дар дилам набуд, ки бо ту ман ҷура шавум,
Коре накунӣ, дубора шарманда шавум.

* * *

Ваъдам додӣ, ба ов мерай ҳолӣ,
Рафтам сари сарчашмара дидам холӣ.
Дар соли баҳор фанду фиребум додӣ,
Э куртасафед, ту ҳам ҷазо дорӣ.

* * *

Раъён рафтӣ, ба ман гули лола биёр,
Дар қоғази сабз мушка печонда биёр.
Дар қоғази сабз мушка печонда нашуд,
Дар кафаки даст бигир, нарезонда биёр.

* * *

Эй ҷураи ҷон, на хобу на бедорум,
Дар касали ту задаму ғамбеморум.
Дар ғамои ту сухтаву хокистар шидам,
Ғамои тура ба оҳи сард меброрум.

* * *

Ай дуру нигоҳ мекунӣ, мешносӣ,
Бо рангакӣ зарду куртаи карбосӣ.
Очама бигу куртаи авлонум куна,
Танма хурдай ин куртаи карбосӣ.

* * *

Мактаби сафеду партаҳо кач мондагӣ,
Ҳолум чӣ шава ба маълими нав омадагӣ,
Маълими нав омадагӣ, шаҳро дидагӣ,
Ман духтари нохондаи саҳро дидагӣ.

* * *

Ай хона баромадам оста-оста,
Ай кафои бойбача мерам ҳота.
Бойбача мега, ку дор бинум поҳота,
Бо майли поҳот бихарум кафшота.

* * *

Мошин омадай, мошинаи ҷазабанок,
Ҷамоати Самсолиқ, моҷирта бурор.
Моҷир омадай дар сари паром тайёр,
Кай мебинем хешу таборо дидор?

* * *

Дар шохи чинор илча дора кафтар,
Монанди анор сина дора духтар.
Модар дора, падар надора, духтар,
Дилсузаш манум, хабар надора духтар.

* * *

Дар сари ёрум тоқии сабзи қуқанӣ,
Бовора бубин, духтарша шидай доланӣ.
Духтарта нате, ки ман ба ҷои духтарут,
Духтарта диҳӣ, алови дилум ба сарут.

* * *

Эй бачаи ҷун, ҷомаи гулгун дорӣ,
Кай тоқати гармиҳои поюн дорӣ?
Сунбул шавуму соя кунум раҳота,
Офтов набара руи гули зебота.

* * *

Имруз мусофирора ёди ватанай,
Ду булбули шурида ба шохи чаманай.
Ду булбули шуридара ов овардай,
Моро ба ғарибиҳо худо овардай.

* * *

Дар даруни Душанбе алов афтодай,
Дар гардани бачаҷон хол афтодай.
Дар гарданакуш холи насиб афтодай,
Очаш бумура, бача ғариб афтодай.

* * *

Чашми ману чашми ёр бозӣ мекуна,
Ду дасти дигар пиёлабозӣ мекуна.
Бевара бубин, ки раҳнамой мекуна,
Еракма бубин, ай ман ҷудой мекуна.

* * *

Аллақа шикас накун, ки зиқи зорум,
Аҷал мега, ки ба хунат медароюм.
Эй холай бачадор, бачата соз кун,
Ай хунат ура монанди шаҳ меброрум.

* * *

Дар ҳавлинакут қаламчаи пулодум,
Дар боғчаи ту булбули хушфарьёдум.
Холӣ мекунум рӯи декуни ободут,
Сад вою дареғ меҳнатакой барбодум.

* * *

Бача-бачае, чи ҳол дорӣ, бача?
Дар ҳавлини ман чӣ кор дорӣ, бача?
Ғам мехӯрӣ ғамхор надорӣ, бача
Ман ёри туям, ту ёр дорӣ, бача?

* * *

Ай боло меой, омаданота садқа!
Остини ба қад подоманота садқа!
Остини ба қад дорӣ мо ҳам дорем,
Беҳуда чӣ ноз дорӣ, намебардорем.

* * *

Ин кутали ру ба ру дуд меброя,
Ду куртакабуд думи ба дум меброя.
Эй куртакабут, ҳамон ҷо ист, ҷура шавем,
Дар даври Советӣ кафтари қуша шавем.

* * *

Эй ҷураи ҷун, дами беғам назанӣ,
Дар бовати ошиқӣ ба кас дам назанӣ.
Дар бовати ошиқӣ шудай хунрезай,
Хунҳоро ба ов шуста, ба кас дам назанӣ.

* * *

Ай раҳаки дур ба худма ёр овардум,
Як ёраки шухи бекарор овардум.
Ин ёраки бевафо маро ёрӣ накард,
Дардаш ай диёр ба диёр овардам.

* * *

Куза гирифтӣ барои об омадай,
Пурсидани мани дилхароб омадай.
Ормон дорам, як лаҳза дар пешам шин,
Ҳарчанд ба кори иштироб омадай.

* * *

Ин себи ниҳонкардаро об овардай,
Тагпурсӣ кунам, ба чӣ хаёл овардай?
— Ин себи ниҳонкарда ба савғоти лавут,
Ай бахши гапи динашабут овардай.

* * *

Эй аспи сиёҳ, майдаҳамвор бирав,
Семоҳа раҳа дар як саҳаргоҳ бирав.
Ман метонистум сумота зар мебастум,
Монандаки дастагул ба хиргоҳ бирав.

* * *

Дурай раҳакут дуру дарозай раҳакут,
Торику салот роҳи биёбон саракут.
Мурғони ҳаво ҷилва кунад дар саракут,
Ҷилвара чӣ кор кунӣ, ки сарсон саракут.

* * *

Офтов задай дар лаваки декунум,
Меҳмони равандае азизи ҷонум.
Кошки бишава, додар шавад меҳмонум,
Сар дар хоки пош монам, барояд ҷунум.

* * *

Ту қади баланд дориву рӯймол ай мо,
Дил ҷон дигар дориву безор ай мо.
— Дил ҷон дигар надорам, билло сари ту,
Сад ёри дигарро мекунам садқаи ту.

* * *

Кавгака бубин, марзаи деворанда,
Хушрура бубин бағали мурдоранда,
Як коре шава, мурдор занад ғоранда,
Мову у монем миёни бозоранда.

* * *

Барфак ба саропушта асирӣ мекунад,
Ҳайфи тани нозукам ғарибӣ мекунад.
Гуфтум, ки ғариб шавум кам месузам,
Ғариб саракум ба сад алам месузам.

* * *

Ин шаб чӣ шабай, алови лар месузум?
Ба мирбачара ҷомаи зар медузум.
Сузанум шикаст ба хору хас медузум,
Риштам камӣ кард, ба муи сар медузум.

* * *

Садбарги сафед ба мағзи ҷонум гирумут,
Пайваста ба мағзу устухонум гирумут.
Пайваста ба мағзу устухонум нашавӣ,
Дил пора кунам, болои ҷонум гирамут.

* * *

Кафтарбачаам, ай рахи Рог омадаам,
Ай хона ба чангу бедимог омадаам.
На ташнаи об мондаму на гушнаи нон,
Дилгир шудам, ёрма суроғ омадаам.

* * *

Ховум, ки намебарад, ховут бинум,
Кузаче ба даст дар лаби овут бинум.
Кузача ба даст дар лави оват, ки нашуд,
Дар бобати ошиқӣ хароват бинум.

* * *

Эй чуран чон, мисли гули тарбузӣ,
Қаракчӣ шавам, туро барам бадуздӣ.
Қаракчӣ шудам, туро нашуд бадуздӣ,
Дуздира чӣ хел кунам мани берӯзӣ?!

* * *

Гандум лолае, минёи гандум лола,
Ошиқ шудаам ба духтари қинғола.
Ин духтари қинғола ба мо дил дора,
Қошони сиёҳ, забони булбул дора.

* * *

Хоки ватан ай тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан ай лолаву райҳон хуштар,
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Э кош гадо будӣ ба Канъон хуштар.

* * *

Ситораи равшани дилам торик шуд,
Ай кори чаҳон дасту дилам фориғ шуд.
Оинаи равшанма бидеҳ, ру бинам,
Зангол гирифтай, равшаним торик шуд.

* * *

Ай хона баромадам, ёр дар сари рох,
Гаштам, ки нигаҳ кардам, зад қулфи сиёҳ.
Гуфтам, ки кучо мерӣ ҳақ чонум адо,
Ту ёраки мардумиву мо бусагадо.

* * *

Дар сараки деворат чигас мекардум,
Ай сузиши дил деворта паст мекардум.
Агар медунистам бевафоии туро,
Ай рузи аввал ишқи ту бас мекардум.

* * *

Дар у пара ту бишину дар ин пара ман,
Ту куртай сафед бипушу тугмаш ай ман.
Тугмаш ай ман, асло найй сини ман,
Ту гард шавй, бирезй ай домани ман.

* * *

Ҳайфум бо ту, сад бора ҳайфум бо ту,
Қади арзан ман дил надорум бо ту.
Садбарг шавй панҷа занй дар олам,
Шабнам бишавум, намерезам дар сари ту.

* * *

Маҳтова бубин хайма задай дар осмун,
Шавбодара бин, хаймама кардай вайрун.
Оҳ ай дили пора-пора ҷавр аз раҳи дур,
Овҳо ҳама лар бастану санго ҳама хун.

* * *

Долуни баланд дориву пешаш боғай,
Синаи сафед дориву дилам доғай.
Синаи сафед дориву румоли кабуд,
Гуфтам, ки равам бўса гирам ай лабу рут.

* * *

Ин гули талох мешкуфа суйи-суйи,
Сабзинадухтар ту маро месузонй.
Сабзинадухтари қандалоти писта,
Дар миёни духтарҳо шиштай гулдаста.

* * *

Пудинаи лаби ов намевоя мана,
Бачам раҳи дур рафтай, намефора мана,
Дандонакум дард мекуна болош курсй,
Аввал рафтй, ай бачаи ман пурсй.

* * *

Ман хоб будам таги чанори обй,
Бедорум кард шакарлаби мурғобй.
Мурғон ба ҳавою мо миёни дарьё,
Дўстон ҳама ҷамъу мо ғарибу танҳо.

* * *

Борони баҳор дар лави ғорон реза,
Печ дар печи хам дар хами ларзон реза.
Ҳар шому саҳар овози мурғон хеза,
Бача ай бағали ёр нолон хеза.

* * *

Дар дари хонат оваю ман мурғовй,
Қарчиғай манам, бача, ту зан мековй.
Ҳарчанд копие монанди ман наёвй,
Дигар ай куҷо ҷон маро меёвй?

* * *

Бовом шиштай суфаи сангинанда,
Чй иқа мерай Ҳисори ғамгинанда?
Мардумо меган, ки Ҳисор ғамхуна шудаст,
Ҳарчанд кардем, бовом равуна шудаст.

* * *

Ай хуна баромадам дона-дона,
Каҳдуди сиёҳ шидам даруни хона.
Ин бачаи ҷун боша дара хуй мона,
Каҳдуди сиёҳгула рава ай хуна.

* * *

Ай хуна баромадум фандум кардй,
Ман навчаи себ будам, хамум кардй.
Ман навчаи себ будам, тамомаи ғурра,
Дар вақти ҳузур будам, заҳрум кардй.

* * *

Дар таги долси чилчан боронум расид,
Дар навдагулй алами бохчунум расид.
Дар фикр будам, бачаяки ҷунум расид,
Хезед-хезеде бачаи кордунум расид.

* * *

Шамшод шавум муи тура шона кунум,
Булбул шавум доғои тура нола кунум.
Ҳар шому саҳар агар ба ёдам бирасӣ,
Дарса монуму доғой тура нола кунум.

* * *

Кафтараки сафедаки гардан гули хор,
Гоҳ дар сари гул шиниву гоҳ дар сари хор.
Дар пешакум зан гирифтӣ, эй беҳуда,
Дар пешакут шу мекунаму тоб биёр.

* * *

Ёр дар тағи долунаю ман дар хона,
Бенинсофа бин руша намегардона.
Агар гардуна, алам дар дил намуна,
Бачагим гузашт, дидаву руш мемуна.

* * *

Бача-бачае, илоҳи лунгибандиёт,
Сангон дари мактабу наъли музаҳот.
Ҳар вакте ки дарсдиҳӣ дарой дар мактаб,
Дурр ай куйнакат резаду мушк ай чевакот.

* * *

Имсол чӣ соли футабандун омад,
Ай қаҳри худо марги ҷавонун омад.
Эй хок, кушода бош, меҳмон омад,
Як меҳмони пурҳасрат, пурармун омад.

* * *

Дар миёни ёр ду куш нумоли гардӣ,
Ту ёри манӣ, дар районо мегардӣ.
Афтовои районо бурдан пушта,
Духтарон районӣ бурдан хушта.

* * *

Қадди ҷурама ай ҷиган дар дидум,
Ҳусни дуньё ба вай муяссар дидум.
Ин ҳусни тура нақш кашӣ дар девор,
Ба бухнаи нақши ту биёям сад бор.

* * *

Долуни баланди бәрҳавора чӣ кунам?!
Ман ёри азизи бевафора чӣ кунам?!
Мардум меган, дусти пурат медора,
Маълумоти халқу одаморо чӣ кунам?!

* * *

Ай дур нигоҳ мекунам гулбадана,
Пудинаи лəви ҷӯй, қоғазбадана.
Ҳарчанд кардам вая надодан ба мана,
Ай бахшаки у видоъ мегум ватана.

* * *

Дарьё чола, миёни дарьё чола,
Аскәр мебаран бәчаи ҳаждаҳсола.
Мо гуфта будем бә вай шавем қинғола,
Нагуфта будем, ки мешавем нимкола.

* * *

Кафтараки сафедаки гардан гули хор,
Мо зинда дар ин диёру ту гирифтӣ ёр?
Ҳар вақте бигирӣ ёри навта ба канор,
Сината каждум бигәзаву ҷигарта мор.

* * *

Мурғовира бин лəв-лəви дарьё мерава,
Ин акаи ҷун ҷанги Бухоро мерава.
Э акаи ҷун, ҷанги ҳалоҳал накунӣ,
Душман зурәе хута баробар накунӣ.

* * *

Зардолуи зарду чигарой бирьёнум,
Гуфтам бирәвум хонаи акай ҷонум.
Акам набудак, ки бишканə армонум,
Хестум омадум, ду дидаи гирьёнум.

* * *

Дар ҳавлини ёр барфа партов кардем,
Рухсорәи сурхи ёра зардов кардем,
Торикшаварә хаёли маҳтов кардем,
Зани ҷурамә хаёли ҳар дов кардем.

* * *

Ту қади баланд дорӣ дар ар-арзор,
Раҳгардии хуб дорӣ дар фасли баҳор.
Ай раҳгардиёт замин наёва озор,
Ҷон ману ту, ҷура, миёни гулзор.

* * *

Боло меравӣ, дуо бигу гулҳора,
Он ёри ҳамеша масти бепарвора.
Вай ёре нашид, ба сар бара корҳора,
Маломати дуньёгира бор кард мора.

* * *

Садбарги сафед, ман талабгори туям,
Шабҳои дароз дар ғами рухсори туям.
Ҳарчанд ба танам либоси хуб мепушам,
Рангам гули зардакай, гирифтори туям.

* * *

Офтоб задай дар таҳаки долунум,
Ин кора кӣ кардай? Модари нодунум.
Ин савдои гову мол нест, гардунум,
Ай кори кардай очам пушаймонум.

* * *

Эй кафтаракн сафедаки холдуна,
Ҳар кас, ки ҷудо куна ба ғам дармуна.
Ҳар кас, ки маро ай ту ҷудогӣ фармуд,
Ҷудокуни мо дар санҷаи дар муна.

* * *

Мо булбулему ай гул ҷудо мегардем,
Афтода ба дашти Карбало мегардем.
Дар пеши шумо аҷаб гунохе кардем,
Ай дустой ширин зиндаҷудо мегардем.

* * *

Шомай торик, намози шомай торик,
Ба раҳ мегзара навданиҳоли борик.
Эй навданиҳол, дилакта чӣ мефорид?
— Як ҷураи қадбаланди қошош борик.

* * *

Давлатхонуме, нихоли майдонанда,
Карбос метана сабоҳи мардонанда.
Гуфтам, биравам, бигирамаш ҷонамда,
Сармош набара сабоҳи мардонанда.

* * *

Бачам омадай дар ҳавлинам меҳмунай,
Хаёл мекунам, почои бозиргунай.
Гап, ки мезана, ақлу хушам ҳайрунай,
Мунда рафтай, ду дидам гирьюнай.

* * *

Парвинҷо дароз, раҳаки парвинҷо дароз,
Овла мекуна поҳои бачам ба ноз.
Чанга мезанум аз шом то вақти намоз,
Ин бачаи рафтагим кай оиду боз?

* * *

Ин кутали дамгирира болош дамгир,
Э бачаи майдаҳак, биё дастам гир.
Ай бахшаки ту шому саҳар бедорум,
Бемор шидам, канори бекинам гир.

* * *

Рафти-рафтие, гардаки роҳат назана,
Шамоли хунук шоха ба шохат назана.
Мискин дилакум, ки ҳар саҳар оҳ кашад,
Шамоли хунук ба руи моҳут назана.

* * *

Эй куртасафеди ширамағзи гандум,
Пойи меравй, дилам ба кй мебандум?
Тарси падарум набоша, шармй мардум,
Билло ба худо кутала шиғ мебандум.

* * *

Худам гулуму дар остинам гул дорум,
Ман ошиқи он бачаи мӯйсардорум.
Чоғаҳа бидоз, болина ман, хоб дорум,
Ту танҳо бизан, ман маҳсита буброрум.

* * *

Дар ҳавлини ҷурам дарахти ангурай,
Қилиҷи бадуш ҳамин, ки ай мо дурай.
Дурай-дурае, ба кори худ машғулай,
Ҷура мегуме, зиндаҷудогӣ зурай.

* * *

Эй чаллаи биринҷӣ, нигинат кардум.
Дар миёни сад маълим таинут кардум.
Дар минаи сад маълим таинум нарасид,
Андоза ба қади нозанинут кардум.

* * *

Қандил донае, нахуди қандил дона,
Ҳаргиз нашава ёри қадим бегона.
Мардумо мегаи, ки нав хубай ё куҳна,
Куҳна роҳати ҷонаю нав бегона.

* * *

Дар гушаи бом шиштай сайди ярэдор,
Нумолака каҷ бастай, ғам дар дили ёр.
Очат мега, ба меҳмона чой биёр,
Чоя усу мон, ғубори дилакма барор.

* * *

Боло, ки мерай ба буҳнаи кавгуша,
Савсангула гу, бароя бинам руша.
Як дарди ҳалоҳале бигира шуша,
Ба буҳнаи касалбинӣ бинам руша.

* * *

Эй ҷураи ҷуи, рухат гули най ворӣ,
Ту тоқати афтовои гарм надорӣ.
Сунбул бишавум соя диҳам гулҳора,
Афтов набара ҷураи бепарвора.

* * *

Ин оваки Ҳакимӣ руяш пулай,
Очам мега, ки роҳаки бачам дурай.
Роҳуш дурай, ба кори худ машғулай,
Дустои ширин, зиндаҷудогӣ зурай.

666

* * *

Ай хона баромадам, гумат кардам,
Гули мучаха монанди руят кардам.
Ту гули мучах шавиву точи сари мо,
Мо ай ту гузар кунем, хок дар сари мо!

* * *

Як гул манаму ду гул лави ованда,
Бесоҳиб манам бехон деворанда,
Ку дусти ширин, туша дихад роҳанда,
Булбул шаваму нола кунам боғанда.

* * *

Ин кутали ру ба ру алов месуза,
Дар руи дилам пилтай чироғ месуза.
Ку дусти ширин, пилтай чироға бикуша,
То рузи киёмат чои доғ месуза.

* * *

Ин беди баланд соя ба рухсор куна,
Нодида маро садқаи дидор куна.
Нодида маро ба ту маломат кардан,
Маломатгара ба ғам гирифтор куна.

* * *

Очаву духтар харду дар боғ будем,
Очаву духтар харду бедоғ будем,
Шоха бишикаст, сарнагун зор шудем,
Охир ба дуои кӣ гирифтор шудем?!

* * *

Ин моҳа бубин, хирман задай осмона,
Ду қоши хоҳар камон задай пешона.
Хоҳари арус гула ба гул мола бикун,
Апаи арус чигарта садпора бикун.

* * *

Дар пуштаки қабристон як найдарав,
Пушоки ҳамон аруса бастан дарав.
Бастан дарав, банди дилам мелараз,
Ду қоши сиёй арус ба хок мерез.

* * *

Дар пуштаки қабристон як заргушай,
Шоҳии шаваму сайд кунам заргуша.
Як амре нашид, равам бубинам руша,
Ай боди ҳаво замин гирифтай руша.

* * *

Кордут гули нор, дастаи кордут гули нор,
Поён бурданут, ҳаял накуні зинҳор.
Агар истй, ҳаял накун як сари сол,
Ай мо хати бандагй, дуои бисьёр.

* * *

Борони баҳор мекуна ҷомама тар,
Ку додари қобилум куна ағбара сар.
На парвои сар дораму на парвой хавар,
Додар ба ғарибиё шудай хуни ҷигар.

* * *

Ин танаи ток, танаи ток чй ток?
Ин ток сабил монад дар ин рузи фироқ.
Ин марг омад очаи ҷонакма бибурд,
Ин танаи нозукаш монд дар тагаки хок.

* * *

Ман хоб будам, ки марг бедорум кард,
Ман духтари дуруза ғамдорум кард.
Ман духтари дуруза ғамдор шудам,
Дар ҳини мастй очам озодорум кард.

* * *

Ситораи равшанма куҷо кардй, фалак?
Шава эй миёни субҳ ҷудо кардй, фалак!
Моро ба фалак то ба қиёмат гила,
Ай акаи ширинам ҷудо кардй, фалак.

* * *

Дар руи мазор дарахти танабаста,
Эй очаи ормонии манаҳбаста.
Либосҳои як очара дар тоқ мондем,
Як очаи нозанина дар хок мондем.

* * *

Эй бод, бигард, ки хирманам бод шава,
Ин марг намонд, ки як сари сол шава.
Очам боша, ки дилакум шод шава,
Дуруз мана ҳамдаму ҳамзол шава.

* * *

Доғоша ба ман мондаву аскарӣ рафт,
Бачам гӯё ба боғ меҳмонӣ рафт.
Як даста гула ба қиматӣ харидум,
Ясизи гулам ба ҷанги гирмонӣ рафт.

* * *

Ай хона баромадам, оҳи ту кунам,
Охир меравӣ, ҷонма фидои ту кунам.
Охир меравӣ ба он раҳи руфтани мо,
Корде мезанӣ ба ҷигари сухтаи мо.

* * *

Ин танаи бед ба тани ток расид,
Қомати арус ба қабати хок расид.
Мардумо мегап арус қинғола шудаст,
Дар саҳараки ҷумъа нимкола шудаст.

* * *

Бача-бачае, себи зард овардӣ,
Бозӣ-бозие маро ба фанд овардӣ.
Ман гуфта будам, бача, ба ту ром шавам,
Ман ром шудам, бача, чӣ нанг овардӣ?!

* * *

Боло меравӣ, салом бигу гулҳора,
Ай миёни ҷувоно, ёри мора.
Ёри мора гу, ба сар бара корҳора,
Дар миёни душмано намона кора.

* * *

Ин моҳа бубин, дар осмон садпора,
Нисфаш гули арғувону нисфаш лола.
Лола ба даруни дил сиёҳӣ дора,
Мискини дили ман ай ёр ҷудогӣ дора.

* * *

Акам омадай қати савори бисьёр,
Дар миёни акаам нумоли гулдор.
Мардум меган, меҳмони акат бисьёр,
Ман садқа шавам дар акаи меҳмондор!

* * *

Чароғаки даргирьёна поён бурдан,
Ин акаи майдаҳакма раъён бурдан.
Раъён бурдан, куртаи сабзуш додан,
Ин либоси аскарӣ ба қадуш додан.

* * *

Ситора залилу ман заладам, ака,
Дар шаҳри мусофирӣ ғарибам, ака.
Дар шаҳри мусофирӣ ғарибон бисьёр,
Ман ай ҳама зору мунтазирам, ака.

* * *

Дулонаи уругира бастанша бинен,
Ин духтари падардора рафтанша бинен.
Ин духтари падардор сарчоқи заррин,
Ин духтари бепадара бин, хоки замин.

* * *

Осёби калона сангу бораш моем,
Ин ҷавони рафтагира ёраш моем.
Ёраш моем, дар диёраш моем,
Шабҳои дароз дар хумораш моем.

* * *

Дар пуштаки мактабо ҳой андохтам,
Дар чойнаки канцеляр чой андохтам.
И чойи канцеляр ранг ҳан набудай,
Дар гардани маълимҷон нанг ҳам набудай.

* * *

Офтоб бизад дар таҳаки долонум,
Корора кӣ кардай? додари нодонум.
Як чое надод, ки бушкана ормунум,
То даври қиёмат ай додар нолонум.

* * *

Магазини додарум дар раъёнай,
Меҳмонхонай додарум пурмеҳмонай.
Додар боша, хонаи ман ободай,
Додар набоша, хонаи ман вайронай.

* * *

Эй аспи сиёҳ, деволу майдон додарум,
Шорогза сиёҳ бахмалгиребон додарум.
Ҳар касе бийя ҳайдагири додарум,
Чоли бари рум садқаи сари додарум.

* * *

Як аспи сиёҳ дар таги долон дидам,
Тобути оча дар куча ҳайрон дидам.
Тобута гирен, барен ба шаҳри падаруш,
Аз хона барон духтари бехаваруш.

* * *

Дар кутали уругй боғ бисьёрай,
Ёрум рафтай дар ҳукумат дастьёрай.
Ёрум рафтай дар ҳукумат дастьёрай
Корон ёрум ай муи сар бисьёрай.

* * *

Аскарй рафтй, ҳаял накунй бисьёр,
Сар дар бағали касе намоий зинҳор.
Сар дар бағали касе, агар монда шава,
Як порча хате ба ман дониста шава.

* * *

Дар гушаи бом шиштай, най метрошй,
Як бачаи сафедаки қаламқошй.
Гуфтам, биравам, агар ба дилам бошй,
Ризом, ки нахост, ба чон акам бошй.

* * *

Дар гушаи бом шиштай сайди ярадор,
Дил месузад, чигар кабоб ай ғами ёр.
Мардумо меган, хешу таворат бисьёр,
Сад хешу тавора мекунам садқаи ёр.

* * *

Ай хона баромадам, оҳам накунӣ,
Шуйкта гирифтаам, дуоям накунӣ.
Шуйкта гирифтаам ба сад меҳри гиё,
Дастакма гирифту гуфт: «ай хона баро».

* * *

Борони баҳор ғузаҳои лошӣ,
Саркарда додарум дар кучоҳо бошӣ?
Бошӣ, бошӣ, соку саломат бошӣ,
Бо гардани качи ман бадавлат бошӣ.

* * *

Боми ману боми ёракум як бомай,
Ай раҳгаштанош рӯзам намози шомай.
Мардумо меган, ки ёри ту кадомай?
Он чавони тоқисурхи лави бомай.

* * *

Ёри хама ёру ёри ман донаи нор,
Сад ёр ба ёри ман шудаст хизматгор.
Ҳар касе бигира ёри мара ба канор,
Лавҳоша ғундал газаву забонаша мор.

* * *

Дар гушаи чорбоғут садо мекардум,
Ин нолаи зорма ба худо мекардум.
Ин нолаи зорма ба худо карда нашуд,
Умрма ба гандагӣ адо мекардум.

* * *

Тутак сим-сим, миёни тутак сим-сим,
Тутак мекаша чавонаки савзу ширин.
Эй савзу ширин, боди кучо мебарата?
— Ин беди муҳаббатай, эй цони ширин.

* * *

Дар даруни Гунбулоқ гули кишмишай,
Ай рафтанакой чавон дилам ташвишай.
Ҳар кас биёра хавари саҳариша,
Аспи акама медиҳам хайдагиша.

* * *

Идора балаиду ҷойнишинай ёрум,
Бо куйнаки сабз идорашинай ёрум.
Идора бие, ки ёр, корут дорум,
Як лаълида каид, чахти чоют дорум.

* * *

Ин ёраки майдаҳаки гулгунпушам,
Ай нумози шом бие, бишин дар пешам.
Ай нумози шом бие, бишин дар пешам,
Гир бусаву гир канору хез ай пешам.

* * *

Бачаш бумбура иллоҳи Ғаюрбека,
Тир кашиду тир андохт Тоҳирбека.
Буравен, хавар кунен Қаландарбека,
Биёя бара мурдаи Тоҳирбека.

* * *

Ҳайфум бо ту, хайфи ба ҳайфум бо ту,
Қади дони арзан дил надорам бо ту.
Қади дони арзан дил надорам бо ту,
Сад чоли сафед бофам мером ай ту.

* * *

Ай хуна баромадам, дил пурдардай,
Ай кулфати дуньёира рангам зардай.
Мардумо меган, рангги ту ай чи зардай,
Хурдам ғами дуньёира, рангам зардай.

* * *

Дар ҳавлии аскаро зағер андохтем,
Дар хонаи аскаро ғирев андохтем.
Аспи аскар ҷоҳон аспбандиша бин,
Духтари аскар қошон пайвандиша бин.

* * *

Ман шишта будам дар даҳани дарбича,
Аскарбачара бурдан ба қади куча.
Мегум, ки кучо мерай, аскарбача?
Дар чашмон пури овут ҷонум, бача.

* * *

Эй бачаи чакманбури чакманкалта,
Худам хута механдаму халқо занта.
Гуфтам биравам сар монум дар болинат,
Беват ховай мисоли саги кутта.

* * *

Ай хона баромадам, ина ҳолам,
Аҳволи дили шикастаи афгорам.
На падару на модар дора ёрам,
Гуё дили санги хора дора ёрум.

* * *

Дулонаи баста-баста дар майдунай,
Як акаи хуб дорам дар поюнай.
Дар поюнай, дусту душман бисьёрай,
Як гапи душманош заҳри морай.

* * *

Эй саллакабут, саллахиромон, додарам,
Нури чашмум, чароғи тобон, додарам.
Эй додари ҷон, куҷо занам чодарта?
Ай барги гули лола кунам чодарта.

* * *

Ин кутали ру ба руя райҳон корум,
Тоқат, ки надорум ба дили афгорум.
Акам мега, ки хоҳар, туро меброрум,
Эй акаи ҷон, хопата дуст медорум.

* * *

Саллаи сарат аллакаи тиллой:
Хешот сафу ҷамъ, дар аскарӣ танҳой.
Худо мегуме, ай аскарӣ биёй,
Аспи акама мекунам худой.

* * *

Сари куҳи баланд то кай нишинам,
Ки лола сар барорад ман бичинам.
Ки лола сар баровард бебақо шуд,
Чилими нуқрагӣ аз даст хато шуд.

* * *

Гул дар куза, гули калон дар куза,
Повестка омад-чурам, надора муза.
Пасар боша, усто медуза муза,
То рузи азал банди дилам месуза.

* * *

Чапкандӣ сафед, чуваки чапкандӣ сафед,
Дар таги чапканд шиштай як куртасафед.
Эй куртасафеди ширамагзи гандум,
Ҳолӣ меравӣ, дилма ба кӣ мебандум?

* * *

Ай хона баромад моҳи марҷонаки ман,
Дар пушти лават пайки дандонаки ман.
Хона меравӣ ҷангат кунан, ҷонаки ман,
Дар руи алов ҷигари бирьёнаки ман.

* * *

Ай боло кулангк омаду кавги мана бурд,
Як беваи зол омаду ёри мана бурд.
Мардум мегам, беваи зол порина мурд,
Шамол хестак хокистарша кучада бурд.

* * *

Духтар, ки ба уру меравӣ, ёрат манам,
Нумоли бирешимин сабукборат манам.
Нумолта баҳо бимон, харидорут сад,
Ёр гирӣ агар, ёри вафодорут, манам.

* * *

Қадоваи Муллокушу регои дурушт,
Як товада наск коштему як товада мушк.
На парвои наск дораму на парвои мушк,
Билло ба худо, ғами ғарибӣ мана кушт.

* * *

Қадоваи Муллокушу дуна-дуна,
Каҳдуда ғаме шудам даруни хуна.
Ку дусти ширин дари хуна хуй муна,
Ғалладуда ғам буброя ай ин хуна.

* * *

Рафтум лаби об як тангаи зард ёфтум,
Ҳайдама буте, як янгаи нав ёфтум.
Янгам мора диду дараша занҷир кард,
Акам зани нав гирифт, мара нодид кард.

* * *

Эй кухи калун, туро камар мевоя,
Додари ширин, туро падар мевоя.
Ҳарчанд амак бо дилу ҷон парвардат,
Ду дасти мубораки падар мевоя.

* * *

Гунҷишкаки беқарор кардӣ моро,
Шинандаи ин диёр карди моро.
Шинанда дар ин диёр ҳаргиз набудем,
Побаста дар ин диёр кардӣ моро.

* * *

Широз мебофум чормехаву ҷонона,
Хат мекунуме маълимҷон бухона.
Бухонаву бухона, ҷавоб гардона,
Мора нагира дидаву руш мемона.

* * *

Эй очаи ҷон, оху воҳам накунӣ,
Хушкардама мегирум, дуоям накунӣ.
Хушкардама мегирум бо амри худо,
Мо кавгаки қушаем, ҷудомун накунӣ!

* * *

Эй духтари Яхчӣ, ту ғарибум кардӣ,
Аз холи лабот бенасибум кардӣ.
Аз холи лабат ташна ба дарьё рафтам,
Бо тири муҳаббати ту шайдо рафтам.

* * *

Себарга бигуфт, дар замин сабза манам,
Бунафша бигуфт, ҷавони пурғамза манам.
Садбарг бигуфт, ту лофи беҳуда мазан,
Тоҷи сари ошиқони саргашта манам.

* * *

Рузе, ки сарам дард кунад, нола кунам,
Ру ба тарафи кадом бегона кунам?
Бегона, агар вафо кунад як дамаке,
Мошанди таоме, ки надора намаке.

* * *

Боло мераме, боло шамоло дора,
Гул мешукуфа лола тамошо дора.
Савдогара бин, молоша савдо дора,
Ғамдор менола, бегам чӣ парво дора.

* * *

Аз ин ҷо то ба районҳора бесад сангай,
Ба ҳар сари санг кабутари ҳафтрангай.
Мардумо меган, ёраки ту чӣ рангай?
— Нозукаку борикаку гандумрангай.

* * *

Доим гузарам дар гузарат меафтад,
Доим назарам бо назарат меафтад.
Як бор бикушой дари хунат чӣ шавад,
Ҳаргаҳ, ки руям ба даргаҳат меафтад.

* * *

Пудина ба боғи мо шудаст мевай тар,
Ру ҷониби мо дорию дил ҷои дигар.
Меҳрат ба мо нашуд аз рузи азал,
Ин сухта дили маро чаро кардӣ хабар?!

* * *

Дар пуштаки Рудакул рехтаст ҷола,
Дар домани Хайригул шукуфтаст лола.
Лола, лолае, гулҳо тамошо дора,
Мо месузем, духтар чӣ парво дора!

* * *

Ёрма бубинее, ай домани дашт мейя,
Афтодаву хеста, кавги маст мейя.
Мардумо, кафо бесте, ки кас меоя,
Ай умаданаш мана ҳавас мейя.

* * *

Дар поюни хунамуи бушол афтодаст,
Ишқам ба бачаи камсамол афтодаст.
Китобчаи камсамола ман мехонум,
Дар болини комсамол сар мемонум.

* * *

Дарьё молае, миёни дарьё мола,
Сел овардай чанори ҳафтодсола.
Навдаи чанор шикаст дилгирум кард,
Ишқи бачаи мардум мусофирум кард.

* * *

Дар ҳади боло ду қадбаланд мегарда,
Камун дар китф абру каманд мегарда.
Гуфтум, биравум, камунша ай китфаш гирум,
Ду булбули маст дар чаман мегарда.

* * *

Ин севака ранг кардам ба ови лола,
Мана букуша дар акаи қинғола.
Қинғолагиёт ҷигарма кардаст пора,
Лола ба даруни дил сиёҳӣ дора.

* * *

Ин чуваки арчагира дар кардем мо,
Ин роҳи мусофирира банд кардем мо.
Ин роҳи мусофирӣ, ки банд карда нашуд,
Бо оҳу фиғон худа фанд кардем мо.

* * *

Мана, ки куштан хокум куне дар Лангар,
То дар сари хоки ман биёя модар.
Модар чӣ куна ҳилаю дармони мана,
Кирмо мехуранд ду чашми бодоми мана.

* * *

Қодирқаламе, қалами пастум додӣ,
Сарриштаи ғамора ба дастум додӣ.
Риски ҳамаро ки шоду хуррам додӣ,
Риски мани носуда чӣ ай ғам додӣ?

* * *

Ай хона баромадум, гуфтум видоъ,
Аз дусти ширини худ шидум видаҷудо.
Дустони ширин, шумо ҳама хуш боше,
Кардам сафаре омадан нест маро.

* * *

Дар тори ҳаво борони зил-зил духтар,
Дар руи замин ситори сил-сил духтар.
Ҳарчанд баҳои ту гаронай духтар,
Мирбача ба пеши ту ғуломай духтар.

* * *

Чормағзи калон нукакаш ҳамзадагӣ,
Акаи мане дар ҳиҷраҳой сангзадагӣ.
Гуфтум, биравум, мурӣ кушоям чилу чор,
Ҳам буи биҳиштум занад, ҳам буи баҳор.

* * *

Нодонаку нодонаку нодонкорум,
Ҳам барғаки жукрагиву ҳам гушворум.
Ҷурама бигу, лаб-лаби дарьё биёя,
Дар ҷевани худ ба мана ойна биёра.

* * *

Пудинаи лабобира коштум то миюн,
Ҳолӣ миёя акажки мурчамиюн,
Як даст ба камун дораву як даст ба лаҷум,
Роҳгардии хуб дораву фарьёди камун.

* * *

Э очаи ҷуи, чува калунум кардӣ?! —
Кулa додиву ба ов равунум кардӣ?
Аввал ба ширу каймоқ калунум кардӣ,
Кузача шикаст, ситам ба ҷунум кардӣ.

* * *

Ин овяки Ҳакимӣ руяш пулай,
Очам мега, ки роҳаки бачам дурай.
Дурай, дурае ба кори худ машғулай,
Хешон аяна, виндаҷудой зурай.

* * *

Имсол чӣ солай, алафо ғура гирифт,
Ин акаи мо минай мазор хуна гирифт.
Гуфтум, биравум, хабар бигирум руша,
Магор дамидай то качакой абруша.

* * *

Дар дар миёна, дари калон дар миёна,
Апам шиштае руша намегардона.
Э апаи чун, рута бигардун бинум,
Пагаҳ маравум, дидаву рут мемона.

* * *

Ин дашти дароз гул ҷудо, лола ҷудо,
Ман садқа шавум дар акаи зиндаҷудо!
Кафтар бишавум, парида бирам ба ҳаво,
Хавар бигирум ай акаи зиндаҷудо.

* * *

Афтоби паси ағба пано кард мана,
Ин хандаи як ака адо кард мана.
Ин хандаи як ака ба ҷояш нарасид,
Дар боқии умр зиндаҷудо кард мана.

* * *

Шодӣ ба дилум гузашт, ғам рӯзӣ кард,
Ай умаданой баҳор дилум шодӣ кард.
Рузе, ки танум ба хок ошной кард,
Ер ҷомаша чок биззду бедодӣ кард.

* * *

Имшав чӣ шавай, ситора зил-зил мекуна,
Акаи худум аспи қизил зин мекуна.
Аспуш гулогул, қамчинакуш дасти нор,
Дамуш назане, ки мерава Балху Бухор.

* * *

Ин хунаи чорпула зиндуни манай,
Ин хурду калун ҳамаш раҳбуни манай,
Э хурду калун, ҳамат раҳбунум нашен,
И ғами зиндаҷилой дар ҷуни манай.

* * *

Ту себи мамӣ, сол ба боғи дигарӣ,
Ту шамъи мамӣ, нури чароғи дигарӣ.
Ғамгин манаму ту ғамгусори дигарӣ,
Ёрат манаму ту дар канори дигарӣ.

* * *

Й хунам ру ба рӯи ёр кушт маро,
Кардаст ба даруни дил фаромуш маро.
Хатут бикунум, меган девона шидаст,
Хатут накунум, ёракум бегона шидаст.

* * *

Кафтарбачаро ба боғ мебинам ман,
Ҷулидаву бедимоғ мебинам ман.
Кафтарбачара ба хуни дил парвардум,
Имруз ба чанги зоғ мебинам ман.

* * *

Офтов задай дар сари кухи шодӣ,
Худум гули сурх, ҷурам гули бағдодӣ
Ҳаминча будӣ, дастам гул медодӣ,
Насиби худо будай, дур афтодӣ.

* * *

Ошиқаки руи ту ҳамин сол шудам,
Во навданиҳоли тар гирифтор шудам.
Эй навданиҳол, навниҳоли лаби ҷӯй,
Охир ба маломатат гирифтор шудам.

* * *

Акам бийа худакма тороҷ кунум,
Тови салай яхама пари соч кунум.
Тови салаи акам пари соч нашуд,
Ба мардуми бегона чӣ илоҷ кунум?!

* * *

Се моҳ мешава, кухи калон мероем,
Ай дустан душманора намефроем.
Амр ай ҳақ шава, душмано дур шавад,
Ай кухи калон ҷилвакунон мефроем.

* * *

Э кафтараки сафедаки холгардан,
Мора ба ту як туҳмати ноҳақ кардан.
Мора ба ту ин туҳмати ноҳақ нашава,
Коре ту бикун, забони халқ баста шава.

* * *

Эҳ чуран чон, садаф гирифтай дар бар,
Ороста кардай худакта мисли кафтар.
Шоҳин бишавум тура бигирум ай чар,
Созе гурумут озор наёва як пар.

* * *

Э акан аҳлиёи аҳли дилакум,
Кач мондани тоқият мадори дилакум.
Рузе, ки шава кунчи лаҳад манзилакум,
Кирмо мехуран меҳри туро ай дилакум.

* * *

Барфо ба саропушта асирӣ дора,
Ҳайфи тани нозукум ғарибӣ дора.
Гуфтум, ки ғариб шавум, камтар сузум,
Ғариб саракум, ба сад алам месузум.

* * *

Е дилаки ту дард куна ё дандунум,
Ховут бубара дар сараки зонуям.
Ховут бубара ба буса ведорут кунум,
Арақ бикунӣ ба барги гул бодут кунум.

* * *

Ай бахти сиёҳи хеш дилгир шудам,
Ҳайрон ба нависандаи тағдир шудам.
Илоҳе суза тагдири рузи азалум,
Тагдирма тадбир карда натунист падарум.

* * *

Ай бахшаки ту Аёс кардум худма,
Кафтараки пархалос кардум худма.
Мардум ҳама таърифи хубита кунан,
Қасам хурда халос кардум худма.

* * *

Доларехи майдахаки майдадунум,
Муаллими шавй, дар мактабут меxонум.
Вазифа бутй, савақта мегардунум.
Сар дар хоки пот мунум, буроя чунум.

* * *

И кутали пешоруда як кунда мурут,
Ошиқ шудаям ба бачаи кастумкабут.
Э кастумкабут, дар дили ту чй гап буд?
— Ҷонум саткаи қадут, ки вақтум набуд.

* * *

Рухсораи сурхма дар ғамот ов кардум,
Э акаи ҷун, хуше ки ёдат кардум.
Рухсораи сурх дар ғамут ош нашид,
Хокои сиёҳа ба сарум бод кардум.

* * *

Дугонаи ҷун, бие бишни дар парта,
Ту сузани патифон шавй, ман қарта.
Ту айби калон дорй, ай мо калта,
Ман сатқа шавам қошои пайвандита.

* * *

Бачаланаке, мубофи зардак дорй,
Қошои сиёҳ, руи сафедак дорй.
Куча меройй, қиғиру ҳай-ҳай дорй,
Хуна мийй, зебишки калтак дорй.

* * *

Кади ту ниҳоли ар-арай дар назарум,
Дил ҷои дигар додай, ман бехаварум.
Ман бехаварум, дар ишқат садбарги тарум,
Э тармарги бехавар, сухтай ҷигарум.

* * *

Дилакма назан, дилакум дармандай,
Ҷуни ман ба ҷуни акаҳом пайвандай.
Мардумо меган: дар дили ту чй дардай?
И кути бебовой азову дардай.

* * *

Дар боғат намедаром барои ангур,
Ман лоф намезанам, ки дорам дили зур.
Дар боғат даромадам, дар сояи гул,
Дидам, ки нишастаанд беду сунбул.

* * *

Чашмон дорие мисоли мурғи даштӣ,
Руи падарат сиёҳ, ки ай мо гаштӣ!
Гаштӣ-гаштӣ, ба чанд касо дил бастӣ,
Ҳамон набудӣ, гирди сарам мегаштӣ?

* * *

Гуфтам байде, нигор ай мо ранҷид,
Гуё ки ба вазни байд моро санҷид.
Гуфтам, ки кадом байд гуям, фармо,
Гуфто, ки кадом байд хоҳад ғунҷид.

* * *

Қаде дорӣ навчаи торун ворӣ,
Лабу даҳанат шабнами борун ворӣ.
Дар роҳ меравем Лайлию Маҷнун ворӣ,
Ғамои тура куҷо барам ёдгорӣ?

* * *

Дар сабза нишин, ки сабза гулзори манай,
Дар ҳар сари сабза манзили ёри манай.
Ҳар ҷо, ки равӣ, манзили пурғул бинӣ,
Гулора накан, ки сурати ёри манай.

* * *

Эй ёр, давидию давидӣ, бас кун!
Дар муи сарат сафедӣ дидӣ, бас кун!
Ҳарчанд давидиву муродат нашикаст,
Аз лоларухон вафо надидӣ, бас кун!

* * *

Ёрум ба суи Кулоб меҳмон рафтай,
Ҳайфи гулуме — қимат ба арзон рафтай,
Гуфтум, биравум, бигардонум савдоша,
Доғоша ба мо мондаст, танҳо рафтай.

* * *

Ман хоб будам дар таҳаки деворут,
Бедор шудам дар нағмаҳой дуторут.
Ин нағмаи дуторут алохунум кард,
Раҳгаштани бановут ҷигархунум кард.

* * *

Дар кутали руболо буромад се сувор,
Чашм андохтум, додаракум тоқасувор.
Ин тоқасувор тоқиякуш нақшу нигор,
Бирешуми вилояту нусхаи Ҳисор.

* * *

Ман мешинуме дар лабаки деворут,
Нигоҳ мекунум, ҷура ба ҳоли зорут.
И ҳолаки зори ту сил кард маро,
И ғамои ошиқит пир кард маро.

* * *

Дар таҳаки ток танаки беморум,
Уболи дили шикастаи афгорум.
Дар дилум набуд ҷудо шавум ай ёрум,
Ай тақдири кардаи худо ночорум.

* * *

Ман хоб будам, дусто, маро мор газид.
Овозам ба гуши модари зор расид.
Мардум мегаи, мусофира мор газид,
Ношуир будам, сарам ба девор расид.

* * *

Ай почи чанор анор гирифтем мо,
Ай бахшаки ёр тумор гирифтем мо.
На тумор даво бинарду на тағӣтов шифо,
Охир ба барут қарор гирифтем мо.

* * *

Э аспи сиёҳ, мана ба боло барӣ чӣ?
Қамчинут занум, ба тахти дарьё барӣ чӣ?
Ришта бикарум, сумбота гулдузӣ кунум,
Як бори дигар мана ба Ватан барӣ чӣ?

* * *

Дар дараки мактабо гул тоза шудаст,
Э ҷуран ҷун, гапомун овоза шудаст.
Овоза шудаст, ҷигаром пора шудаст,
Чӣ кор куname, умрмун носуда шудаст?!

* * *

Дар боғут намедром, ки куртам тунукай,
Духтарта намегирум, ки дилум хунукай.
Дар боғут намедаром, боғи ту намай,
Духтарта намегирум, дилум пураламай.

* * *

Ин беди баланд нукаш қалам овардай,
Ай дусти ширин, дилум алам овардай.
Мардум меган, дар дили ту чӣ аламай?
Дар дили мане доғи ғарибӣ-ватанай.

* * *

Боло мераві, боло шамолҳо дора,
Гул мешукуфа, лола тамошо дора.
Боло меравӣ, ҳаргиз ба боло нарасӣ,
Сад ишқу ҳавас дорӣ, ба савдо нарасӣ.

* * *

Шаҳтути сиёҳу ру ба руи ҳавасӣ,
Гар меҳр кунӣ, вафо кунӣ булҳавасӣ.
Гар меҳр кунӣ, вафо кунӣ сесад сол,
Гар ёри дигар гирӣ, ба пирӣ нарасӣ.

* * *

Пудинаи боғи мо шидаст меваи тар,
Ру ҷониби мо дориву дил ҷои дигар.
Туро, ки намебоист, ай сари маҳал
Ин сухтадилӣ маро чаро додӣ хабар?!

* * *

Дудест аз ин хуна бадар мебароя́д,
Ман мунтазирам, ки ёрам кай меоя́д.
Ман мунтазирам, ки кай бубинам руша,
Ай сухтадилам буи ҷигар меоя.

* * *

Э духтари зардина, маро ҷон шудай,
Андар назарам чу мори печон шудай.
Ай сари маҳал маро ба куштан додй,
Ҳоли ба сари роҳам чй ҳайрон шудай?

* * *

Эй беди баланд, дар лаби дарьёй,
Шиштам ба умед, ки рафтай меой.
Гар меой, бахти ману давлати ту,
Зоеъ нашавад ранҷи ману меҳнати ту.

* * *

Ин девори рубарура пурнам дидам,
Дуруза духтар дилакма пурғам дидам.
Эй дил, чй дидй, деволи пурнам гаштй?
— Ай рузи азал деволи пурнам дидам.

* * *

Ай кутали Душанбе буромад ёрум,
Муйсараш чапа ба Яхч, дуромад ёрум.
Дар гур бирава дилаки тангi зорум,
Бевафо будаст ширин, дар интизорум.

* * *

Очама бугу, маълима думод бигира,
Як даста гули маълима савғот бигира.
Як даста гули маълим дар навдаи бед,
Раҳ гаштани маълимай ларзидани бед

* * *

Маълимбачае, баландҳавой накунй,
Ёрут манаму ту бевафой накунй!
Ёрут манаме, аҷаб ҷафоҳо дидам,
То марг наоя, ту ҷудой накунй!

* * *

Ай куҳи баланд решара паст овардем,
Дар туи акам ҷонвари маст овардем.
Мардум меган, дар туй чиҳо овардй?
Ҷуни ширина дар кафи даст овардем.

* * *

Э куртасафед, ҳамеша дар поюнӣ,
Ту ҳилаи ошиқира намедунӣ.
Гар бидонӣ, тоқита кач мемунӣ,
Талхаҳои душманора мекафонӣ.

* * *

Эй чураи ҷон, дилбатангам кардӣ,
Ай сухтани дил бечорарангам кардӣ.
Ба ҳаққи ҳамон мазори паси хона,
Хушдорут будам, девонарангам кардӣ.

* * *

Зардум дар ғамот, заъфаронум дар ғамот,
Сурхай гули лола, ғарқи хунум дар ғамот.
Монанди тамоку дар чилим месузум,
Монанди бунафша саргарангунум дар ғамот.

* * *

Ай хона баромадӣ сунӣ-сунӣ,
Дар чашмут мурам, бача, мепесонӣ.
Мепесонӣ мора, ҳуш месузонӣ,
Миёй, намиёй, чӣ метарсонӣ?

* * *

И чилими нуқрагӣ ба дарьё рафтаст,
Акаи мане ғарибӣ танҳо рафтаст.
Мардум мегаи, акаи ту куҷо рафтаст?
Акаи мане шаҳро тамошо рафтааст.

* * *

Э чураи ҷон, ҷурат набошум, гила кун,
Хушкарда рафиқи ту, набошум гила кун.
Рухсората зард кардай ба ёри аввалут,
Ай ёри аввалут беҳ набошум, гила кун.

* * *

Э севаки сурх, ман талабгори туям,
Дар орзуи дидани дидори туям.
Дар мулки шумо мусофири бевatанам,
Як бор ба забони хуш бигу, ёри туям.

* * *

Ин мурғи сафеда қош кашидаи заргарӣ,
Ин додари акторама бурдаи аскарӣ.
Аскарушн нагу, банди дилум мепара,
Додараки ман ба ин ҷаҳон надора.

* * *

Чароғон аскаро мул-мул мекуна,
Бачама бубин, камунша тир пур мекуна.
Камандира гу, камуниша дар бар гира,
Ин бачаи ҷуни мана хабар гира.

* * *

Бачам таги куку ман таги куҳлора,
Бачам аскарӣ рафтай, ҷигарҳом пора.
Ҳар касе, ки хабари бачама биёра,
Куртай талама метим ба ин бечора.

* * *

Ай кона баромадам самандар мерам,
Кулча тори сар пешаки аскар мерам.
Аскар мега, кулчаи мо бисьёрай,
Як порча хати шумо ба мо даркорай.

* * *

Поезд омад истансаҳо ларзон шид,
Аскарбачаи ай захми тир нолон шид.
Аскарбачаи дар ранги зардат садка,
Дар чеҳраи ранҷури баддардут садка.

* * *

Эй очаи ҷун, чиҳо шунидӣ ай ман,
Ки домани ҷидоғӣ буридӣ ай ман?
Бача набудум, ки тура соҳибӣ кунум,
Ту лаззати духтарӣ набурдӣ ай ман.

* * *

Очама бигу, бум-буми зангуш накуна,
Ғамои мара дар сина сарпуш накуна.
Модар ту бой ба кӯчаи руфтаи ман,
Бемор шудам мана фаромӯш накуна.

* * *

Эй очаи ҷун, ҷува калунум кардӣ?
Дастма гирифтӣ, тай-тай давунум кардӣ.
Дар аввали умр эрка калунум кардӣ,
Калон шидум, ғарибӣ равунум кардӣ.

* * *

Дар хоб будум, ба ҷигарум кордча расид;
Бедор шидум, ба хотирум оча расид.
Рафтум сари болини очадоро,
Ин болини беоча ба фарьёд расид.

* * *

Ин кутали рубола пой дар хорум,
Ин умраки дурузаи ғамбеморум.
Дуруза умр кай ҷудоюм мекуна?
И мардаки заҳдида адоюм мекуна?

* * *

Парвин ба сари калот боша, мерам,
Савғоти лабут набот боша, мерам.
Савғоти лави ту, ҷура, чун маскаи тар,
Сад соли дигар ҳаёт боша, мерам.

* * *

Қуқанд дуру дур, раҳаки Қуқанд дуру дур,
Ман ба тура чӣ рой кунум, э акаи дур?
На аспи даванд доруму на хотири зур,
Оҳ ай дили садпораву ҷавр ай раҳи дур.

* * *

Ай боло миёй, ҷонакам қурбонут,
Тай кастуми шерс дастнамол дар миёнут.
Як гап назадӣ ба лаваки хандонут,
Ҷаврора ба мо кардай буроя ҷонут!

* * *

Эй ҷураи ҷон, дар талошат моем,
Талабаи инистут, ёрат моем.
Талабаи инистут ёрат бисьёр,
Як даста гули болои ҷошат моем.

* * *

Ай дараи Камароб боло моем,
Як алаву як хохари раъно моем.
Мо ҷона ба ҷони ҳамдигар монда будем,
Дар орзуи рӯи ҳамдигар зинда будем.

* * *

Ай боғи боло навданиҳолма бурдан,
Ай тори сарум ду куш нумолма бурдан.
Ай дари масҷид кавги ҳалолма бурдан,
Ай дари хунам акай ҷомма бурдан.

* * *

Э ҷураи ҷон, поҳои даруни овут,
Мактабои Душанбе ҷои ховут.
Мактабои Душанбера мо руфта будем,
Дар миёни ҷураҳот туро ёфта будем.

* * *

Гандумаки худруя дарав мекардум,
Ин пола ба хунаи падар мекардум.
Ин пола ба хунаи падар карда нашуд,
Андешара аз рузи авал мекардум.

* * *

Эй ҷураи ҷон, туй муборак бошад,
Дар пеши барат хати таборак бошад.
Худ гуфта буди духтари Ҳоита гирам,
Ин духтари бегона муборак боша!

* * *

Аз дур нигоҳ мекунум сардарара,
Гуфтум, бутенум, духтари ҳамсоядара.
Мардум чидан гулҳои сурхи сарара,
Моро додан гулҳои шабнамзадара.

* * *

Ҳаргиз ба сари хорҳо бирешум натанй,
Ерат, ки ба дил набошн, ҷонаш накаий.
Ерат, ки ба дил набошн, набуданаш беҳ,
Себе, ки туруш бошад, нахурданаш беҳ.

* * *

Як даста гули сафеди бебу дорум,
Як акаи қадбаланди хушру дорум.
Ормун дорум, акэма қинғола кунум,
Як даста гула ба саракаш соя кунум.

* * *

Акай худум аз хона ба дар меояд,
Ман мунтазирум аз ту хабар меояд.
Ман мунтазирум, аҷаб каноат кардум,
Аз сухтани дил буи ҷигар меояд.

* * *

Акаи худам мири Дарай Севоҳай,
Дар бувати як хоҳар бепарвоҳай.
Эй акаи ҷон, худо фарзандорут куна,
Ай ҳолаки як хоҳар хабордорут куна.

* * *

Акаи худум сураташ кабги дарӣ,
Рухсораш арақ кардаст монанди парӣ.
Парӣ бигум, аз париё беҳтаракӣ,
Ай сухтани дили мо чаро бехабарӣ?

* * *

Ёрум рафтай, ғамгусорум рафтай,
Садбарги сафед ай канорум рафтай.
Ин хона агар биҳишти олам гарда,
Безорум аз ин хона, ки ёрум рафтай.

* * *

Э ҷураи ҷон, дар дили зорут бимурум!
Дар гардани каҷи интизорут бимурум!
Э ҷураи ҷон, рута бигардон суни мо,
Дар пеши бари силсиладорут бимурум!

* * *

Ёрум шиштай дар таҳаки ошхона,
Повеска ба дастуш паной мехона,
Мегум, ки ҷавон, бахчӣ паноҳ мехонӣ?
Ҷигарон сухтагима мерезонӣ!

* * *

Пастию баландию шамоло дора,
Надидаам руй акам хуморо дора.
Аз шаб то руз кардам дуову зора,
Ин акам раҳдуроям пешум биёра.

* * *

Ман сухта кадом дарду аламро гуям,
Ин бахти сиёҳи пураламро гуям.
Э бахти сиёҳ, курта нест, пора кунум,
Шаб дар таги сар монуму руз пола кунум.

* * *

Нумоли сарут ҳавору як гул дора,
Дузанда шавй қонуи намебардора.
Ман садқа шавум қонуни нобардора,
Дузандақора ба сари суд мерора.

* * *

Ман шишта будам, қанду асал овардан,
Бехотир будам, ёрма касал овардан.
Касал нагенуш, банди дилум меларза,
Сарорӯш бутем, вақти саҳар бархеза.

* * *

— Ту ёри манӣ, моҳа шинонда бай,
Занҷири сари дарора ларзонда бай.
— Занҷири сари дара намеларзонум,
Ёрум ховӣ, дилта намеранҷонум.

* * *

Акам ба дара, ман ба болои дара,
Худум себи сурх акам анори дубара.
Ҳар кас, ки маро ба пеши акама бара,
Нумолуш битум, ғамоша бод дода бара!

* * *

Э акаи ҷон, амин-амини ту шавум,
Дар ғалаи саба ман замини ту шавум.
Дар ғалаи саба дарамгарон бисёрам,
Ман марди фақиру хушачини ту шавум.

* * *

Ай тори ҳаво нусқан зар ёфтем мо,
Садбарги сафеди резапар ёфтем мо.
Ту гуфтӣ, ки суратма намеёвӣ ту,
Сурати туро аз паси дар ёфтем мо.

* * *

Як села кабутарора дар ҷар дидум,
Монанди ту ёри бевафо кам дидум.
Ай тахти дилут даромадум, санҷидум,
Ҳарчанд азиз будӣ, вале ранҷидум.

* * *

Ай бахшаки ту абос кардум худма,
Девонаю булқиёс кардум худма.
Хуб мешудӣ, ба ту вафо мекардум,
Беаҳд будӣ, халос кардум худма.

* * *

Ин моҳа бубин дар осмон ранг зана,
Чил хушаи марворид саробанд зана.
Ҳар кас, ки ба ёри дигарон чанг зана,
Ов дар қадаҳу пиёла дар санг зана.

* * *

Зардолуи зарди ғуррарангай ҷӯрам,
Номард бачаву ҳам салтарангай ҷӯрам.
Номарда бубин худакша мард мегира,
Молаш меган зори ба панҷ мегирья.

* * *

Аввал, ки кашидани қаламро гуям,
Ё бахти сиёҳи пураламро гуям.
Фардо, ки худо қозӣ шава дар аросот,
Ҳайрон мондам, кадом аламро гуям.

* * *

Санама бубин дар таги долун шиштаст,
Ду зулфи худа ба оби боруи шиштаст.
Гуфтам, санаме, яктаҳака барои мост,
Хандиду ба ғамза гуфт, бовом шиштаст.

* * *

Духтаре бубин, ки мерава дар раҳи рост,
Ду зулфи сиёҳ дорад ҳардуш чапу рост.
Гуфтам, санамо, янтаданаш барои мост,
Хандиду ба ғамза гуфт, ки моли балост.

* * *

Дар дашт будум боша, надоштум сари даст,
Дар фикр будум, сунаи масте бигузашт.
Эй сунаи маст, бай бишин дар сари даст
Як нақле бикун, хубии умрум бигузашт.

* * *

Ҳисор дуродур раҳои Ҳисор дуродур,
Мун ба тура чӣ рош кунум, эй акаи дур.
Чиз дар хона бисьёрай, чавр аз раҳи дур,
Не аспи бидав дорем не хотири зӯр.

* * *

Дар гушаи бом шиний, сар шона кунӣ,
Ин бачаи тоқисурха девона кунӣ.
Девона кунӣ, ишорати хона кунӣ,
Молакша хурӣ, худакша овора кунӣ.

* * *

Эй чураи чун, гул ба дастум додӣ,
Дар айни чавоний заб шикастум додӣ.
Дар айни чавоний ман умеде доштум,
Ин косаи намедӣ ба дастум додӣ.

* * *

Шуҳои Якака сар ба сар мебинум,
Бачаи худма дар ҳар сафар мебинум.
Бачаи мана ақлу фаросат боша,
Партофтаки як оча чӣ ҳоҷат боша?

* * *

Имруз ҳамои абра парчин кардум,
Ин сайла барои дили ғамгин кардум.
Ин сайл барои дили ғамгинум напзид,
Ин гушаи ғарибира манзил кардум.

* * *

Ин дашти дароз гул ҷидо лола ҷидо,
Ай дусто фуромушем, ай хешо ҷидо.
Ин ови калун гузар намета мора,
Ай дусто ҷидо шидем бо амри худо.

* * *

Ай хуна буромадум дилгир шидум,
Афтода ба пои худ занҷир шидум.
На қозиву на мулло тағдирум кард,
Ин корора додараки санҷдилум кард.

* * *

Ай хона баромадӣ ҷумбон-ҷумбон,
Гарданбанди савз дорӣ, миёнаш марҷон.
Гуфтам, ки куҷо мерай, эй ҷураи ҷон,
— Дилгир шудам, мерам ба сипи поён.

* * *

Аз хона баромадум дона-дона,
Каҳдуди сиёҳ мудом даруни хона.
Ку ҷураи дилсӯзе дара ҳуй муна,
Каҳдуди сияҳ ғумча зана ай хона.

* * *

Ай хона баромадай, шол бастай ёр,
Чашмам ба рӯш афтод гаштам бемор.
Коре бикунӣ бовот гирам чорьяккор,
Шаб дар бағалат бошум, руз дар паи кор.

* * *

Ҳавора бубин шабонаруз мебора,
Курак печидаст болои хунаҳора.
Шамол шавад, курака бод бардора,
Аз боми баланд баром, бинум ёра.

* * *

Ин себаки ниҳолака заргар кардан,
Ин акаи майдаҳэкма аскар кардан.
Камандири ҷун, дар барут дорӣ ханҷар,
Фармон бутеда қафо бигарда аскар.

* * *

Ман садқа шавам қалчаи сангдевака,
Ман садқа шавам духтари Девлонравака.
Девлон нарав, ки гарди роҳут мешавам,
Гули мучҳала дар руи мохут мешавам.

* * *

Дар кушта замин дорум, нимаш шудгор,
Говони кучҳар дорум, дил ошиқи ёр.
Коре шаваду бешавад ошиқи кор,
Гово ба алаф раваду ман пешаки ёр.

* * *

Чойхалтаи чурам дар шонаки дулона,
Гунчишки умадай, чойхоша мерезона.
Гуфтум, буравум, гунчишка бутурсонум,
Очаш умадай, ба сарма мезанона.

* * *

Ай бачшаки ту ошиқи бешавакум,
Чашмам ба раҳи бачаҳои амакум.
Бовом фурухтум дар ивази се гуспанд,
Се сол мешава, хуни ҷигар мехӯракум.

* * *

Як ёр дорум, сарҳади боло ватанум,
Ай барфи зимистона сафедай гарданум.
Гуфтум биравум худша занум дар бағалум,
Маҳтов шавум шуъла кунум дар гузарум.

* * *

Ай Ҳолат мийй, дар кисақот зар дорй,
Пешам намиёй, рафиқи чон, зан дорй.
Зан ҳам дорй, ай мо пинҳақ медорй,
Як бусаи ошиқора дуст медорй.

* * *

Духтар-духтаре, ҳазор сил-сил дорй,
Дар пеши бағал тумори мушкил дорй.
Мо толибему дар талаби илму фазлим,
Як бор бигу, кадом дар дил дорй.

* * *

Қасам ба забону бо лаби ширинат,
Гулро бу кунам, ай гул биёяд буят.
Ҳар вақте тура миёни боғ мебинум,
Таҳсин, ки намекафа дили ғамгинам.

* * *

Манзилгаҳи ёр сурфаи сангӣ боша,
Гузаргаҳи ёр кучаи торик боша.
Мардумо мегаи, ёр чӣ ранге боша?
Коматуш баланд, миёнуш борик боша.

* * *

Оҳи мани сиёҳбахта дар дил нагирӣ,
Дар сояи шиғ нумола дар сар нагирӣ.
Алов шавӣ, пуфут кунум, дар нагирӣ,
Себарга шавӣ, овут монум, бар нагирӣ.

* * *

Дар дари хонаи бовом нақши овай,
Ин ёраки додагиш сохти говай.
Э бовои ҷун, мана гелос мефора,
Ай ёраки додагит халос мефора.

* * *

Сурхун аспаке, аспакта метозунӣ,
Маликаи бечорара месузунӣ.
Ман тупаки қамчини тура бофта будум,
Дар миёни сад ҷавон тура ёфта будум.

* * *

Боло меравӣ, қамчини гулдор дорӣ,
Яқин медонум, бача, ту хушдор дорӣ.
Азроил шавум, бигирум ҷони ёрта,
Таъриф накун беваи аждаҳорта.

* * *

Имшаб чӣ шабай, санҷаи дар мепоюм,
Ай ҳавли замин сухтай ҳар ду поюм.
Мижа мезанум, чашмони пури овум,
Беаҳд будай, то кай туро мековум?

* * *

Ту ёри манӣ, пано-пано мегардӣ,
Чашмат ба ману ай ман ҷудо мегардӣ.
Чашмат ба ману дилат ба ҷои дигарай,
Ай оқибн ёри бевафо мегардӣ.

* * *

Дар таҳаки сев шиштай, сев мечинӣ,
Бо гушаи нумолут мана мебинӣ.
Ман бандаи ӯ нигоҳи пинҳонии ту,
Ай тарси падар рута намегардунӣ.

* * *

Духтар-духтаре, чодар дар бар нагирӣ,
Оҳи мани сағерара дар сар нагирӣ.
Алов шавӣ, пуфут кунум, дар нагирӣ,
Пас ай сари ман ёр гирӣ, бар нагирӣ.

* * *

Дулонаву дулонаву дили зорум,
Акам мега, ки мерам хуварма миёрум.
Янгам мегае, ай рангу руш безорум,
Очам мегае, ҳақ ҷигарой бирьёнум.

* * *

Сангчил чилу чил, лави гузар туда кунум,
Адрас бихарум, ба додарма ҷума кунум.
Ин додари зархарид додар нашава,
Ай барои у лахти ҷигар пора кунум.

* * *

Дулунаи дастпиҳолум дар майдунай,
Як бачаи хуб дорум дар поюнай.
Дар поюнай лахти ҷигар бирьюнай,
Ови ду дидам мисоли новордунай.

* * *

Рафтум лави ов, лави ов сум задагӣ,
Чойник пури чой пиёла дар қум задагӣ.
Ин чоёра мо хурдему шамола шумо,
Ин духтара мо бурдему шарманда шумо.

* * *

Ай боло мнёй, духтар, сарта садқа,
Ду қуша анори пеши барта садқа.
Ду қуша анор дидему хушдор шудем,
Ба тухмати мардумо гирифтор шудем.

* * *

Санҷид сояе, тақаки санҷит соя,
Дара ҳуй монен, ҷурай ҷонум будроя.
Дара ҳуй монен, илоҳӣ садсола шавен,
Ру ба ру шавем, дардои дил буброя.

* * *

Парранда шавум, гирди ту парвоз кунум,
Дар давраи Советӣ вафои ту кунум.
Ту доса гирӣ ҷавдаравии пушта равӣ,
Ду куза пуров аз барои ту кунум.

* * *

Кукан меравӣ, нуқлу мавизум рой кун,
Бо вазни нуқра, ҷура, сақичум рой кун.
Бо вазни нуқра, ҷура, сақичут талхай,
Кавшое рой кардай, дар поям тангай.

* * *

Деволи маҷит ба руякам рахна шудай,
Савзинаҷувон дар ҳаққи ман ташна шудай.
Савзинаҷувони пурхумори бангӣ,
Дар бовати зангирӣ аҷаб бенангӣ.

* * *

Имшаб шаби шамбеҳаю хови мастум,
Як лоларухе қапид банди дастум.
Эй субҳ, надам ай буи ин гул мастум,
То субҳ дамид, гул парид ай дастум.

* * *

Нумозаки шом сараки дар ҷанҷолум,
Ай бахти бадум танаи ярадорум.
Ай бахти бадум як рузи беҳ надидум,
Мана мекушан хунум пиҳили ёрум.

* * *

Ёр куртаи чити магазин мепуша,
Пиёла бадаст чои баканд менуша.
Ай давлати шурову ҳукумат гардам,
Ёрам куртаи рангибаранг мепуша.

* * *

Қошои сиёҳи қаламита садқа!
Шинели дарози аскарита садқа!
Ҷое, ки қадам монӣ, замин механдад,
Ҷои қадаму нишоти пота садқа!

* * *

Руи дилакум алам-алам пураламай,
Руи ҷигарум лахчаву дилум қаламай.
Мардум мегаи, дар дили ту чӣ аламай?
Раҳдуриву ғарибӣ дарьёи ғамай.

* * *

Эй ҷураи ҷон, ағба гузаштам, дидӣ?
Хуни ҷигарам ба об шустам, дидӣ?
Хуни ҷигарам ба об покиза нашуд,
Ғамҳои дилам ба ту навиштам, дидӣ?

* * *

Ай хона баромадам, дурай бача,
Ошиқӣ накун, мушкили зурай, бача.
Дар ҳар сари шох себи сурх бисьёрай,
Гирифтани себи сурх зурай бача.

* * *

Бача-бачае, мегузарӣ бо хирман,
Хуни ҷигарат бирези барфи Яман.
Яман-Яман, ту дил надодӣ бар ман,
Сад каса ба ту мегану бадномзада ман.

* * *

Ситора баромадай, қарибн рузай,
Дар ҳавлии мо нигори бахмалдузай.
Мардум мегаи, ки ошиқӣ чанд рузай,
Хубаш сари сол, гандааш се рузай.

* * *

Барфак ба саропушта мебора манам,
Оча ба суроғи бача мероя манам.
Оча ба суроғи бача лоиқ бошад,
Кабобе ба руи лахча месуза манам.

* * *

Дунъё ба мисоли куҳи ларзон дидам,
Худро ба аҷал мушту гиребон дидам.
Шерони худо куҷо шудан, медонӣ?
Аз ҷанги аҷал ҳама гурезон дидам.

* * *

Ҷон дар тани марди беадаб ларзонай,
Сад ҷон бидиҳӣ, адаб харӣ арзонай.
Аз беадабӣ касе ба ҷое нарасад,
Зеро, ки адаб тоҷи сари мардонай.

* * *

Дуньёра чӣ ҷон бебақо мебинам,
Худро зи ғарибони худо мебинам.
Шахсе дидам, ки моли Қорун дорад,
Дар хонаи охират гадо мебинам.

* * *

Ай Балх баромадем, накандем як гул,
Мундем, рафтем, чаман ба дасти булбул.
Чун рузи дигаре хабар гирифтам ай гул,
На барги гул асту на садои булбул.

* * *

Сангпарчаи қимате дар мубофут,
Гулҳои ҷаҳон бушкуфа дар атрофут.
Ту Ширин бошӣ, ҷура, ман Фарҳодум,
Ёрум нагирӣ, меҳнатакой барбодум.

* * *

Ҳавора бубин шибир-шибир мебора,
Семоҳе шидай, надидам руи ёра.
Ё бори худо, бар мо бутӣ ҳавора,
Дар болои бунги худ бубинем ёра.

* * *

Дар таҳаки бед нашин, бед гулбедай,
Ду зулфи сиёҳ монанди маҷнунбедай.
Ду зулфи сиёҳ шуна задӣ ҳуй додӣ,
Ай шиштани рупару дилам баумедай.

* * *

Ман шишта будум, ки гул ба дарвоза гузашт,
Қад навдаи бед зулфора тобонда гузашт.
Ёрам ба сини Кулоб меҳмонӣ рафт,
Сад ҳайфи гули қимат ба арзонӣ рафт.

* * *

Як боғи калону донае нест маро,
Аҷал омадай, баҳонае нест маро.
Аҷал омадай ба сари паймонаи мо,
Сад вою дареғ, нишонае нест маро.

* * *

Дар дашт будӯм, бигир нагирум кардӣ,
Шаҳбоз будум, даст ба тирум кардӣ.
Шаҳбоз будум, даст ба тирум нарасид,
Монандаи харбуза тилимум кардӣ.

* * *

Рафтум ба саропушта, мана хов гирифт,
Як мижа задам, рухсорама ов гирифт.
Мардум мегаи бевафо ёр гирифт,
Аз ғунча гузашту домани хор гирифт.

* * *

Дар таги долуи чилчаи борунум зад,
Хобум, ки парид, алами бохчунум зад.
Шавҳарум ба бохчунум ки ҳамгап бишава,
Шавои дароз оташа бар ҷунум зад.

* * *

Болои зовут чаман-чаман буиги баланд,
Отанги биришмиву нағомоти занг.
Э, ҷураи ҷун, қатит кай кардем ҷанг?
Рафтӣ ба ғарибиву дил бастӣ ба санг.

* * *

Имруз баромадем мо ай малзор,
Чанги аҷале задай, надорем озор.
Эй ёру бародарон, дуои бисьёр,
Насибаи хоки мо будай дар Ҳисор.

* * *

Ин хунаву ун хуна шиғ дар миюна,
Обе мерава тах-таи меҳмунхуна.
Гуфтум, одамуш монум, ёрум менола,
Асақоли ин диёр ҳама шайтуна.

* * *

Ин кутали качмакач мебром, холӣ,
Сесад ғазалу чорбайта мегум холӣ.
Халқо мегане, духтар, чӣ талх менолӣ?
Ёрум рафтай, канорум мондай холӣ.

* * *

Кавгак ба саропушта асирӣ мекуна,
Ҳайфи тани нозукум, ғарибӣ мекуна,
И аври саропушта ҳамаш борунай,
Зеби гули puштаҳо гули торунай.

* * *

Кавгак сари санг нолаҳош ай бустон,
Гоҳ фасли баҳор бошаву гаҳ тобистон.
Ғариб саракум шидай дар ин чулистон,
Мо булбули ҷулида дар ин куҳистон.

* * *

Мо кавгонеме ай банди роғ умадаем,
Ташна ки шидем, хурдани ов умадаем.
На ташнаву на гушнаву на хурдани ов,
Дилгир шудем ёра суроғ умадаем.

* * *

Додари худум ай ҳади боло миёя,
Ҷома дар китиф мисли шаҳо меёя.
Апа гули сурх, додар бунафшаи тоза,
Гул зард шава, бунафша муна тоза.

* * *

Ҳамсояи дасти рости мо зар дора,
Ду духтари қадбаланди қадрас дора.
Гуфтум, биравум, ба калуниш дил бандум
Кофар дилаке, майли хурдакуш дора.

* * *

Дар кучаи ошиқӣ ба ранги зардум,
Ҳар ҷое ёра бинам, аиёдай дардум.
Духтур биёре, дардаки ишқа нолум,
Дорум бития, шояд аз ин раҳ гардум.

* * *

Аз хона баромадаст Шоҳмазори маст,
Тоқӣ зиҳи абруво, арра сари даст.
Гуфтум, ки куҷо меравӣ, Шоҳмазори маст?
— Дулонабурӣ мерам, вақтум расидаст.

* * *

Дулонай дараи Тиргор мазор афтодаст,
Шоҳмазори маст мисли чанор афтодаст.
Ё хешу табор, равед овоза кунед,
Дар лаваки сурфа монед ҷаноза кунед.

* * *

Эй ҷураи ҷон, ки ру ба боло дорӣ,
Монандаи кабк чашм ба саҳро дорӣ.
Ин одами одамранг таъбат накашид,
Бо зоғи сиёҳ айшу тамошо дорӣ.

* * *

Гул гуфт: тамошои ҷаҳон омадаям,
Ай ҷаври ҷавонора ба ҷон омадаям.
Маро накanед, сабоҳи мардонанда,
Ман ҳам ба тамошои ҷаҳон омадаям.

* * *

Фарьёд, ки дар чулу биёбон мурдем,
Мо ай ситами ҳокими нодон мурдем.
Руи ҳама кофару мусулмон ба Ватан,
Мо бeватано дар мулки Рушон мурдем.

* * *

Дар лаваки бунги ту чигас мекардам,
Ба қадди ниҳоли ту ҳавас мекардам.
Ба қади ниҳоли ту ҳавасум нашикаст,
Ай сухтани дил сафилта паст мекардам.

* * *

Сар то сари сафилут сарнавдаи ток,
Ишқи ма ба ту рафтай, эй хонаҳалок!
Эй хонаҳалок, куртама ту задай чок,
Ту дар лави бом шиниву шут дар таи хок.

* * *

Сафили баланду қои қошпарронӣ,
Ин куртаи карбосита надарронӣ.
Ҳар гоҳе нигаҳ кунам пушт гардонӣ,
Дар аҳде, ки кардай пушаймонӣ?

* * *

Сафили баланд дорум, сархор арча,
Ду қоши сиёҳ дорум, найча-найча.
Худо мегум, ки пешам биёяд бача,
Гаҳ дастаи гул мешам, гаҳ гулғунча.

* * *

Сафили баланд дориву дари чапарӣ,
Ду руи сафед дориву монанди парӣ.
Рута ба дарича мондай менигарӣ,
Шояд, ки дили раҳгузарора бубарӣ.

* * *

Қадат ба мисоли навдаи навбаргай,
Руят ба мисоли кулчаи садбаргай.
Қадат ба мисоли навдаи торунай,
Чашмат ба мисоли мурвати гардунай.

* * *

Рафтам ба саропуштаву кардам ғамза,
Чидам сари зулфи ёру бастам дарза.
Дарза-дарза, банди дилам меларза,
Ай бахши ҳаму қачмичаи пурғамза.

* * *

Як даста гули сафеда дас кард ёрум,
Умадану рафтанoша бас кард ёрум.
Гуфтум, биравум, дасташа гирум, ёрма,
Зурам нарасид, саракма паст кард ёрум.

* * *

И севака сурх кардем ба хукми лола,
Санге бушавум, дига надорум чора.
Ишки ману ту дар куча бозй дора,
Метарсум ай ин куча, ки чоду дора.

* * *

Акаи худум чумай гули най дора,
Ин роххои Украинаро тай дора.
Сунбул бичинем, сои кунум раххоша,
Афтов набара руи хуши раънoша.

* * *

Эй дил, ту, чаро, хазинаи ғам шудай?!
Эй дида, чаро бахори пурнам шудай?
Эй дил, ки намекафй ту гуё сангй
Эй чон, ки намебарой хуш беnангй!

* * *

Дар хона нишаста ру ба девор шудам,
Аз гирьяву оби дида безор шудам.
Гар булбуламу агар гули боғ, чй суд?
Ҳам хандаю ҳам гирьяву ман хор шудам.

* * *

Охир, ки чудоему чудоем, дареғ,
Бо мардуми ғайр ошноем, дареғ.
Бо мардуми ғайр ошно ночорем,
Дар хасрати дидори шумоем, дареғ.

* * *

Дар пештаки хонамон гуле тоза шудай,
Руймолчаи додагим овоза шудай.
Руймолчаи додагим кукаш майда,
Ин бачаи қишлоқира феълаш ганда.

* * *

Кабутари беқарор кардӣ мора,
Шинандаи ин диёр кардӣ мора,
Шинанда дар ин диёр аз бахри туем,
Овораю хору зор кардӣ мора.

* * *

Ман оҳ кашам тамоми ҷонам сузад,
Мағзам ба даруни устухонам сузад,
Мешинаму мехезам дар мегирам,
Сангои хунука дар ҷигар мегирам.

* * *

Аз дурии дуриҳо ба ғам месузам,
Монандаи чӯби тар ба нам месузам.
Аз гардиши чарху аз ситамҳои фалак,
Било ба худо ба сад алам месузам.

* * *

Ин себи самарқандӣ сараш пайдо нест,
Сад дод, ки ёра дилакаш бар мо нест.
Тире задай дар ҷигари афгорам,
Хун мечакаду ҷароҳаташ пайдо нест.

* * *

Ман оҳ кашам дили кабутар сузад,
Дар сояи санг сунбули тар сузад.
Дар хона, агар ба ёди у нола кунам,
Аз нолаи ман барги санавбар сузад.

* * *

Шинам-шинаму ёди гули лола кунам,
Дар боғ даром, васфи туро нола кунам.
Савганд мехурам, эй дуст, бовар накунӣ
Ёди ту расад, гуру кафан пора кунам.

* * *

Аз себи самарқандӣ ба ман қанд бидеҳ,
Аз кокули ёр ба ман миёнбанд бидеҳ.
Аз кокулаки ёр миёнбанди борик,
Аз корои ёр ҷаҳон ба чашмам торик.

* * *

Боло меравӣ, дар ҷебакот магзу мавиз,
Сирҳои гузаштаро нагӯй ҳаргиз.
Мэн гуфта будам, ёрӣ қадимам мешэӣ,
Белавз будӣ, вафо накардӣ ҳаргиз.

* * *

Ин беди баланд нугаш қалам овардай,
Ин дилаки нофорам алэм овардай.
Бахти сиёҳхум лата не пораш бикунам,
Тақдира намебинам, ки зораш бикунам.

* * *

Гар моҳ шавӣ, назар ба руят накунам!
Гар об шавӣ, даст ба ҷӯят накунам!
Гар қавзаи гул шавӣ, реаӣ ба замин,
Садбор гузарам, гирифта буят накунам!

* * *

Дарьё жола миёни дарьё жола,
Бишкаста сари чанори панҷаҳсола,
Бишкаста сари чанор афгорам кард,
Ишқи бачаи мардум гирифторам кард.

* * *

Дарьёи калон пули аҷиб овардай,
Беморӣ маро пеши табиб овардай.
Бемории кӯҳиаро табобат накунанд,
Монед, маро аҷал қариб овардай.

* * *

Аз нимаи шаб моҳ рафтан гирад,
Ситора ба гирди моҳ гаштан гирад.
Ҳар гоҳ таноби умр кандан гирад,
Ҷон дар қафаси сина паридан гирад.

* * *

Мэн шишта будам, гурум-гурум сум омад,
Дастам ба хамир, ҷувонимарг боз омад.
Гуфтам, биравам, бусаи қараиша диҳам,
Дар хонаи вайронаш меҳмон омад.

* * *

Духтар ба таги боғ сара паст мекунад,
Оташ ба дили бача ҳилингас мекунад.
Оташ ба дили бача ҳилингас чӣ кунад,
Кач бастани латаш бачара маст мекунад.

* * *

Борони баҳору ғузаҳои лошӣ,
Эй додари ҷон, дар куҷо хов бошӣ?
Бошӣ, бошӣ, соқу саломат бошӣ,
Бо гардани качи мо бадавлат бошӣ.

* * *

Гунҷишкаки чир-чирӣ кутал гузарӣ,
Хабари мара ба очаи дилсузма барӣ.
Аввал, ки рафтӣ, доғи ҷудоима бигу,
Бовар, ки накард, зиндаҷудогима бигу.

* * *

Ёрат бошам, ҳамеша ёрат бошам,
Дар моҳи шариф ташнаи обат бошам.
Ту куза гирӣ, равӣ ба оби чашма,
Ман садқаи бардоштани обат бошам.

* * *

Дар у бара ту шиниву дар ии бара ман,
Руят суи мардумо, пуштат сини ман.
Як бори дигар рута бугардон сини ман,
Ту гард шавӣ, бирезӣ аз домани ман.

* * *

Ин су хона, он су кабутархона,
Қум-қум мекунад кабутари бегона.
Бегона манам, ки нав харидам хона,
Ман мераваме, хона ба кӣ мемона?

* * *

Кабутарбачаи сабзи ҳавой,
Миёни мову ту карда ҷудой.
Ҳамон кас, ки маро аз ту ҷудо кард,
Саҳар хезад, хӯрад тири ҳавой.

* * *

Сари кӯҳи баланд най мекашад ёр,
Ба чашмаш сурмаи тар мекашад ёр.
Намедонам, ки устодаш кӣ бошад?
Қалам болои дафтар мекашад ёр.

* * *

Шамоли дам ба дам меояд имрӯз
Нигоре аз ватан меояд имрӯз.
Хабар бар модари пирам расонед,
Ки фарзанд аз сафар меояд имрӯз.

* * *

Ба мактаб ҳамсабақ бошем, дугона,
Ба хона ҳамтабақ бошем, дугона.
Маро бе болу пар кардӣ, дугона,
Дарахти бесамар кардӣ, дугона.

* * *

Сари кӯҳи баланд ахтора гандум,
Ғарибӣ мекунам дар мулки мардум.
Ғарибӣ карда-карда хор гаштам,
Миёни дӯсту душман хор гаштам.

* * *

Гули хандон бирафт, ман бо кӣ хандам?
Маҳи тобон бирафт, дил бо кӣ бандам?
Қасам хӯрдам ба дидори хонам,
Ки то ёрам наояд, ман нахандам.

* * *

Падарчон, хор кардӣ, бо кӣ гӯям?
Чудо аз ёр кардӣ, бо кӣ гӯям?
Сари хинчар ба чони ман халондӣ,
Маро бемор кардӣ, бо кӣ гӯям?

* * *

Диле дорам, ки моломоли хун аст,
Саре дорам, ки аз ғам сарнагун аст.
Диле дорам, ки доим мезанад ҷӯш,
Лабонам хандаро карда фаромӯш.



# СУРУД ВА МАРСИЯҲО

## ЭЙ ГУЛ, ХАРИДОРАТ МАНАМ

Дар дастут додум чуби хушк,
Ай ту наумад буи мушк.
Доғҳои ту маро бикушт,
Эй гул, харидорат манам.

Дар дастут додум каҳрабо,
Аз ту наумад марҳабо.
Доғои ту дар дили мо,
Эй гул, харидорат манам.

Чашми боя кур кунем,
Синфи уро дур кунем,
Ёрдамчии боёнро
Зиндаи дар гур кунем.

Шодон шавед, эй ёрон,
Ҳама коргару деҳқон,
Совет озодӣ дода,
Ба занону духтарон.

## ЭЙ МЕҲРУБОНАМ

(*Бадеҳа*)

П и с а р: Ошиқ шудам ноз накун,
Бари рута соз накун.

Духтари лаби бора
Биё равем идора
Хат бигирем якбора.

Дуру дурдонаи ман,
Мана бубар ба хонат,
Ё биё ба хонаи ман.

Духтари тан мурӣ,
Маро надидаӣ, курӣ.
Ҳам гандаӣ, ҳам зурӣ.

Дуру дурдонаи ман,
Мана бубар ба хонат,
Ё биё ба хонаи ман.

Духтари тан реша,
Нумолут пари паша,
Ба ман дилут мекаша.

Дуру дурдонаи ман,
Мана бубар ба хонат,
Ё биё ба хонаи ман.

## ПАРВОЗ КУН

Аша, аша, парвоз кун,
Рута сиин Дарвоз кун,
Очата ов бурдааст,
Бобота хов бурдааст.

Аша, аша, алой,
Ту аз ҳама болой,
Ҳама дар руи замин,
Ту дар хаси болой.

## ОБ ОМАД

Санг омаду санг омад,
Пеши бузи ланг омад.
Ин тахта ба он тахта,
Шоҳони камарбаста.

Ман писари камбағал,
Ин қадар парвоз накун.

Духтар: Имшаб чароғ месузум,
Токии гул медузум,
Як тораш камй кунад,
Ай тори дил медузум.

Писар: Ай девол кандум похса,
Задум ба як бечора,
Номехрубон, эй санам,
Гули ту бар сар занам.

Духтар: Да дастут додум нумола:
Дузандааш холдорак,
Холдор ба ту ёр шавад,
Ба ту вафодор шавад.

## ДУРУ ДУРДОНАИ МАН

Духтари таи ар-ар,
Ду зулфа хуй мун дар бар,
Маро ту кардай дилбар.

Дуру дурдонаи ман
Мана бубар ба хонат,
Ё биё ба хонаи ман.

Духтари таи девор,
Калата бикун диёр,
Ҳардумун бинем дидор.

Дуру дурдонаи ман,
Мана бубар ба хонат,
Ё биё ба хонаи ман.

Духтари таи бора,
Дар кокулат ситора,
Се моҳ шудам овора.

Дуру дурдонаи ман,
Мана бубар ба хонат
Ё биё ба хонаи ман.

Духтари лаби бора
Биё равем идора
Хат бигирем акбора.

Дуру дурдонаи ман,
Мана бубар ба хонат,
Ё биё ба хонаи ман.

Духтари тан мурӣ,
Маро надидай, курӣ,
Ҳам гандай, ҳам зурӣ.

Дуру дурдонаи ман,
Мана бубар ба хонат,
Ё биё ба хонаи ман.

Духтари тан реша,
Нумолут пари паша,
Ба ман дилут мекаша.

Дуру дурдонаи ман,
Мана бубар ба хонат,
Ё биё ба хонаи ман.

## ПАРВОЗ КУН

Аша, аша, парвоз кун,
Рута сиии Даҳвоз кун,
Очата он бурдааст,
Бобота хов бурдааст.

Аша, аша, алой,
Ту аз ҳама болой,
Ҳама дар руи замин,
Ту дар хаси болой.

## ОБ ОМАД

Санг омаду санг омад,
Пеши бузи ланг омад.
Ин тахта ба он тахта,
Шоҳони камарбаста.

Асп омаду асп омад,
Ай боло ба шаст омад.
Аспоро куҷо бандем?
Дар мехой қатор бандем.

Ликак-ликаки мардум,
Румол боша, ки бандум.
Як хона пур аз хубон
Ба кадомаш дил бандум?

Роҳи оба набанде,
Ов омаду ов омад.
Пеши ура нагире,
Ов ай Камаров омад.

## ДАР ОРЗУИ ҒАМЗА

Чархам тутие, таноби чархам тутие,
Бовом додастум як пиркари сиёҳлутие.
Орзу доштаме шуваки бофанда кунум,
У шулук-шулук кунаву ман найча кунум.
У карбоса газ кунаву ман курта кунум,
У тоқира кач мунаву ман ғамза кунум.

## МАН ПАДАРУ ТУ ОЧА

Рафтум тарафи кӯҳсор,
Ба қишлоқи Торутор,
Дидам духтари бисьёр,
Ба якташ шудам хушдор.
Качак ба бари рухсор,
Ҳалқа-ҳалқа зайли мор.
Дилмэ кардай бекарор.
Гуфтам, биё оимча,
Савғо тиям румолча.
Умрат дароз ай арча,
Ман падэр шам, ту оча.

## МАРСИЯИ ҲАСАН

Дар лэваки ов паропари моҳӣ шид,
Хезен буравен Ҳасани шоҳ овӣ шид.
И ови калон ҳазор мола мекуна,
Авдулло «бово» мегаву нола мекуна.

Иллаки Абдулло ҳаҷгарта зора мекуна,
Бомо мегаму худора зора мекуна.
Дар лаҳаки ин найчагулак тоза шудай,
Зани Ҳасани, бачаканак, бева шудай.
Зани Ҳасани мега, ки шу намекунум,
Бачакони Ҳасана гирьяни намекунум.
Авроқи Ҳасана парешун намекунум,
Хешони Ҳасана ман ҳайрун намекунум.
Апаш мега, охурчаам монокай,
Чашмум мекунам, соҳиби ман дар хонай.
Мардумо мегам, Ҳасан Бухоро рафтай,
Бедавлат саруш, дар чуши дарьё рафтай.

## МАРСИЯИ УСМОН[1]

Сад дареғо, ҳасрато, боди ҷаҳони бемадор,
Ҷумла мардони ғаюр дар кош пинҳону қатор.
Мусулмонон, ҳар ҷо ки бошед, бишнавед ин воқеа,
Аз барои мурдани Усмон бигирьед зор-зор.
Ҳайфи он гулҳои лола, зинати руи замин,
Ки бигӯяд ҳар касеро дил барои номдор.
Зеби тоҷу зинатафзои ҷаҳону аср буд,
Кас надида дар ҷаҳон монанди у човуксавор.
Олимон аз руи шаръ рухсат надоданд.аш ба ҷанг,
З-ин сабаб бар суи Исмаил кард у ин тавр фирор:
Аскари аскар ба дасти золимон маҳбус шуд.
Он ҷавони бегуноҳ омад фуромад дар Мазор.
Бо умеди он ки аз ёрони худ ёбад наҷот,
Дасту пойшро бибаст Икроми наркар миразор.
Он ду беинсоф бе тавфиқ бурданд.аш ба Гарм,
Дар таги зиндони ғамхона бидоданд.аш қарор.
Буд ҳамроҳаш дар он зиндон Мулло Тоши ғариб,
Гирья мекарданд ҷавонон мисли абри навбаҳор.
То ба кай гуям рафиқон, дод аз дасти сипоҳ,
Заррае раҳме накарданд он гурӯҳи ғаддор.
Хуни ҳасрат мечакад аз дидаҳои марду зан,
Аз барои мурдани Усмон бигирьед зор-зор.
Он ҷавони хубсират, вожмаслат ҳам сахӣ,
Кард рехлат, эй мусулмонон, аз ин дахри ғаддор.

---

[1] *Усмон* — сардори шӯриши ба муқобили мири Қаротегин.

# ТАРОНАҲОИ БАЧАГОНА

## МОЛ ОМАД

Мол омаду мол омад,
Мол аз сари ёл омад,
Одина савор омад,
Одинаи қар-қара,
Чанга задай дар дара
Чашми занаш мепара.

## ҲИРГИНА

Ҳиргиначон, ҳиргина,
Акай худам мардина,
Чумаш кардам сагина,
Чумаш дарозй мена.
Чумаша калта кардем,
Ба қадуш бозй мена.

## АРҒАМЧИН

Кадуча ба кадуча,
Ошиқ занй бойбача,
Бойбача мазор рафтаст,
Бо гирьяи зор рафтаст.
Арғамчина гум кардаст,
Ду чуба камун кардаст.
Арғамчин дар боғи мо,
Себи сурх кanори мо.
Себи сурхи оташин,
Гул баромад ай замин.
Кўҳ баланду кўҳ баланд,
Султон бурмад рўи банд.
Ин бачаи Регай,
Ай дар омад бегай.
Дар бағалут чӣ дорӣ?
Як китоби пурғазал?
Мо, ки китоб надорем,
Ту бихон, мо гуш дорем.

## ШОҲДАРӢ

Шоҳдариҷон, шоҳдарӣ
Маро куҷо мебарӣ?
Ҳавои кабуд мебарӣ?
Ҳавои кабуд мор дора,
Духтари тулфор дора.
Дар фалакон чангай,
Камони ҳафтрангай,
Ангамади бузкуш,
Дар рӯи сабза бешин.
Сабзаҳоро буз хурдай,
Бузи моро гург хурдай.

## ОСМОН СИТОРА ДОРА

Осмон ситора дора,
Ахли идора дора,
Дар идораш гул дора,
Хушбӯи бисьёр дора,
Ҳамеша дӯст медора.
Нино, Нино ном дорум,
Умринисо ном дорум.
Хушбӯи комсомолум,
Ордени Ленин дорум.

# СУРУДҲОИ МАРОСИМӢ

## АРУСБАРОРОН

Янгахон: Мо ба ин хона ба шод омадем,
Шод бош, чура, салом омадем.
Ҳофизон: Шаҳд овардем, додара овардем,
Янгахон: Хонаи тӯйҳор давлат ба сарут,
Салу гашташа шавад гуллингарут.
Ҳофизон: Шаҳд овардем, додара овардем.
Янгахон: Ай бари боло ужадамота садқа!
Ҳофизон: Мо ба ин хона ба шод омадем,
Шод бош, чура, салом омадем.
Янгахон: Остина ба қад подушамота садқа!
Ҳофизон: Мо ба ин хона ба шод омадем,
Шод бош, чура, салом омадем.

Я к к а х о н: Раҳ мегардиву дили шаҳа ов мекунӣ,
Ҳ о ф и з о н: Мо ба ин хона ба шод омадеме,
Шод бош, ҷура, салом омадеме.
Я к к а х о н: Дар поят пондоз помунданота садқа!
Ҳ о ф и з о н: Мо ба ин хона ба шод омадеме,
Шод бош, ҷура, салом омадеме.

*Арӯсро дар хона нигоҳ медоранд, шоҳмардҳо ба падару модари арӯс муроҷиаткунон мегӯянд:*

Я к к а х о н: Сари дегдуни баланд кулчаросткунӣ
очаше,
Ҳ о ф и з о н: Бурор, бурорӯш, холае,
Тезтар бурорӯш, холае.
Я к к а х о н: Ҳой дар ҳавлинакут буғзолагирӣ очаше!
Ҳ о ф и з о н: Бурор, бурорӯш, холае,
Тезтар бурорӯш, холае.

*(Аз забони духтар):*

Оҳ намерам, очаҷун,
Ҳиҷҷо намерам, очаҷун.

*(Аз забони модараш):*

Духтарак, моли касай,
Ночор мерай, духтарум...

*Вақте ки арӯсро ба болои асви орододашуда савор мекунанд, садои арӯсбарандагон баланд мешавад:*

Гулта бурдем холае, сумбулта бурдем холае,
Аз миёни духтаро хушрута бурдем холае.
А р ӯ с: Дар ҳавлини падарум санг ҳам набудай,
Дар гардани падарум нанг ҳам набудай.
Оҳ намерам, очае,
Билло намерам, очае!
М о д а р: Моли мардум хурдаем,
Ночор мерай духтаре.
А р ӯ с: Ҷое, ки дилам будак, сарпаст карден,
Ҷое, ки дилам набуд, барқасд карден.
Оҳ намерам, очае,
Билло намерам, очае!
М о д а р: Моли мардум хурдаем,
Ночор мерай, духтаре.

Яккахонҳо: Очам шаҳ, ба ту мегум,
Ту гуш будор, ман чӣ мегум:
Гушота ба карӣ мандон,
Чашмота ба курӣ мандон,
Пойҳота дар кулӣ мандон
Дар сари шаҳ руймол андон.
Ҳофизон: Устои лайги сартарош,
Сара покиза тарош.

Яккахонҳо: Хохари шаҳ, ба ту мегум,
Ту гуш будор, ман чӣ мегум
Гушота ба карӣ мандон,
Чашмота ба курӣ мандон,
Пойҳота дар кулӣ мандон.
Дар сари шаҳ танга бучош.
Ҳофизон: Устои лайги сартарош,
Сара покиза тарош.

Яккахонҳо: Янгам шаҳ, ба ту мегум,
Ту гуш бидор ман чӣ мегум:
Гушота ба карӣ мандон,
Чашмота ба курӣ мандон,
Пойҳота дар кулӣ мандон,
Дар сари шаҳ танга бучош,

Ҳофизон: Устои лайги сартарош,
Сара покиза тарош.
Яккахонҳо: Бобом шаҳ, ба ту мегум,
Дар сари шаҳ танга бучош.
Ҳофизон: Устои лайги сартарош,
Сара нимкола тарош
Яккахонҳо: Апам шаҳ, ба ту мегум,
Дар сари шаҳ танга бучош.
Ҳофизон: Устои лайги сартарош,
Сара оҳиста тарош.
Яккахонҳо: Чурам шаҳ, ба ту мегум,
Дар сари шаҳ танга бучош.
Ҳофизон: Устои лайги сартарош,
Сара оҳиста тарош.
Яккахонҳо: Хешом шаҳ, ба ту мегум,
Дар сари шаҳ танга бучош.
Ҳофизон: Устои лайги сартарош,
Сара покиза тарош.

Ҳофизон: Барор, бароруш, холае,
Тезтар бароруш, холае.
Рузи мо бевахт шудай,
Кай мебурориш холае?
Яккахонҳо: Сари дегдуни баланд,
Чапотибанди очаше.
Ҳофизон: Барор, бароруш, холае,
Тезтар бароруш, холае.
Яккахонҳо: Ҳой ҳар шому саҳар буғзолагири очаше.
Ҳофизон: Барор, бароруш, холае,
Тезтар бароруш, холае.
Яккахонҳо: Ҳой имруз мерава, хонаи холӣ очаше.
Ҳофизон: Барор бароруш, холае,
Чаққон бароруш, холае.
Офтоби моро дер шудай,
Кай мебурориш, холае?
Яккахонҳо: Хамиркунакта бурдем,
Фатиркунакта бурдем,
Хунарувакта бурдем,
Овбиёракта бурдем.
Ҳофизон: Барор, бароруш, холае,
Чақон буроруш, холае.
Вақти моро нагире,
Зудтар буроруш, холае.
Моҳ баро ай хонае,
Чашмони шаҳ мастонае.

## ШОНАИ ШАМШОДАКАМ

*(Суруди духтарон)*

Шонаи шамшодакум,
Нашаста дар муякум,
Эй бовон чонакум,
Намераму намерам,
— Ночор мондай, мерай.

Акама сарчилав куне,
Чумаи барги пай куне,
Бовем моли мардум хурдай,
Ночор мондам мераме...

## БАЙТ ВА ҚИТЪАҲО

Э бод бугард, ки хирманум бод шавам,
Э чура бай, ки дилакум шод шавам.

* * *

Дар дашти дарон курраи парира куштанд,
Хусуру думод, навги чарира куштанд.

* * *

Ба кучаи тангӣ ту гузар мекардум,
Ба чашмаи сабзӣ ту назар мекардум.

* * *

Оҳ гуяму дод гуям, чон додам омадай,
Фарзанди ширинзабон имшаб ба ёдам омадай.

* * *

Почо гуш бидор, ситор чиҳо мегуяд,
Ай кучу гузари киберий мегуяд.

* * *

Ту бачаву ман бачаву ҳарду бачаем,
Ҳарду бачаро никоҳ мебояд баст.

* * *

Самалут умад, самалути занчирадор,
Дар болои самалут додаруи сувор.

* * *

Олуча пата кардум, кадум нарасид,
Бечара калон кардум, курум нарасид.

* * *

Даҳ сол мешава, бача, ай руси рафтакут,
Баъди мурдан чӣ кунум ма илму амалут.

* * *

Ин гирьяи зан на баҳри шавҳар боша,
Балки ба фироқи шуи дигар боша.

* * *

Ҷумабеқасам, тиризи остинут худум,
Сад ёр бигирӣ, ёри гулостинут худум.

* * *

Э ҷуран ҷун, биё мана ёр бишав,
Гар ёр шавӣ, ёри вафодор бишав.

* * *

Сад вою дареғ, ки дар ғарибӣ мурдем,
Дар кунҷи маҷит ай бенасибӣ мурдем.

* * *

Ман садқа шавум як бому ду ҳавора,
Як тараф гармову як тараф сармора.

* * *

Гуфтам, ки мусофир шавам ай дасти ғамат,
Шояд, ки аз ин сина бароят аламат.

* * *

Имруз, ки мусофирора ёди ватанай,
Ҳар булбули шуридаро ёди чаманай.

* * *

Ай боғи калон ба мо расид як навда,
Ай ҷамъи ҷавон ба мо расид як ганда.

* * *

Ман булбули саргаштаю боғу чаманам нест,
Ёрам тарки ман кардаст, ёди ватанам нест.

* * *

Қадди ту гулу рухсораи ту лола,
Ҳар рӯз ҷудоият ба ман садгила.

* * *

Ёрам ту будӣ, намакдонам ту будӣ,
Шамъҳои дарун дар хайлам ту будӣ.

* * *

Зорай атам, зори мазорай атам,
Карсуи пури ком, гушнаи зорай атам.

* * *

У байди, ки ман дугуи, ту ҳам медуӣ,
Сад байди жана ҷавобша мегардуӣ.

* * *

Рангам ба мисоли заъфарон зард шудай,
Мағзам ба даруни устухон гард шудай.

* * *

Дар тандаи тут нишин, ки тут нам дора,
Дуторча баланд навоз, дилам ғам дора.

* * *

Гумдушакаки гул-гулӣ, аз Дарвозӣ,
Ҳарчанд зани хуб дорӣ, ошиқбозӣ

* * *

Шукуфта гули талхаку сурхалуча,
Фармонда ками бобаҷой оча.

* * *

Қадди ту алифу қоматат найшакарай,
Як рӯза ҷудоият бо ман дарди сарай.

* * *

Шоҳрогзагиёҳ, ба дари хунам нагузар,
Гар мегузарӣ, саракта паст карда гузар.

## ДУБАЙТИҲО

Эй санам, бо қомати сарви равонат ошиқам,
Бо ду қоши думи мори лахчаворат ошиқам.
Гар бихандӣ сини ман, ба хандаҳоят ошиқам,
Бо ду зулфони сиёҳи ҳалқаворат ошиқам.

* * *

Ман банда ба у чашмони бодоми туям,
Ман банда ба у лабҳои марҷони туям,
Ман банда ба у зулфони тобдори туям,
Ман банда ба хандаи шакарбори туям.

* * *

Духтар-духтаре, ру ба боло дорӣ,
Чашмони сиёҳ, қади раъно дорӣ.
Ман сухтаву хокистар шудам аз ишқи ту.
Росташа бугу, ту дил ба куҷо дорӣ?

* * *

Ман қади туро ба навдаи сарв надиҳам,
Қошони туро ба усмаи тар надиҳам,
Дар миёнаи духтаро ба ту дил бастам,
Сарма бибуранд, ман тура сар надиҳам.

* * *

Идораи военкомата ремон доран,
И акай майдаҳакма приём доран.
Чойник пури чой ташнай овут бурдан,
Корсон пури нон гушнаи зорут бурданд.

* * *

Дар боғут нашикурам, ки куртам тунукай,
Духтарта намегирум, ки дилум кунукай.
Духтар мегирум, духтари маълуми боша,
Сар то қадамуш ай нуқраку сим боша.

* * *

Пастаковаки, ҳамай олиаи гадои ту.
Боло ҳаду поён ҳаду кушру ҳади ту.
Маро мекушан барои як хандаи ту.
Хуни мани бегунаҳ дар гардани ту.

* * *

Мая шинота будум, ёр умад ай боло,
Нушмачак карабӣ карда руша пинон,
Гуфтум, ки кучо мерай, ай моҳҷамо?
— Ба галум нагир, — гуфт, — мебина бово.

* * *

Дасти чалата ҷомаби дарвеша накун,
Пои ростата ба шуна омухта накун,
Бусат метиҳам, дар кучи овоза накун,
Ёри мардума дидӣ, хамбоза накун.

* * *

Модоғаку модонаку модомоҷуруш,
Ҳам баргаки нуқрагиню ҳам гушвоҷуруш.
Чаҳона бегу, лаб-лаби дарьё баӣм,
Дар човаки худ ба мара ойна баӣра.

# ЗАРБУЛМАСАЛ, МАҚОЛ ВА ИБОРАҲОИ РЕХТА

Муш ҷо намеёва, дар думаш ғелбол мебанда.

* * *

На хурда, на бурда,
Гирифтум дарди гурда.

* * *

Дар ноомади кор чурғот дандон шиканад.

* * *

Дар ҷое, ки ошай, кал фаррошай.

* * *

Дар дилат завқе надорӣ, синаҷунбонӣ чӣ суд?

* * *

Холаи ҳамакора, ҳама кораш нимкола.

* * *

Аз роҳ зану хайр кун.

* * *

Қандам хурдӣ, дам назан,
Фандам хурдӣ, дам назан.

* * *

Хари пешина пасинаро роҳ нишон медиҳад.

* * *

Ба шер панҷадарондаро надидааст.

* * *

Девор муш дорад, муш гуш дорад.

* * *

Ба чоҳи кургакат по дарой худ.

* * *

Хубӣ куну дар об парто.

* * *

Ҳафт бор чен куну як бор бур.

* * *

Кам бошаду бегам бошад.

* * *

Айб, чоруқат дар тори пос,
Қадри худро бишинос.

* * *

Ҳама кур шуд, ман бинам.

* * *

Омад бинӣ мулла кош,
Гова бинӣ магас кош.

* * *

То ҷӯйборо надидӣ, «уҳ» нагу.

* * *

Сер ай дили гушна чӣ парво дораву савор ай дили пиёда.

* * *

Лабатро ҳанӯз мурча нагазидааст,
ту қадри зиндагиро чӣ медонӣ?

* * *

Кӯри худу бинои мардум.

* * *

Мард, марди чӯҷагир, сават мону чӯҷа гир.

* * *

Аз оғили холи гови дарзан беҳ.

* * *

Ай зоғ ҳам мондам, ай Раззоқ ҳам.

* * *

Бузак намур, ҷави баҳорӣ мерасад.

* * *

Мурдаҳо ба умед бошанд, Алӣ ба руган рафтааст.

* * *

Шикиёви дари мардум ширин аст.

* * *

Оби дари хона лой, духтараки ҳамсоя хилминий.

* * *

Ҳар зоғеро як доғе.

* * *

Ордака худбогча — шуваки итигча.

* * *

Сона саибандара ей дидавит?

* * *

Худам кагу шарам кап.

* * *

Иалому калон.

* * *

Пому оба жанбошй,
Идк мо обод бошй!

* * *

Дарди сару ками чок.

* * *

Мор чӣ дуст дора? — Пудина.

* * *

Об аз сурху тали аз калон.

* * *

Вуз кажу чай-чакш кам.

* * *

Гала бисьёр ва хара бор

* * *

Ай бозакай хара ажах могирум,
Аз бозакай гаига нажах могирум.

* * *

Тоқӣ — давлати сар.

* * *

Тақдире ман дорум, ширум нопухта ҷурғот мебзанда.

* * *

Дар дил ҳавасо дорум,
Дасти норасо дорум.

* * *

Ай беадабӣ касе ба ҷое нарасад.

* * *

Дасти норасо — азоби гур.

* * *

Ба дуои курик ҳаво намебора.

* * *

Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад.

* * *

Ханда харсувор, таъна пеши ру.

* * *

Дузд бошу беинсоф не.

* * *

Шу — шуроваи бари рӯ.

* * *

Бо дандони ақл кас боақл намешавад.

* * *

Шутур гуфтааст: агар ҳамин каҷим набошад, хушруи дуньёям.

* * *

Дил сурфа нест, ки бикшой, ҳама бинандаш.

* * *

Реша дар об боша, умеди самарай.

* * *

Дил мекаша, по мерава.

* * *

Аз туҳмати ногаҳон, аз марги мифоҷо, аз ҳамсояи баду бало — алҳазар!

* * *

Дар оби лой моҳӣ медора.

* * *

Хар тутро хоколуд карда мехурад.

* * *

Умед — сари сафед.

* * *

Дурӣ, банурӣ.

* * *

Хар рафт Макаву Мадина, омад ҳамон хари порина.

* * *

Дар интизорӣ чашмонам косаи гадо шуд.

* * *

Як лаҳза хов беҳ ай фушти гов.

* * *

Аввал таом, баъд калом.

* * *

Шикампо ба мақсад мерасад, ба манзил не.

* * *

Шухако боми ба бом,
Хапако кора тамом.

* * *

Одама лафзаш ҳалол аст

* * *

Кола сини зоташ наравад, ҳаромист.

* * *

Ҳақи сагира ҳаром аст.

* * *

Гадо гадоро бад мебинад, соҳибхона ҳардуро.

* * *

Ноза ба нозбардорат кун.

* * *

Каме беғам беҳ аз бисьёри бағам.

* * *

Ҳеҷ карз то қиёмат намонда аст.

* * *

Кӯчахандони хонагирьён.

* * *

Либоси мардум хучут мекунад,
Баъд хуру пучут мекунад.

* * *

Об замина вайрон мекунад, одам одама.

* * *

Одами танҳо — хоки қади роҳ.

* * *

Гирьяи арусон аз шодист.

* * *

Кулли қаъмдор (хешдор) ғамдорай.

* * *

Ман осиёб рафтаму ин мегӯяд, дӯл холӣ.

* * *

Як рӯз бошу хурӯс бош.

* * *

Кал кӯрира хандида аст.

* * *

Ру руждаки тах хароб.

* * *

Табиб бошӣ, сари сухтагии худатро табобат кун.

* * *

То нахурӣ санг, намегардӣ самоъ.

* * *

Муши беруна муши даруннаро ҳай кардаст.

* * *

Химча дар тариш тоб мехурад.

* * *

Колаи мешуданӣ аз хушаи думаш маълум аст.

* * *

Ҳар кор тов дора, осиёб нов дора.

* * *

Дузди зӯр соҳиби гова бастаст.

* * *

Зӯр дар гардани нотавон ҳамеша як танга
қарз дорад

* * *

Ай ру шона, ай таг фона.

* * *

Гов дар диёрӣ мардум гусола аст.

* * *

То гусола гов мешавад, дили соҳибаш ов мешавад.

* * *

Падарат зоғи сиёх,
Модарат рафидапо,
Ту чаро зика шудӣ?

* * *

Калам заду курам зад,
Пасмонда кулухам зад.

* * *

Бузро аз пои худаш меовезанду гуспандро ҳам.

* * *

Сухтани чароғи шаб меҳмони номаҳал меоварад.

* * *

Дар дунъё ном намонд, бузро Абдукарим
ном монданд.

* * *

Буза аҷалам расад, нони подабона мехурад.

* * *

Гов умад, гӯсола мехеза,

* * *

Саг умад пишак мегреза.

* * *

Эй холаи нокардакор,
Тура ба ин коро чӣ кор?

* * *

Шулаш аз таги дос халос шуд,
Худашро арғувон меномад.

* * *

Як макри зани лоша
Сесад харра бор боша.

* * *

Сад макр куна шайтон,
Шогирди занак боша.

* * *

Зоғ намонд, гулба намонд, боша шикор баромад.

* * *

Тандуруст болои бемор афтод.

* * *

Асо аз шарики номувофиқ беҳтар аст.

* * *

Як гап гуфтам аз мастӣ, дар қунчуғам барбастӣ.

* * *

Танбеҳ бо эзор мекунӣ, тани худат менамояд.

* * *

Домод тарафи хусур меравад.

* * *

Ҳар ҷо, ки санг аст, пешӣ бузи ланг аст.

* * *

Гунҷишкбача ба очааш «ҷив-ҷив» ёд медиҳад.

* * *

Дарро задам, девор кафид.

* * *

Дар гуфтам, девор шунав,
Духтар гуфтам, сунҳор шунав.

* * *

Дар хона ҳама гуруснаву садақа рӯи деҳа.

* * *

Нон диҳӣ, нон меёбӣ.

* * *

Меҳмон атои худову аспаш болои худо.

* * *

То бад нагӯй, нек пеш намеояд.

* * *

Хирс мулло мешавад бо зарби чӯб.

* * *

Ба гузашта саловот.

* * *

Қаҳи кӯҳнаро бод макун.

* * *

Пешомади ханда гирья аст.

* * *

Мор фарзандашро намегазад.

* * *

Бо қанд гуфтан даҳон ширин намешавад.

* * *

Як гови рихнӣ як подаро расво мекунад.

* * *

Лағати аспро асп мебардораду говро гов.

* * *

Аз навкиса қарз нагир, гирифтӣ харҷ макун.

* * *

Пулро аз пулдор гиру духтарро аз қавмдор.

* * *

Нони номардро нахӯр.

* * *

Дар ҳаққи хеш, ки гапи бад гуфтӣ,
мехри бегона мепарад.

* * *

Аз бародари бад ҳамсояи нағз беҳтар аст.

* * *

Кор русурхии одам аст.

* * *

Ними нон — роҳати ҷон.

* * *

Рубоҳро об бурд, думашро сих кард.

* * *

Дашномро шамол мебарад.

* * *

Чуқ чиву шурбои чуқ чӣ?

* * *

Оҳуи дар кӯҳ гаштаистодаро пуст мекунад.

* * *

Гури мумсик танг аст.

* * *

Кӯр як бор дар чоҳ мезанад.

* * *

Мурғи ваҳшӣ ром намешавад.

* * *

Хари лулиро об деҳу пулашро гир.

* * *

Дузд аз сояаш метарсад.

* * *

Дузд номард аст.

* * *

Одам шири хомхӯрда аст.

* * *

Оча дорӣ, мағзи поча дорӣ

* * *

Падар мурад, бача ятим намешавад,
Модар мурад, бача ятим мешавад.

* * *

Қошукро доду бо кафлес хурд.

* * *

Куза ҳамеша аз лаби об сиҳат намеояд.

* * *

Ба харе, ки бор надорӣ, чӣ кор дорӣ?

* * *

Савдои хона ба бозор намона.

* * *

Ачали гург расид, тарафи хонаи худаш улос мекашад.

* * *

Обат бубарад, оби калонат бубарад.

* * *

Гӯр кушоду кафан кушод.

* * *

Бе токӣ гаштан мумкин аст, бе сар не.

* * *

Ҳар ҳадро андозаест.

* * *

Саг мечакаду корвон бо роҳаш меравад.

* * *

Саг пир шавад ҳам, аз бадихурӣ намемонад.

* * *

Акл аз хурдиву калонӣ нест.

* * *

Аз меҳнати дасти худ баракат меёбӣ.

* * *

Одати бад бо ҷон якҷоя мебарояд.

* * *

Феъли харро соҳибаш медонад.

* * *

На сих сӯзаду на кабоб.

* * *

То напурсанд, гап мазан.

* * *

Хар ҳарому таъбаш нозук.

* * *

Фикри зимистонро дар тобистон кардан лозим.

* * *

Аспро, ки дар охурчаи хар бастӣ,
хислатҳои харро мегирад.

* * *

Ифлосиро, ки шӯридӣ, бӯяш мебарояд.

* * *

Аз гап гап мебарояд.

* * *

Дузд ҳам худо мегӯяду соҳиби гов ҳам.

* * *

Дӯсти шабу душмани рӯз.

* * *

Гов тағи пӯст мондааст одам намемонад.

* * *

Орзуи дуғро бо маҳтоб мешиканем.

* * *

Мол (сарват) чирки даст аст.

* * *

Молу ҳол.

* * *

Аз девори кач ҳазар.

* * *

Вай чунон хушрӯяк аст, ки мор намегазадаш, раҳм мекунад.

* * *

Ятим ба мақсад мерасаду ятимпарвар не.

* * *

Кампирмӯрӣ гапе нест, аммо ачал омӯхта мешавад.

* * *

То омадани табар кунда меосояд.

* * *

Пора санги хораро об кард.

* * *

Ҳеч зан дуғам турш намегӯяд.

* * *

Намади сиёҳ бо шустан сафед намешавад.

* * *

Хонаи гург бе устохон нест.

* * *

Пӯст гӯшт намешаваду душман дӯст.

* * *

Накӯбӣ дареро, на кубанд даратрро.

* * *

Як бори дигар дидани ёрам ҳавас аст,
Дар орауи дубора бисьёр кас аст.

* * *

Болинат замин бошад,
Ёрат нозанин бошад.

* * *

Остинам гадо бошад,
Дилакам бачо бошад.

* * *

Гусолаи мешудагӣ аз почааш маълум.

* * *

Агар писта намебуд мағзу донаш,
Касе ӯро намебурд бар даҳонаш.

* * *

Бо як чоруку пўстин
Катагии мира бин!

* * *

Таъоми акаи Маҷид
Дар тани ман начармид.

* * *

Ба умеди чоруқи амонӣ,
Пота дар хок мемонӣ.

* * *

Мардро боҳайбаташ занро бо ҳурматаш.

* * *

Мард гургрў, зан гулрў.

* * *

Дасти худро гул бисозу миннати нокас макаш.

* * *

Одам диҳанда бошаду талбанда не.

* * *

Ҳавои бад хуб мешаваду одами бад не.

* * *

Бад мерава ба роҳи бадиш, нек мемона бо некиш.

* * *

Санги вазнина об намебарад.

* * *

Ҳунар аз хирвори зар беҳ.

* * *

Кам хӯрдану роҳ гаштану шаҳбоз якест,
Пур хӯрдану хоб рафтану бемор якест.

* * *

Дар хонаат наск накор,
Хонаат беназк ҳам надор.

* * *

Саги мову дар Роғун мечақад.

* * *

Худаш омад бас, бевзи сиёҳруш омад ай пас.

* * *

Ба одами нобовар
Баду нек баробар.

* * *

Девол ай кофтан, одам ай гуфтан вайрон мешавад.

* * *

Ҳақ чӣ меравӣ, дили як одамро ба даст гир.

* * *

Аз одами бечора гургро раҳм меояд.

* * *

Шербача раҳи марғзора гум намекунад.

* * *

Кутала болоиш ҳам кутал асту поёнаш ҳам.

* * *

Гови мурдаро сершир буд мегӯянд.

# ЧИСТОНҲО

Як тоқча пури мехча. *(Даҳану дандонҳо).*

* * *

Ай гушаш нагирӣ, ба оғил намедароянд. *(Пой ва мула)*

* * *

Чор пӯсти гови бечон
Бо як имои Назар
Мисли моҳӣ шино кард
Дар рӯ ба рӯи Лангар. *(Амад, сал).*

* * *

Дар чор фасл либосашро дигар намекунад. *(Арча).*

* * *

Ин сӯ табақ он сӯ табақ,
Миёнаш гӯшти бенамак. *(Чормағз).*

* * *

Ҳама хоб нинӣ бедор. *(Соат).*

* * *

Ду бародар доимо,
Меравaнд дар ҳар кучо,
На каме пешу қафо
Ҳамроҳ мегарданд онҳо. *(Ду чашм).*

* * *

Дарвозаи шерозӣ,
Вай нағмаю ман бозӣ. *(Доира).*

* * *

Ду по дораду ду даст,
Тахтапушташ деви маст. *(Сандалӣ).*

* * *

Хам шуду рост шуд,
Дод гуфту халос шуд. *(Камон)*

* * *

Бобим боло мерава,
Аз пушташ шурбо мерава. *(Борон).*

* * *

Як сандуқ пурри доича
На дар дораду на дарбича. *(Анор).*

* * *

Бузи зарди бозингар,
Не дил дорад, не ҷигар. *(Доира).*

* * *

Ҳай-ҳай дилам месузад,
Мирзои Самарқандй. *(Набот).*

* * *

Домуллои бетоқат,
Келинчаки бениკоҳ. *(Хурӯсу мург).*

* * *

Ай ду дара сел омад,
Панҷ мор аз пеш омад. *(Даст ва оби бинй).*

* * *

Аспа бастам дар мазор,
Еяу думаш чил ҳазор. *(Осмону ситора).*

* * *

Зар малах, зарпо малах, аз тор зад дар тақ шуд
карахт. *(Дулона).*

* * *

Намади сиёҳи лашкарӣ,
Такья назан, ки мешканӣ,
Такьяи мо амал дорад,
Аз ҳар кучо хабар дорад. *(Заминчунбӣ).*

* * *

Аз шир ширинтар,
Аз маска мулоимтар. *(Нишоиста).*

* * *

Шаб бугузак, рӯз тӯкузак. *(Курпаву болинҳо).*

* * *

Як ҷуфти кабутари алоянд,
Ҷуфтанду зи якдигар ҷудоянд,
Парвоз кунанд сӯи афлок,
Аз хонаи худ бурун наоянд. *(Чашмҳо).*

* * *

Ду бодоми шукуфта,
Холи сиёҳ мебозад,
Дар як лаҳза замину
Осмонро тай месозад. *(Чашмҳо).*

* * *

Буз дар камар, нон дар қабу. *(Нону танӯр).*

* * *

Дар як болишт чил муллобача хоб мекунад.
*(Пулу болорҳои хона).*

* * *

Бузи кабут, таги реша. *(Сипору оҳани ҷуфт).*

* * *

Як муллобача миёнашро ҳафт ҷо бастааст. *(Намади пат).*

* * *

Як мардаки чутур, дар танаи девор ҷуфт мекунад. *(Фатир).*

* * *

Огили пастак, тойхари мастак. *(Муш).*

* * *

Шаб руст, рӯз суст. *(Занҷири дар).*

* * *

Осмони ғулдур-ғулдур,
Чор найза дорад, ду ҳайгур. *(Чана).*

* * *

Дасту по надорад,
Дарвоза мекушояд. *(Шамол).*

* * *

На ҷон дорад, на забон,
Хонаро посбонӣ мекунад. *(Қулф).*

* * *

Кулулаи решадор,
Дар вақти пуст кардан
Оби дида шашкатор. *(Пиёз).*

* * *

Шаб меояду рӯз меравад. *(Офтобу маҳтоб).*
Рӯз меояду шаб меравад.

* * *

Такья кунам, меларзад,
Ҷумла ҷаҳон меларзад. *(Доира).*

* * *

Аз кӯҳ баланду аз алаф паст. *(Мурча).*

* * *

Ҷингиламӯ, мӯ надора,
Роҳ мегарда, ҷои надора. *(Абр)*.

* * *

Меравӣ, меравад,
Мeистӣ меистад. *(Соя)*.

* * *

Меҳмон ёфтем, дандун надора,
Чорвош куштем, суғун надора.
*(Кӯдак ва пистони модар)*.

* * *

Чаҳ кандум, чапушак хов рафт. *(Сумалак)*

* * *

Нумади ғаша-ғаша,
Ру-рӯи ов меҷӯша. *(Атола)*.

* * *

Уфтоб ба шаст,
Биниш шикаст. *(Жола)*.

* * *

Тоқии шулук, параи адир. *(Чукурӣ)*.

* * *

Се по дора,
Рӯ ба само дора. *(Кафши чӯбин)*.

* * *

Аз осмон ғалтид, намешиканад,
Аз дарахт ғалтад, мешиканад. *(Барф)*.

* * *

Осмони ҳафтум, дар кафи дастум. *(Оина).*

* * *

Ҳама қаруру ӯ мечунбад. *(Мӯрча).*

* * *

Қутти сурхак, пури нахутак. *(Ҳуч, хулул).*

* * *

Сандуқчаи зарди зарҳавое дорад,
Қулфи оҳани худкушое дорад. *(Ях).*

* * *

Аспум дар гала, аспи сияҳум дар гала,
Даст ба ёлаш мебарум, наъра ба осмон мебарад.

*(Камон).*

* * *

Дар гармӣ ях мекунад, дар хунукӣ об мешавад.

*(Тухм).*

* * *

Чорубаки миёнбаста,
Дар ҳар куҳу ҳар пушта *(Мӯрча).*

* * *

Дар кӯҳ чар намешавад,
Дар об тар намешавад. *(Соя).*

* * *

Талап-талапи по шуд,
Падарлаънат куҷо шуд? *(Муш).*

## РИВОЯТҲО

### ЛУҚМОНИ ҲАКИМ

Мегӯянд, ки Шайх Ҳакими ҳиндустонӣ табобати касалиҳои сарро хеле хуб медонистааст. Луқмони Ҳаким шогирди ӯ будааст. Вале ҳар гоҳ ки ӯ ба табобати касалиҳои сар машғул мешудааст, Луқмони Ҳакимро аз хона мебаровардааст. Луқмони Ҳаким аз ин кори устодаш ҳайрон мемондааст.

Рӯзе ба назди ӯ касале меояд. Мисли ҳарвақта устодаш ӯро ба беруи мебарорад. Луқмони Ҳаким аз сӯрохие ба кори устодаш бодиққат нигоҳ мекунад. Ӯ мебинад, ки устодаш аз шишаи махсус ба сари касалӣ дору молид ва косахонаи сарро бо осонӣ ҷудо кард. Дар магзи сари бемор мисли пашша чизе будааст. Шайх Ҳаким бо асбоби анбӯрмонанде хостааст, ки онро аз магзи сар ҷудо кунад. Луқмони Ҳаким фикр кард, ки агар устодаш бо ҳамон асбоб он ҷондорро кашида гирад, касал девона мешавад. Чунки пойҳои пармонанди он дар пардаи магзи сар часпидагиянд. Бинобар вай бе иҷозат ба он ҷо даромада, ба устодаш маслиҳат дод, ки ҳамон асбобро каме гарм кунад. Дар ҳолати ба бадани он парранда расидани гармӣ пойҳояш суст мешавад ва онро бемалол кашида гирифтан мумкин.

Устод аз ин маслиҳати шогирдаш дар ҳайрат монд ва ба табиби ҳозиқ шудани ӯ бовар кард.

### ЗОҒ

Ривоят мекунанд, ки боре ба зоғ оби ҳаёт додаанд, ки бурда ба сари одамизод резад, то вай дигар намирад. Зоғ обро ба даҳон гирифта, парида меравад. Вай дар роҳ дам гирифтанӣ мешавад ва ба болои арчае менишинад. Чашмаш ба ким-кадом як паррандае меафтаду ногоҳ «карр» мегӯяд. Оби ҳаёт аз болои арча мерезад. Гӯё аз ин сабаб арча ҳамеша сарсабз асту ҳаёти одамизод бошад бебақо. Одамон то имрӯз гӯё барои ҳамин зоғро бад мебинанд.

### АККА

Як вақте аз хонаи одамон чизҳои майда-чуйда гум мешуданд, вале ҳеҷ кас намедонист, ки чизҳои онҳо куҷо мешаванд. Баъди ҷустуҷӯ ва кӯшишҳои зиёд мефаҳманд, ки

чизҳои онҳоро акка дуздида мебурдааст. Одамон аккаро дуои бад мекунанд. Бинобар ин акка дар байни паррандаҳо чун паррандаи дузд маълум мешавад. Акка ҳоло ҳам одати бади худро напартофтааст.

## ПУДИНА

Ҳикоят мекунанд, ки Луқмони Ҳаким табобати ҳамаи касалиҳоро медонист. Рӯзе писараш касал мешавад. Вале ӯ давои дарди писарашро намеёбад ва писараш мемирад. Баъд шиками писарашро чок карда мебинад, ки дар як тарафи дилаш чизе ҳаст, ки ба санг монанд аст. Ӯ ин чизи аҷоибро ба кордаш даста мекунад. Боре дар пудиназоре ногоҳ корд аз дасташ меафтад ва ӯ кордро бардошта мебинад, ки дастаи он об шудааст. Ӯ мефаҳмад, ки доруи дарди писараш пудина будааст.

## ТАБОБАТИ ШОҲ

Нақл мекунанд, ки Луқмони Ҳаким як писар доштааст. Боре шоҳи беадолати давр ӯро барои бе иҷозати шоҳ халқро табобат карданаш бо писараш ба зиндон мепартояд. Писараш дар зиндон ҷон медиҳад.

Боре дар гулӯи шоҳ устухон дармемонад ва ҳеҷ яке аз табибони кишвар илоҷи табобаташро намеёбад. Ҳама афсӯс мехӯранд, ки агар Луқмони Ҳаким мебуд, илоҷашро меёфт. Подшоҳ фармон медиҳад, ки рафта Луқмони Ҳакимро аз зиндон биёранд. Вай ба подшоҳ мегӯяд, ки танҳо гӯшти бирьёнкардашудаи писараш вайро сиҳат мекунад. Подшоҳ аз зӯрии дард ноилоҷ розӣ мешавад. Ҳаким хонаи табобатро тайёр карда, дар байн парда мекашад.

— Бачаро биёред! — фармон медиҳад Луқмон.— Кушед!..

Қассобон, ки Луқмон онҳоро фаҳмонда буд, гӯсфандеро оварда, дар паси парда мекушанд. Садои фашшоси хунро шунида, шоҳ якбора аз ҷояш ҷаста мехезаду чунон наъра мекашад, ки устухон аз гулӯяш парида меравад ва аз ҳуш меравад.

Баъди ба ҳуш омадан, вай хеле афсӯс мехӯрад, ки худи ӯро мекуштанд беҳтар буд. Писарашро меоранд. Ана ҳамин дам дарбориён мефаҳманд, ки ин ҳам як навъ табобати Луқмони Ҳаким будааст.

## АЗ ҲАЕ СИҲАТ ШУД

Ривоят мекунанд, ки дар як шаҳр зани камбағале зиндагӣ мекардааст ва ду фарзанд доштааст: яке писар, дигаре духтар. Дар синни 13-солагӣ духтарак ба касалии фалач гирифтор мешавад ва дасту пояш тамоман аз кор мемонанд. Модараш ӯро ба пеши Луқмони Ҳаким мебарад. Ҳаким одамони бисьёреро ҷамъ намуда, духтаракро ба як ҷои намоён бурда, додарашро мефармояд, ки либосҳои ӯро кашидан гирад. Либосҳои болояшро кашида мегирад, вале духтар ғайр аз гирья дигар коре карда наметавонад. Вақте ки додараш либосҳои таги ӯро кашиданӣ мешавад, вай бо тамоми овоз фарьёд карда, аз ҷояш мехезад ва бо ҳамин дасту пояш кушода мешавад.

## ПОДШОҲИ ФАРБЕҲ

Як подшоҳ ба дараҷае фарбеҳ мешавад, ки роҳ гашта наметавонад. Табибони кишвар илоҷашро намеёбанд. Хабари Луқмони Ҳакимро шунида, ӯро ҷеғ мезананд. Вай мегӯяд:

— Тақсирам, ман, агар сабаби фарбеҳии шуморо гӯям, маро мекушед, чӣ илоҷ?

Шоҳ қавл медиҳад, ки ба ӯ кароматмекунад.

— Шумо баъди даҳ рӯз мемиред,— мегӯяд Ҳаким ва баромада меравад.

Подшоҳ аз дарду алам ва ғами мурдан ба дараҷаи шинохтанашаванда хароб мешавад. Рӯзи ёздаҳум подшоҳ мефармояд, ки Луқмони Ҳакимро барои дурӯғгӯияш биёранд ва ба дор кашанд. Луқмони Ҳаким ба пеши шоҳ омада чунин мегӯяд:

— Ин ягона роҳи табобати шумо буд, ки ман медонистам.





# АФСОНАҲО

## ҲУЧКУНГУР

Буд-набуд, дар шаҳри Қандаҳор як подшоҳ буд, як бача дошт, ки ба хироҷи мамлакат меарзид. Подшоҳ бачаша бисьёр дӯст медошт. Номи вай Ҳуҷкунгур буд.

Дар ҳамин вақт дар шаҳри Миср як подшоҳи дигар зиндагӣ мекард. У ҳам як духтари хушрӯе дошт, ки бо ҳусну ҷамолаш дар дуньё ном бароварда буд. Подшоҳ барои духтараш як чорбоғу як қасри боҳашамате сохта буд, ки ҳазорон бинандагон аз дидани он ангушти ҳайрат мегазиданд. Подшоҳ ба духтараш гуфта буд: касеро, ки дӯст дорӣ, ҳамонро бигир.

Бачаи подшоҳи Қандаҳор хоб мебинад, ки дар шаҳри Миср як духтари моҳлиқо ҳаст, ки ҳусну назокаташ ба ҳазорҳо хуми тилло меарзад. Духтар ҳам ҳамон шаб хоб мебинад, ки дар шаҳри Қандаҳор як бачаи зебое ҳаст, ки бо ҳусну назокати худ ягонаи дуньё аст. Пагоҳӣ духтар аз хоб мехезад ва дар назди чорбоғаш як қаландарро мебинад. Вай ба қаландар пулу моли бисьёре дода, ӯро ба Қандаҳор роҳӣ мекунад, то ки бо илоҷе бачаро гирифта биёрад. Қаландар ба Қандаҳор меравад ва дар дарбори подшоҳ хизматгор мешавад. Вай бо некию сухандонии худ дили бачаи подшоҳро мебарад ва ӯро мегӯяд, ки биё ба сайру тамошо бароем, то кай дар як шаҳр меистӣ, ҷаҳон дидан беҳ ай ҷаҳон хурдан аст.

Бача ба назди очааш меравад ва мегӯяд:

— Оча, ҷаҳон дидан хуб аст ё ҷаҳон хурдан?

— Ҷаҳон дидан, бачам,— мегуяд очааш.

Вай боз ба назди падараш меравад ва мегӯяд:

— Бобо, ҷаҳон дидан хуб аст ё ҷаҳон хӯрдан?

Падараш мақсади писарашро мефаҳмад ва мегӯяд:
— Ҷаҳон хурдан, бачаам.

Ҳуҷкунгур гапи модарашро мегирад ва шабона аспашро зину банд мекунад. Ҳамин вақт хоҳараш бедор мешавад ва мегӯяд:

Имшаб чӣ шабай, ситора дидум саду бист,
Ака, ки сафар кардай, хоҳар бигирист.

Ҳуҷкунгур мегӯяд:

Хоҳар, хоҳаре, гирьяи ту барои чист?
Ҳама сари сол раванд, ман рузаки бист.

Хоҳараш мегӯяд:

Мерай, мерае, руи туро кай бинум,
Дар раҳаки рафтагит магам пай бинум.
Дар раҳаки рафтагит дарахтон заним,
Ман руи туро навишта дар вай бинум.

Падараш бедор мешавад:

Имшаб чӣ шабай, ситора зил-зил мекуна,
Ҳуҷкунгури мо аспи куло зин мекуна.

Модараш бедор мешавад:

Мерай, мерае, оби равон пеш оянд,
У оби равон дидаи гирьёни манай,
Мерай, мерае реги тасфон пеш оянд,
У реги тасфон ҷигари сузони манай.

Ҳуҷкунгур ба модараш:

Ҳар гоҳе маро хумори модар гира,
Оҳе мекашум, куху замин даргира!

Моиндараш бедор мешавад:

Э бача, ку рута бигардон, ки бинам.
Ту ай синаам шир нахурдай, лекин аз дастам
намак хурдай:
Мерай, мерае, худо диҳад ҷазота,
Раҳ гаштану помондани ноҷота.
Шавҳои дароз мехурем ғамҳота,
Ови дидаме кур мекуна чашмота.

Охир бача ҳамроҳи қаландар рафт. Чанде раҳ рафтанд, аз пеш оби равон баромад. Ҳуҷкунгур гуфт:

— Сад ҳайф, ки очам барои ман гирья карда истодааст ва ин оби равон нишони гирьяи ӯст.

Қаландар гуфт:

— Мард бояд, ки аз роҳаш нагардад, охир, ту боз ба пеши падару модарат меой-ку.

Боз чанд роҳе рафтанд, ки аз пеш реги тафсон баромад, ки аз гармии он на асп тоқат дошту на онҳо. Ҳуҷкунгур гуфт:

— Эй қаландар! Ин реги таспон синаи бирьёни очамай. Ман мегардам.

Қаландар гуфт:

— Акнун наздик омадем. Аз ин ҷо гаштани ту ҳеҷ маънӣ надорад.

Оқибат ба чорбоғи духтар расиданд. Ҳанӯз ба чорбоғ надаромада, қаландар барои нон рафт. Чунки онҳо бо ин гуснагӣ ба назди маликаи Миср даромадан нахостанд.

Ҳуҷкунгур хост, ки то омадани қаландар чорбоғро як тамошо кунад. Вай ба чорбоғ даромада, аз тамошои он сармаст мешавад ва шеър мехонад:

Майдони дарозу соҳиби майдон ку?
Он Нӯҳи набӣ, Сикандари даврон ку?

Духтар шеърро шунида, гӯяндаи онро мешиносад ва дарҳол ҷавоб медиҳад:

Чита булбулӣ, дар боғи мо чаҳ-чаҳ занӣ,
Ҷонум тасаддуқ, аз куҷо сар задай?

Ҳуҷкунгур ҷавоб медиҳад:

Кунгурбачаам аз Қандаҳор омадаам,
Аз хона, ба ҷангу бенаҳор омадаам.

Духтар дег монда, ҳамон замон ба хӯрокпазӣ машғул шуд. Қаландар омада, ин аҳволро дида, онҳоро ба ҳоли худ гузошта, рафт.

Духтар дар табақ шӯрбову гӯшти бисьёр бардошт. Баъд як гушти калонро дар байн монд. Табақро ба канизаш дода, гуфт:

— Бурда медиҳиву мегӯӣ: «Моҳаш яку ситорааш ҷип».

Каниз табақро гирифта, дар паси девор гӯштҳои майдаро

хурд, баъд табакро бурда ба бача дод. Бача хӯрокро хӯрда, баъд пурсид:

— Малика чӣ гуфт?

— Малика гуфт, ки «моҳаш яку ситорааш ҷип».

Хуҷкунгур гуфт:

— Бираву бигӯй, ки «моҳаш яку ситорааш ягон-ягон».

Каниз рафт ва гапи бачаро гуфт. Духтар кори кардаи канизашро фаҳмида, ӯро танбеҳ дод.

Баъд аз ин духтар Ҳуҷкунгурро никоҳ карда, мегирад ва ҳамроҳ зиндагӣ мекунад. Вале каниз ошиқи бача мешавад ва мехоҳад ӯро азони худ кунад. Бача рад мекунад.

Каниз гуфт:

— Саратро барҳам медиҳам.

Бача гуфт:

— Чӣ коре, ки хоҳӣ кун, аммо ман азони ту намешавам.

Каниз ба назди падари духтар рафт:

— Подшоҳи олам, султони бокарам! Гуфта будӣ, ки духтарам як шӯи хушрӯй кунад. Аммо у ба як ҷавони сиёҳи бесзеб расидааст, ки аз дидани он одам шарм мекунад.

Подшоҳ ҳамон лаҳза фармон дод, ки ҷаллодон рафта бачаро бикушанд. Дарров сари ӯро аз танаш ҷудо карданд. Тани бесар гуфт:

Дар каппаи гулгуни ту куштанд мана,
Бо оби ду дидаи ту шустанд мана.

Духтар ин ҳодисаро дида, аз ҳуш рафт. Ба ҳуш омада сари бачаро гирифта, пеши падараш рафту гуфт:

— Падар, маро гуфта будӣ, ки ҷавони мехостагиатро гир. Магар ҳамин буд оқибати ваъдаи ту?!

Подшоҳ мефармояд, ки канизакро ба думи аспҳо банданд.

Тобути Ҳуҷкунгурро бурда истода буданд, ки ногоҳ қаландар пайдо шуда, пурсид:

Ин товути кист, ки мерава дарзанон?

Гуфтанд:

Ин товути Ҳуҷкунгури нохурдаҷаҳон.

Боз гуфт:

Ин товути кист, ки мерава дасти ба даст?
Ин товути Ҳуҷкунгури нашкаста қафас.

Табибе пайдо мешаваду мефармояд, ки доруи афлотуни молида, танро бо сар якҷоя чил шабу чил рӯз гардонанд, сиҳат мешавад. Ҳамин хел мекунанд.

Очаи канизи кушташуда, аз ҳодиса хабардор шуда, шаби сиву нуҳум 40 собуну чанд намади кӯҳнаро гирифта, ба сари роҳ мебарояд. Вай намадҳоро шуста, собунобаҳоро ба сари роҳ мепартояд.

Яке аз навкарон, ҳоли зори кампирро дида, мегӯяд:

— Эй очаи ҷон, намади сиёҳ бо шустан сафед мешавад?

— Эй нодонҳо, мурда ба гардондан зинда мешавад?

Навкарҳо гапи кампирро шунида, тобутро ба замин мемонанд. Ногоҳ садое мебарояд: «Оҳ якбора будам, дубораам кардед!»

Мурдаи бачаро бурда гӯронданд. Духтар хазон шуд. Рӯзе вай чизи бисьёре гирифта, ҳамроҳи дӯстону наздиконаш ба сари гӯр рафт. Қаландар ҳам ҳамин ҷо ҳозир шуд. Духтар чизу чораҳоро ба дӯстонаш тақсим кард, тиллоҳоро ба болои қабр пошид. Ханҷарро дар болои қабри писар рост монда, бо синааш ба рӯи вай афтод. Қаландар ҳам ин ҳодисаро дида, худашро кушт. Духтарро дар назди бача, Қаландарро дуртар аз онҳо гӯронданд. Қабри канизак ҳам дар ҳамин манзил буд.

Дар сари қабри бача санҷит, дар сари қабри духтар садбарг, дар сари қабри қаландар маҷнунбед, дар сари қабри канизак хуҷ баромад. Хуҷ санҷити хушбӯй, садбарги хушрӯй ва маҷнунбеди маҳзунро бо шоху хорҳои парешони худ мехарошид.

## ОҲУИ ЯКШОХ

Як кампир буд, як духтар дошт. Дар пушти хонаи онҳо як сарчашмаи хушрӯе буд, ки духтар ҳамеша аз ҳамон ҷо об меовард. Рӯзе духтар барои об меравад, ки дар он ҷо селаи оҳувонро мебинад. Оҳувон хеста мераванд, вале як оҳуи пир намеравад. Ҳамин ки духтар ба наздаш расид, вай аз ҷояш хеста, ба назди духтар омад. Вай оҳу набудааст, ки парии мард будааст, ки ба духтар расид. Духтар ба хона гашта омад, баъди нӯҳ моҳ ду кӯдак таваллуд кард: якташ бача, якташ духтар. Онҳо рӯз то рӯз калон мешуданд. Ҳар рӯз баромада қати бачаҳои ҳамсояҳо бозӣ мекарданд. Лекин бачаҳо онҳоро бепадар мегуфтанд. Як рӯз ба очаашон омада мегӯянд, ки падари мо кӣ? Очашон дар бораи падарашон чизе намегӯяд.

Рӯзе як кампири зол ба онҳо чунин маслиҳат медиҳад:

— Ҳозир рафта, ба очатон бигӯед, ки донабирьён пухта диҳад. Шумо донабирьёнро фақат аз равзан бигиред. Ҳамин ки аз равзан ба шумо донабирьён дароз кард, шумо ҳар ду дасти модаратонро қапеду падаратонро пурсед.

Баъд онҳо рафта модарашонро зора карданд. Модарашон донабирьён пухт, аз равзан ба онҳо дароз кард. Бачаву духтар дастони модарашонро маҳкам қапиданд. Ҳарчанд зора кард, хуй надоданд ва падарашонро пурсиданд.

Модар ноилоҷ шуда гуфт:

— Сари сарчашма биравед ва ҳамон ҷо бишинед. Галлаи оҳуҳои меоянд, об мехӯраду мераванд. Як оҳуи пир ҳамон ҷо хоб меравад. Ана ҳамон оҳуи пир падари шумо. Шумо рафта ба пушти ӯ савор шавед. Баъд ӯ мепурсад, ки шумо кистед? Шумо гӯед, ки мо фарзандони туем.

Бачаҳо ҳамон лаҳза ба сари сарчашма рафтанд. Оҳуро диданду рафта ба болои ӯ баромаданд ва гуфтанд, ки мо фарзандони туем.

— Аз дасти ту чӣ кор меояд? — пурсид оҳу аз бача.

— Шикор мекунам, хӯрокӣ меорам.

— Ту чӣ? — гуфт ба духтар.

— Ман хӯрок мепазам, либосҳоятро мешӯям.

Оҳу фикр кард, ки духтар аз бача беҳтар будааст. Вайро ба шохи саҳаташ шинонду бачаро дар шохи лиокаш. Пироҳу дар роҳ байт гуфта мерафт:

Духтар-духтар сахттар,
Бача-бача, сусттар.

Бача фикр кард, ки шохи падараш дард кард, барои ҳамин вай худашро суст кард. Дар пеши як ғори калон оҳу худашро сахт ларзонд, бача нати шохи ликок чаппагардон ба даруни ғор рафта заду майда-майда шуд.

Духтар ҳам аз шохи падараш фуромаду гуфт:

— Акам, ки мурд, ман ҳам дигар намеравам. Ту худат рафтан гир.

Оҳуи якшох бирафт.

Духтар ба даруни ғор даромада устухонҳои акаша чинда ҷамъ овард, ки онҳо ногоҳ ба аспи сурхе мубаддал шуданд. Дар ҷои рехтагии хун як қасри боҳашамате пайдо шуд. Духтар аспро Сурхуи гули газ ном кард ва дар ҳамон қаср зиндагӣ кардан гирифт.

Рӯзе як подшоҳ бо навкаронаш аз ҳамин роҳ мегузашт, ки қасри хушрӯро дид. Ӯ ба як навкараш фармуд, ки кабқ-

ҳои шикоркардаашонро бурда дар ҳамон ҷо пазад. Навкар рафта дид, ки дар қаср як духтари соҳибҷамол танҳо аст. Вай ба духтар барои кабобпазӣ омаданашро гуфт. Онҳо ба кабкпазӣ сар карданд. Ду кабки пухтагии духтар бисёр хушрӯ буд. Аммо пухтагиҳои навкар пури хокистар буданд. Барои он ки навкар шайдои ҳусну ҷамоли духтар шуда буд ва вақти пухтан ҳар лаҳза кабкҳо аз дасташ мегалтиданд.

Подшоҳ кабкҳоро ҷудо карда гуфт:

— Дар он ҷо кӣ буд?

— Як кампири танҳо.

— Кабкҳоро кӣ пухт?

— Тақсир, кабкҳои пури хокистарашро ҳамон кампир пухту тозаҳояшро ман.

Подшоҳ фаҳмид, ки навкараш дурӯғ мегӯяд, гуфт:

— Росташро бигӯ, набошад, рафта хабар мегираму баъд туро бо як ханҷар тамом мекунам.

— Тақсир, росташро гӯям, як духтари соҳибҷамол аст. Подшоҳ дарров ба қаср меравад. Духтар тамоми саргузашташро мегӯяд. Подшоҳ никоҳ карда, ӯро мегираду ба роҳ медароянд.

Аз пеши роҳ кӯрбарзангӣ мебарояд ва мегӯяд:

— Подшоҳи олам, султони бокарам, имшаб меҳмони мо шавед, дар шаб рафтан хубӣ надорад.

Подшоҳ ҳарчанд «не» мегӯяд, кӯрбарзангӣ онҳоро бисёр таклиф мекунад. «Мардӣ аз даст нараваd»,— гуфта подшоҳ шаб мемонад. Баъди таом кӯрбарзангӣ навкаронро дар як хонаи дигар ҷой медиҳад. Вақти хоб кӯрбарзангӣ духтарашро як бандча сӯзан медиҳаду ба назди арӯс рой мекунад. Духтар зани шоҳро бо сӯзан задан мегирад. Арӯс мегӯяд:

— Бибӣ, бибӣ, духтарат мана мезанад.

— Ай духтараме, ӯро румоли ту мефорад.

Арӯс рӯмолашро медиҳад. Ҳамин хел вай ҳамаи чизҳои арӯсро мегирад, мепӯшаду ба ҷои вай мешинад. Кӯрбарзанги арӯсро бурда, дар чоҳ мепартояду як луқма ба пешаш мегузорад. Баъд кӯрбарзангӣ тахтасанги калонеро дар даҳани чоҳ мемонад. Пишаке бӯи гӯштро гирифта, аз боло вингвинг мекунад. Духтар мегӯяд:

— Эй пишак, зӯр зан, сангро дукаса аз даҳани чоҳ дур кунем, ҳамаи ҳамин гӯштро ба ту медиҳам.

Духтару пишак сангро дукаса базӯр аз даҳани чоҳ лаб мекунанд. Духтар танаи луб-луч ба роҳ медарояд.

Акнун аз ин ҷо гап мезанем, ки подшоҳ чӣ кор мекунад. Пеш аз халос хӯрдани духтар бо навкаронаш аз хоб хеста,

аспҳояшонро зин мекунанд. Арӯсро меоранд. Аспи Сурхун гули газ арӯсро савор шудан намемонад. Подшоҳ мегӯяд:

— Бибӣ, барои чӣ асп духтарро роҳ намедиҳад?

— Эй бачаме, асп дар ҷои бегона ҳамин тавр аст.

Подшоҳ ба аспи Сурхун гули газ худаш мешинад. Дар хона вай духтари курбарзангиро дида, хеле ғамгин мешавад ва чӣ кор карданашро намедонад. Баъди чанд вақт духтари кӯрбарзанги як духтару як писар мезояд.

Акнун аз духтар гап занем. Вай луб-луч ба роҳ баромада буд, ки аз пеш як гург мебарояд ва мегӯяд:

— Эй духтар, ман туро мехурам.

— Як гургак мана нахур, ду гургак мана бихур.

Ҳамин тавр якта-якта гургҳо пайдо мешаванд. Духтар розӣ мешавад, ки гургҳо ӯро хӯранд, ба шарте, ки хунашро дар замини подшоҳ пошанд. Гургҳо духтарро хӯрда, хунашро дар замини подшоҳ мерезанд.

Подшоҳ як рӯз мебинад, ки дар мобайни заминаш ҳамчунон гулҳои хушрӯ баромадаанд, ки аз диданаш сер намешавад. Вай як гул канда, ба хона меояд. Духтари кӯрбарзангӣ гулро дида дарров мешиносад. Занак бачаша рой мекунад, ки гулро гирифта биёрад. Падараш намедиҳад. Боз духтараша рой мекунад, ки рафта дар пеши бовот гирья кун, гулро медиҳад. Подшоҳ гулро ба духтараш медиҳад. Занак гулро ба алов мепартояд.

Як кампири бефарзанд барои аловгирӣ меояд ва алов гирифта хонаш мебарад, ки аз даруни он як булӯр меёбад ва он дар як лаҳза ба як духтари хушрӯ мубаддал мешавад. Кампир ҳайрон шуда мепурсад:

— Ту инсӣ, ҷинсӣ, парий, паризодӣ, кистӣ?

Духтар тамоми саргузашташро мегӯяд. Кампир духтарро дар даруни кулӣ ҷой медиҳад. Дигар кампир ба хонаи подшоҳ барои аловгирӣ намерафт. Подшоҳ аз ин хавотир шуда, як рӯз ба хонаи ӯ меравад. Аз мӯрӣ мебинад, ки кампир хӯрок пухта, нимашро дар як коса ба сари кулӣ бурда монд ва «бигир бухур» гуфт. Подшоҳ ҳам:

— Оча, чӣ хурдӣ, ки мана надодӣ? — гуфта ба хона медарояд.

— Биё, бачам, камтар хӯрок пухта будам, камтарша ба пишак додам.

— Ҳамон ҳақи пишакро биёр, ман мехӯрам,— гуфт подшоҳ.

Кампир нолоҷ косаро овард. Подшоҳ кампирро маҷбур мекунад, ки дар даруни кулӣ кӣ буданро гӯяд.

— Як духтари оҷизе дорам,— гуфт ӯ.

— Барор бинамаш.

— Танаи луч аст.

Подшоҳ даррав рафта, пӯшок рой мекунад ва мегӯяд, ки кампирро бо духтараш биёранд.

Дар хонаи подшоҳ занҳо базм ороста буданд. Ҳусни духтар ба хироҷи мамлакат меарзид. Духтари кӯрбарзангӣ ӯро шинохт. Занҳо бо навбат суруд хонданд. Духтар саргузаштаашро бо шеър хонд. Подшоҳ ки пинҳонӣ гӯш ва тамошо мекард, боварӣ ҳосил кард, ки занашро ёфт.

Ҳамон замон духтари кӯрбарзангиро кушта, занашро боз никоҳ карда мегирад.

## ОРИФУ МОИЛ

Будаст, набудаст, дар замонҳои қадим як подшоҳ будаст, як вазир доштаст. Як рӯз подшоҳ қати навкаронаш ба шикори якмоҳа мераванд. Ҳам зани подшоҳ, ҳам зани вазир ҳомиладор буданд. Онҳо қавл доданд, ки агар як духтару як бача шуд, гаҳворабахш мекунанд.

Ба шикоргаҳ ҳайдагир рафт, ки дар хонаи вазир бачаву дар хонаи подшоҳ духтар шуд. Онҳо аз шикор баргаштанд, тӯи калон карданд. Баъд бачаро Орифу духтарa Моил ном монданд. Онҳоро гаҳворабахш карданд.

Рӯзҳову моҳҳову солҳо мегузаштанд. Подшоҳу вазир аз занҳояшон дар ҳақи Орифу Моил орзуҳои нек мекарданд. Онҳо ба балоғат расиданд. Лекин вазир мемураду подшоҳи номард аз қавлаш мегардад, духтарашро ба дигар кас медиҳад, ки номи вай Кӯрқосим буд. Очаҳову бачаҳо аз ин кори подшоҳ бисьёр ғамгин мешаванд. Аз ҳама бисьёр Ориф азоб мекашад.

Як рӯз ӯ дар либоси савдогаре бо сабатҳои себ ба дари хонаи Кӯрқосим мегузашт, ки Моила дид. Дар дасти Моил кӯзаи об буд. Ориф себе гирифта, дар даруни кӯзаи Моил меандозад. Моил ӯро мешиносад ва шеър мехонад:

> Ин себи самарқандиро ов овардаст,
> Ай бахши мани турфа нигор овардаст.
> Румолчаи фидсиро ёр овардаст,
> Намедонуме, ба чӣ хаёл овардаст?

Як рӯзи дигар Ориф ду сабатро пури анор мекунаду ба ҳавлии духтар меравад. Моил ӯро дида, бо баҳонаи анорхарӣ ба пешаш меравад. Очаи Кӯрқосим ӯро мепояд. Моил анор мехараду аз сӯзиши дил шеър мегӯяд:

Дар ҳавлии мо анорфурӯш омадааст,
Дар гирди лабаш арақ ба ҷӯш омадааст.

Ориф худи ҳамон шаб меояду Моила медуздад. Ӯро ба кӯҳи Панҷангушт мебарад. Подшоҳ аз ин кор дарак ёфта, қати лашкараш аз пушти онҳо меравад.

Ориф аз баландӣ мебинад, ки подшоҳ бо лашкараш омада истодааст. Онҳо сабр мекунанд, ҳамин ки лашкар наздик омад, дукаса санг ҷар мекунанд. Нимашона мекушанд. Боқимондашон мегурезанд.

Халқ ин ҳодисаро дида, дар ҳақи он ошиқон чунин мегӯянд:

Орифу Моил дар сари кӯҳи Панҷангушт,
Бо амри худо лашкари подшоҳа бикушт.

Мардум онҳоро оварда, Орифро подшоҳ мемонанд ва ҳама хушу хурсандона зиндагӣ мекунанд.

## ГУРГ

Будааст, набудааст, дар замонҳои пеш як подшоҳе будааст, ки се писар доштааст. Овозаи ҳашамату бойгарии ӯ ба тамоми дунъё паҳн шуда будааст. Дар дарбори боҳашамати ӯ танҳо як чиз — ҷидмар (бози давлат) намерасидааст.

Як рӯз подшоҳ тамоми олимону навкарон, хизматгорону ашрофон ва халоиқу ғуломонашро ҷамъ карда мегӯяд:

— Ҳар касе ҷидмар ёфта биёрад, ба бойгарии зиёд соҳиб мешавад.

Ҳама сархам мешинанд ва ҳеҷ кас ба гардан намегирад.

Писари хурдии подшоҳ, ки аз модари дигар буд, ба падараш ваъда медиҳад, ки ҷидмар ёфта меорад. Писарони калонӣ ҳам ҷасорати додарашонро дида, маҷбур бо ӯ ҳамроҳ мешаванд...

Чанд роҳе мераванд, ки обу нонашон тамом мешавад. Додар дар як биёбон барои акаҳояш капаи хасӣ сохта, худаш ба сороғи обу нон мебарояд. Баъди машаққатҳои зиёде вай аз кишлоқе сета нон меёбаду ба назди акаҳояш бармегардад. Дар роҳ ба вай гурге рӯ ба рӯ мешаваду мегӯяд:

— Эй бача, ман туро мехӯрам.

— Агар нон диҳам ҳам, мехӯрӣ?

— Не,— мегӯяд гург.

Вай аз локиаш як нонро гирифта, ба гург медиҳаду ху-

даш ба тарафи акаҳояш медавад. Муддате нагузашта, гург боз пеши роҳи ӯро дошта, ҳамон гапро такрор мекунад. Нони дуюм ва сеюм ҳам насиби гург мешавад. Вале боз гург сари роҳи бачаро гирифта:

— Эй бача, ман туро мехӯрам! — мегӯяд.

Бача дид, ки илоҷи дигар нест, гуфт:

— Мехӯрӣ? Бихӯр. Лекин сад вою дареғи навҷавонӣ, ки мемурам.

— Эй ҷавони хушрӯ, садқаи забонат шавам, ку як бори дигар бигӯ, ки чӣ гуфтӣ?

— Мегӯям, ки сад вою дареғи навҷавонӣ, ки мемурам.

— Дар забони ширинат ҷонам, ки ман як умр ошиқи Водареғу Навҷавонам, вале номи онҳоро гум карда будам. Акнун ту бигӯ, ки чӣ кор дорӣ ва барои чӣ ин ҷо омадӣ?

Бача мақсадашро гуфт.

Гург гуфт:

— Аз қафои ман биё, лекин ақиб намон, ки аҳволат бад мешавад.

Бача аз қафои гург гоҳ медавид, гоҳ оҳиста мерафт, гоҳ тозон, оқибат аз пой монд. Вай аз гург илтимос кард, ки оҳистатар равад. Гург роҳгардиашро оҳистатар кард. Ниҳоят ба назди як девори сангӣ расиданд ва гург ба вай гуфт:

— Ту ҳамин ҷо биист, ман рафта хабар гирифта меоям.

Гург як ғел зада, дар як нафас ба гурба табдил гашт ва аз мӯрӣ ба дарун даромад. Лаҳзае нагузашта гург ҳозир шуд.

— Эй бача, ана дар ҳамин шаҳр дар қасри подшоҳ ҷидмаре ҳаст, ки онро сад посбон бошӣ мекунад. Вале ман хоби тамоми дарбориёнро дар дастбелаҳои ҷидмар банд кардам. Оварданаш кори туст, вале зинҳор ба зинҳор ба дастбелаҳо даст намерасонӣ, ки аҳволат бад мешавад.

Бача рафт. Ҳама хоб. Оҳиста ҷидмарро гирифт, ки он бо панҷаҳояш ба сару рӯи бача чанг зад. Бача гапи гургро фаромӯш карда, фикр кард, ки «бе дастбела ин ҷонварро то шаҳрамон чӣ хел мебарам? Беҳтараш дастбелаҳоро мегирам». Вай дастбелаҳоро гирифта буд, ки ҳамаи дарбориён бедор шуда, ӯро дастгир карданд. Бачаро ба пеши подшоҳ бурданд:

— Подшоҳи олам, ҳамон дузде, ки доим хазинаву дафинаи дарборро медуздад, ҳамин аст,— хабар доданд навкарон,— имшаб ҷидмарро дуздиданӣ буд.

— Не! — гуфт бача.— Ман дузд нестам, аз паи супориши падар омадам ва супориши падарашро гуфт.

— Майлаш,— гуфт подшоҳ,— мо ба як шарт ҷидмарро

ба ту медиҳем, ки агар аспи зеботарини дуньёро, ки дар дарбори шоҳи Қандаҳор аст, гирифта биёрӣ.

Бача ба назди гург омад ва шарти подшоҳро гуфт. Гург гуфт:

— Ҳушьёр шав, бача, ҳаққи як намакат буд шуд.

Онҳо роҳи Қандаҳорро пеш гирифтанд. Шабона ба манзил расиданд. Гург боз ба дарун даромада, баъди чанде баргашта омад:

— Эй бача, аспи зебо дар якамехи шоҳӣ бастагӣ аст, хоби посбононро дар зину лаҷомаш бастам, зинҳор, ба зину лаҷом даст нарасонӣ!..

Бача аспро дида, аз тамошои он гапи гургро фаромӯш кард. Хост, ки зину лаҷомашро зада, савор шуда барояд.

Вале боз дастгир шуд. Подшоҳи Қандаҳор гуфт, ки агар Маликаи Ҷаҳонро биёрӣ, аспро медиҳам. Бача хафаву хиҷил ба назди гург омад ва ҳодисаро гуфт:

— Эй бача, ҳушьёр шав, ки ҳаққи як намаки дигарат ҳам тамом шуд. Онҳо боз ба роҳ даромаданд...

Дар даромадгоҳи як шаҳр Гург як ғел зада, худро гурба гардонд ва ба обмӯриҳо даромада рафт. Лаҳзае нагузашта баргашта омад ва гуфт:

— Эй бача, ҳушьёр шав, ин бори охирин аст, ки ман ба ту ёрӣ медиҳам. Агар ҳамин бор ҳам туро қапанд, ман дигар ба ту ёрӣ намерасонам. Хоби Маликаро дар оина бастам. Маликаро озод бардошта мегириву ба оина даст намерасонӣ!

Бача даромада рафт. Вай ба даруни қаср даромада, Маликаро дид ва қариб аз ҳуш рафт. Вай Маликаро озод бардошта рафтанӣ шуд, ки оинаро дид. Фикр кард, ки «маликаро бе оина бурда чӣ кор мекунам. Биё, оинаро ҳам мегирам». Вале гапи гург ба ёдаш омаду оҳиста дасташро қафо кашид.

Аз дарвозаи шаҳр берун баромада дид, ки гург мунтазири ӯст. Ҳарду ба роҳ даромаданд. Аз шаҳр хеле дур рафтанд. Ба сари сарҳавзе расиданд, ки дар он ҷо як чанори калон буд. Гург гуфт:

— Дар ҳамин ҷо маликаро дар чанор мебандем. Ман рафта оинаро меорам. Вақте ки ман ба оина наздик шудам, Малика як наъра мезанад, ки замину замон меларзад, замини таги чанор рах-рах мекафад. Вале ту натарс. Оинаро, ки гирифтам, Малика боз наърае мекашаду бо чанор ба ҳаво мепарад ва гум мешавад. Ту натарсу дар ҳамин ҷоят бишин. Ҳамин ки ман омадам, боз Малика ба замин мефарояд.

Маликаро дар танаи чанор бастанд. Гург рафт.

Бача шишта фикр мекард, ки шояд гург оинаро оварда натавонад. Ҳамин вақт Малика наърае зад, ки замину замон ларзид, замини зери чанор рах-рах кафид. Боз як наъраи дигар зад, бо чанор ба осмон парид ва гум шуд. Бача гумон кард, ки гург ӯро фиреб карда, Маликаро гирифта бурд, вале ҳамин замон Маликаву гург дар назди ӯ ҳозир шуданд. Онҳо Маликаро ба сандуқ ҷой карда, роҳи Қандаҳорро пеш гирифтанд. Дар даромадгоҳи шаҳр, дар як ҷои хилват маликаи беёдро бо оина пинҳон карданд ва гург як гел зада худашро малика гардонд ва ба бача гуфт:

— Ҳамин ки аспро гирифтӣ, биё, тез Маликаву оинаро гирифта гурез, ман аз қафо мерасам.

Бача «малика»-ро бурда супорид ва аспро гирифта омада, маликаву оинаро гирифта рафт.

Подшоҳи Қандаҳор хост, ки бо малика айшу ишрат кунад. Ба хонаи хоб даромад, ки гург якбора чанг зада, ҳарду чашми ӯро канда гирифт ва гурехта рафт. Ҳарчанд доду фарьёд бардоштанд, ки дигар ӯро ба қап карда натавонистанд. Гург дар роҳ боз ба бачаву малика ҳамроҳ шуда, барои гирифтани ҷидмар рафтанд. Дар даромадгоҳи шаҳр гург боз худро ба асп табдил дод ва бача вайро гирифта бурда ба подшоҳ доду ҷидмарро гирифта, бо аспу малика ба роҳ баромад.

Подшоҳ бо навкарону хизматгоронаш ба тамошои асп омад. Вай аз пушти асп гузаштанӣ буд, ки бо ҳарду пояш ба даҳани подшоҳ чунон зад, ки чаппагардон шуда, ба замин афтид ва «асп» гурехта рафт. Гург бачаро дар роҳ дарьёб карда, гуфт:

— Ана акнун, ман ҳақи намаки туро ҳалол кардам, гу супориши падаратро. Лекин дар ин бевақтӣ рафтан хуб нест. Биё шабро дар кулбаи вайронаи ман рӯз кун, баъд меравӣ.

— Ман рафта аз акаҳоям хабар гирам, ки онҳо зиндаанд ё мурда.

— Дар шаб рафтани ту хуб нест...— гуфт гург.

Бача рафт, ки акаҳояш қарибн мурдан буданд. Онҳоро обу нон дода, сару рӯяшонро тарошид. Баъд саргузашташро нақл кард.

Онҳо фикр карданд, ки додарашон гапи падарро иҷро кард, вале онҳо рафта чӣ мегӯянд? Шаб, вақте ки бача хоб буд, онҳо рафта ҳарду чашми додарашонро кӯр карданд ва хостанд, ки маликаву аспу ҷидмарро худашон баранд. Вале малика дуо кард, худаш, аспу ҷидмар санг шуданд.

Бачаҳо баргашта ба хона рафтанд, ва ба падарашон гуф-

танд, ки додаравионро гург хӯрд. Падару модар хеле гирья карданд, ғамгин шуданд.

Рӯзе гург аз ҳамон манзил мегузашт, ки воқеаи се нон ба ёдаш омад. Наздиктар рафт, ки овози нолиш ба гӯшаш расид. Дид, ки ҳамон бача кӯр шуда хоб рафтааст. Гург гуфт:

— Ҳамон вақт нагуфта будам, ки дар бевақтӣ рафтан хуб нест. Хез, акнун ҳамроҳи ман биё. Ман туро ба боғи падарам мебарам. Як вақтҳо шунида будам, ки дар он ҷо як дарахтест, ки одами кӯр хӯрад, бино мешавад. Лекин он дарахтро ман намешиносам. Худат рафта барги ҳамаи дарахтҳоро аз як сар мечашӣ.

Бача барги ҳар як дарахтеро, ки ба дасташ мерасид, канда мечашид. Соатҳои дароз ҳамин корро кард. Вале ҳеҷ мурод ҳосил нашуд. Вай дар ҷояш нишаста дам гирифт. Боз хеста ба чашидан сар кард. Ногоҳ дасташ ба як дарахти хордор расид. Аз барги вай ҳам канда чашид, ки чашмонаш кушода шуданд. Панҷаҳояшро пур карда хӯрдан гирифт. Чашмонаш асли қадим шуданд.

Онҳо боз ба ҷои аввала омаданд. Гург чизе гуфт, ки маликаву аспу ҷидмар ҷон даровварданд ва ҳамаашон ба роҳ даромаданд. Дар шаҳр ғулғула ба по хест, ки писари подшоҳ маликаи зебо, аспи хушрӯтарини дуньёву ҷидмарро оварда истодааст. Ҳама пешвоз баромаданд. Вале гургро дида гурехта, пинҳон мешуданд. Подшоҳу дарбориён ҳам ба пешвоз баромада буданд. Падару модар дар ин муддат пири барҷомонда шуда буданд. Якбора писарашонро дида, аз нав ҷавону бардам шуданд. Дар қасри подшоҳӣ ҳамроҳи одамон гаштани гургро дида, ҳама ҳайрон мешуданд. Баъд гург воқеаи шудагиро гуфта дод. Подшоҳ ҷазои бачаҳои калониашро дода, ба гург чизҳои бисьёре тӯҳфа кард. Гург ба ҷои худаш баргашта рафту онҳо бо подшоҳашон осудаҳолона зиндагӣ ба сар бурд нд.

## ҲАСАНАК

Буд, набуд, як марди деҳқон буд. Вай як зан дошту як додар. Додараш Ҳасанак ном дошт. Занаш ҷаҳмандор буд. Ҳар рӯз ду хел авқот мепухт: фатирмаскаву далдагӣ. Таомҳоро дар хурмаҳо мегирифту аввал фатирмаскаро бурда, ба ҷаҳмандонаш медод, баъд далдагиро барои шавҳараш меовард. Додари Ҳасанак фаҳмид, ки янгааш ҷаҳмандор аст, аз ақибаш поид.

Як рӯз як ҷаҳманди занак гуфт, ки имрӯз ман ба замини

дигар меравам. Занак ба вай тухми пухтагӣ дод, ки то сари ҷуфт хӯрда-хӯрда биравад ва занак аз рӯи пӯчоқи тухм ҷои кори ӯро ёбад.

Ҳасанак инро фаҳмида ҳамаи пӯчоқҳои тухмро мечинаду дар рӯи роҳи акааш мечошад. Нимрӯзӣ занак дар ду хурма авқот гирифта, аз рӯи пӯчоқҳои дар роҳ рехтагӣ рафтан гирифт, ки ба сари ҷуфти шавҳараш расид.

Шавҳараш ду хурмаро дар дасти занаш дида ҳайрон шуд, чунки ҳар рӯз занаш як хурма меовард, имрӯз барои чӣ ду хурма овардааст. Занак ба ҳар тараф нигоҳ карда, дар теппаи пешорӯ ҷаҳмандашро дид. Ба шавҳараш гуфт:

— Бирав, ҳамсоята гӯй, омада ҳамроҳат хӯрок хӯрад.

Мардак, ки инҳоро шинохта буд, ба сӯяш омадани шавҳари занакро дида, гурехта рафт. Шавҳари занак гашта омада гуфт:

— Падарлаънат, девона будаст. Мана дида гурехт.

Занак фаҳмид, ки ин кор аз дасти Ҳасанак вайрон шудааст, хурмаҳоро гирифта ба хона омад. Дар сари роҳ як сафедори бузургвор буд, занак дар пеши ҳамин сафедор даст бардошта дуо кард:

— Эй сафедори бузург, агар чашмони Ҳасанак кӯр шавад, қӯчқори сурха худоӣ медиҳам.

Ҳасанак, ки дар зери алафҳо пинҳон шуда буд, «омин» гуфт. Занак хурсанд шуд, ки сафедор «омин» мегӯяд.

Бегоҳӣ, вақте ки онҳо дар хона ҷамъ шуданд, Ҳасанак гуфт:

— Ака, чашмонам хира шудаанд, дигар дида наметавонам.

Пагоҳӣ онҳо ба кор рафтанд, занак қӯчқори сурхро кушт. Нисфирӯзӣ Ҳасанак ба хона омад. Вай ба янгааш гуфт:

— Ман бисьёр гушна мондам.

Янгааш аз шунидани ин гап хурсанд шуду гуфт:

— Ман аз тӯшабарӣ омадам, ки қӯчқори сурх қарибимурдан аст. Баъд куштамаш. Ана, дар дег гӯшт аст, бирав, бигиру бихӯр.

Ҳасанак се бор рафта гӯшт хӯрд, баъд дар ҷояш нишасту бо овози ларзон гуфт:

— Янга, чашмони ман якбора кӯр шуданд, дигар ҳеҷ чизро намебинам.

— Ношукр,— гуфт янгааш,— акнун чӣ кор мекунӣ? Бирав дар пеши дарвоза гандумбоӣ кун, ман дар хона дӯғ мекашам.

Вай дасти Ҳасанака гирифта бурду дар пеши гандум шинонд. Баъди рафтани янгааш вай як чӯби ғафс гирифта, дар

ҳамон ҷо нишаст. Дид, ки як ҷаҳманди янгааш омада истодааст. Вақте ки вай дарвозаро ҳуй кард, Ҳасанак бо чӯби ғафс ба сараш чунон зад, ки мардак дар ҷояш афтид.

— Ой янга, биё, ки мурғ буд ё чизе дигар, ки патар-патар мекунад.

— Оҳ, ҷувонимарг, мурғи мардума куштӣ, акнун чӣ ҷавоб медиҳӣ? — гуфт вай ва мурдара гирифта бурд.

Ҳасанак дид, ки боз яктаи дигараш меояд. Инашро ҳам заду фарьёд кард:

— Ҳой, янга, биё ки буз аст ё чизи дигар, ки дасту по мезанад!

— Оҳ, ҷувонимарги ношукр, мурғи мардума куштӣ! Ин номаъқулиро накун, ки худатро мекушам! — гуфт занак ва инро ҳам гирифта бурд.

— Янга, ман дигар гандумбонӣ намекунам. Боз ягон чизи дигарро мезанам.

— Бишин, ҳамон ҷо, ношукр!

Ӯ дид, ки боз яктаи дигараш меояд. Бача инашро ҳам бо баҳонаи гӯсфанд зада кушт. Янгааш омада ӯро хеле зад. Лекин вай сир бой надода, хап мешишт. Баъд янгааш гуфт:

— Ба акаат нагӯй, ки ман молҳои мардумро зада куштам, ки вай туро мекушад.

— Ҳасанак бегоҳӣ омадани акааша дида, ба гирья даромад:

— Акаи ҷон, чашмони ман кӯр шудаанд. Дигар чӣ кор мекунам?

— Ман чӣ кор кунам, ки чашмони ту сиҳат шаванд?

— Ман ҳамон ҷо хоб будам, як мӯсафед омада гуфт, ки акаат ки омад, биравад, кулиҳоро бишканаду аз ордҳои дар танаи онҳо часпида дар чашмони ту бимолад, сиҳат мешавӣ. Маро ҳам ҳамроҳат бар, акаҷон.

Вай дасти додарашро гирифта, ба хона даромад ва ҳамаи кулиҳоро зада шикаст, ки аз даруни се кулӣ се мурда баромад.

— Ана чашмони ман сиҳат шуданд, акаҷон,— гуфт бачаву ҳамаи ҳодисаро нақл кард.

## ЛУҒАТИ КАЛИМА ВА ИБОРАҲОИ ЛАҲҶАВӢ

*Аврупилон* — аэроплан
*Аёс* — насими сард, номи шахс
*аламоға* — аламҳоитро
*алохун* — хотирпарешон
*алови лар* — тапакалов
*ар-ар* — шамшод, сафедор
*ас* — асло, ҳаргиз
*аспи раҳдор* — аспи даванд
*афтова* — офтоба
*аша* — як навъи ҳашарот

*Байд* — байт, шеър
*балница* — больница, касалхона
*бангӣ* — бангзада, кӯкнорӣ
*банча* — бандча
*бармол* — теғаи кӯҳ ё теппа
*батарай* — бадтар аст
*бахши* — барои
*баъмед* — баумед
*баҷо шудан* — пинҳон шудан
*биёва* — биёбад
*бирешум* — абрешум
*бите, буте* — бидеҳ
*бедимоғ* — димоғсӯхта
*белавз* — белафз, беаҳд, бевафо
*бесаврӣ* — бесабрӣ, бекарорӣ
*бест* — бинист
*бефара* — бемадор
*бово* — падар
*борун* — борон
*боша* — бошад
*боҷа* — шавҳари хоҳари зан
*бовот* — species бобоят
*бугард* — биград
*буген* — бигӯед
*бунг* — бом
*бур* — малла
*бурава* — биравад
*бучош* — бипош
*б (у) шка* — бишикан
*бушол* — номи дарахт

*Вардор* — бардор
*ваянӣ* — (военный) -ҳарбӣ
*вегаҳ* — бегоҳ
*вех* — бех, назд
*воре* — барин

*Даврун* — даврон
*далдағӣ* — номи хӯрок
*дарбича* — дарича
*дастбела* — дастпӯшак
*дақ* — пахмок
*девол* — девор
*деволи пурнам* — кинояи аз ғаму андӯҳ
*декун* — болои суфа
*долун* — долон, айвон
*достак* — фароштурук
*дуду шифо* — якнавъи табобат дар тиббы халқӣ
*дул* — дӯл,куттии чӯбине, ки аз он гандум ба сӯрохи осиёбсанг мегардад

*Ела* — теппа
*ёмбош* — якпаҳлӯ

*Зангол* — зангор, занг зада
*заранг* — номи дарахт
*зарғов* — як навъ парранда
*заъфарон* — хазон, рангзард, номи гиёҳ
*зика* — ороста
*зиқу пуқ* — ниҷиқӣ, асабонӣ шудан, хӯрдагирӣ
*зунук гирифтан* — аз тарс чизе гуфта натавонистан
*зугор* — мағор
*зуҳун* — забон

*И* — ин
*ино* — инҳо

## НОМИ МАВЗЕЪҲО

*РАЙОНИ ҒАРМ:* Навобод, Тоҷикобод, Ҳоит, Аскалун, Сорбоғ, Сари Шуҳон, Булкос, Парвоғ, Додбахт, Яхакпаст, Куртинг, Қалнок, Янғолиқ, Нушори Поён, Лангари Шоҳ, Нушор, Бедак, Шул, Хилпоӣ, Шулмак, Когон, Вардуч, Мазори Шинг, Шуле, Поҷо, Кадара, Сари Най, Нимич.

*РАЙОНИ КОМСОМОЛОБОД:* Яхч, Сариҷӯй, Миёнадара, Хоҷа Айий, Дегай, Зором, Сари Чар, Талхакчашма, Сеч, Мучихарф, Сангдевор, Кумбак, Рувотак, Роғуни Боло, Роғуни Поён, Гаги Камар, Юс, Файров, Дара, Зуманак, Яхак, Истук, Лайрон, Ҳакимӣ, Тегирмӣ, Алигалабон, Самсолиқ, Тавилдара, Севар, Сичароғ.

*РАЙОНИ ҶИРГАТОЛ:* Пилдон, Ҷилондӣ, Сайрон, Лахш.

*РАЙОНИ ФАЙЗОБОД:* Оби Гарм, Қалъаи Дашт, Гумбулок, Дубела, Чойникудӣ, Мискинобод, Кумок, Ҳайҷаҳмадӣ ва ғайра.

## МУНДАРИЧА


Тӯшаи роҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . 6

Рубоиҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . 19

**Суруд ва марсияҳо** . . . . . . . . . . . . . 127

Эй гул, харидорат манам . . . . . . . . . . 127
Эй меҳрубонам . . . . . . . . . . . . . 127
Дуру дурдонаи ман . . . . . . . . . . . 128
Парвоз кун . . . . . . . . . . . . . . 129
Об омад . . . . . . . . . . . . . . . 129
Дар орзӯи ғамза . . . . . . . . . . . . 130
Ман падару ту оча . . . . . . . . . . . 130
Марсияи Ҳасан . . . . . . . . . . . . 130
Марсияи Усмон . . . . . . . . . . . . 131

**Таронаҳои бачагона** . . . . . . . . . . . . 132

Мол омад . . . . . . . . . . . . . . 132
Ҳиргина . . . . . . . . . . . . . . . 132
Арғамчин . . . . . . . . . . . . . . 132
Шоҳпарӣ . . . . . . . . . . . . . . . 133
Осмон ситора дора . . . . . . . . . . . 133

**Сурудҳои маросимӣ** . . . . . . . . . . . . 133

Арӯсбаророн . . . . . . . . . . . . . 133
Сартарошон . . . . . . . . . . . . . 135
Барор-барор . . . . . . . . . . . . . 136
Шонаи шамшодакам. . . . . . . . . . . 136
Байт ва қитъаҳо . . . . . . . . . . . . 137
Дубайтиҳо . . . . . . . . . . . . . . 140
Зарбулмасал, мақол ва ибораҳои рехта . . . . . 142
Чистонҳо . . . . . . . . . . . . . . . 162

**Ривоятҳо** . . . . . . . . . . . . . . . 168

Луқмони Ҳаким . . . . . . . . . . . . 168
Зоғ . . . . . . . . . . . . . . . . . 168
Акка . . . . . . . . . . . . . . . . . 168

Пудина . . . . . . . . . . . . . . . 169
Табобати шоҳ . . . . . . . . . . . . . . 169
Аз ҳаё сиҳат шуд . . . . . . . . . . . . . 170
Подшоҳи фарбеҳ . . . . . . . . . . . . . 170

Афсонаҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . 171

Ҳуҷкунгур . . . . . . . . . . . . . . 171
Оҳуи якшох . . . . . . . . . . . . . . 175
Орифу Мошл . . . . . . . . . . . . . . 179
Гург . . . . . . . . . . . . . . . 180
Ҳасанак . . . . . . . . . . . . . . 184

Луғати калима ва ибораҳои лаҳҷавӣ . . . . . . . 187

Номи мавзеъҳо . . . . . . . . . . . . . . 190

*Барои бачаҳои синни калони мактабӣ*

ФОЛЬКЛОР ДОЛИНЫ КАРОТЕГИНА

*(На тадж. языке)*

Муҳаррири масъул *Р. Амонов*
Муҳаррирон *А. Маҳмадшоев* ва *М. Назарова*
Рассом *Г. Крассовский*
Муҳаррири расмҳо *В. Будный*
Муҳаррири техникӣ *Н. Письменская*
Мусаҳҳеҳ *С. Холов*

**ИБ № 865**

Ба матбаа 26. 09. 85 супурда шуд. Ба чопаш 7. 03. 86 имзо шуд. Коғази типографии № 2. Ҳуруфи мактабӣ. Чопаш барҷаста. КЛ № 05770. Формати $60\times84^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 11,16. Ҷузъи рангаи шартӣ 12,322. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 7,823. Адади нашр 4500 нусха. Супориши № 2566. Нархаш 45 тин.

Нашриёти «Маориф»-и Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. 734063. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. 734063. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.